РӮЗИЕВ Т. Б., МАСТОВ А.Ҷ., РӮЗИЕВ Х.Т., АЮБОВ Б.М.

( ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ )

# ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ ГӮШТ

**Д У Ш А Н Б Е 2021**

**Рӯзиев Т.Б., Мастов А.Ҷ., Рӯзиев Х.Т., Аюбов Б.М**. Дастури таълимӣ : «Технологияи истеҳсоли гӯшт». Душанбе 2021 , 100 саҳ. (дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ тавсия шудааст).

МУҚАРИЗОН:

1. **Шарипов А.** – профессори кафедраи парандапарварӣ ва занбӯри-асалпарварӣ , д.и.к.;
2. **Сафаров Т.С**. – мудири кафедраи зоотехнияи ҷузъӣ, н.и.к.;
3. **Ахмадалиев Н.А**. – кормади пешбари шуъбаи селексия ва техно-логияи чорвои ширии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, д.и.к.

**Муҳаррир:**

Мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, н.и.ф. Дӯстов К.А.

Дастури таълимӣ дар асоси барномаи корӣ аз фанни «Чорвои калони шохдор ва технологияи истеҳсоли шир ва гӯшт» тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фаннӣ «Техно-логияи истеҳсоли гӯшт» истифода карда мешавад. Дар он 19 машғулият оварда шудааст, ки тамоми ҷабҳаҳои чорвои гӯштиро дар бар мегирад.

Аз дастури таълимӣ асосан донишҷӯёни факултаҳои зооинженерӣ, тиббӣ ветеринарӣ, иқтисодӣ, механиконии кишоварзӣ, агробизнес мета-вонанд истифода намоянд.

**Рӯзиев Т.Б., Мастов А.Ҷ., Рӯзиев Х.Т., Аюбов Б.М**.

**Душанбе ДАТ, 2021**

## Машгулияти 1. Ба ҳисоб гирифтани рушт ва инкишофёбии чорвои гӯштӣ

**<u>Мақсади дарс</u>.** Шинос шудан бо хусусиятҳои асосие, ки маҳсулнокии гӯштии чорворо аз нигоҳи рушт ва инкишофёбӣ шарҳ медиҳад.

**<u>Мазмуни дарс ва гузаронидани он.</u>** Дар амал оид ба ҳисобгирии рушт ва инкишофёбии чорвои калони шохдор онхоро бар мекашанд ва вазнафзункуниро дар ҳар моҳ нишон медиҳанд. Аз рӯи нишондодҳои вазни зинда - вазнафзункунии аслӣ, нисбӣ ва шабонарӯзиро бо формулаҳои зерин муайян мекунанд:

1.Вазнафзункунии аслӣ

$$X = Wt - Wo$$

Wt-вазни охир;

Wo-вазни аввал

2.Вазнафзункунии нисбӣ

$$K = \frac{Wt - Wo}{Wo} \times 100$$

3.Вазнафзункунии шабонарӯзӣ

$$\frac{Wt - Wo}{t}$$

t-30 руз

Ба ғайр аз чунин намуди баҳодиҳӣ боз аз нишондодҳои баъд аз куштани чорво (вазни холис, баромади тозаи гӯшт,ба қисмҳо тақсим кардани гӯшт, таркиби химияви ва таъму сифати гӯшт)низ баҳо медиҳанд.

**Вазни чорвои кушташуда** - ин чорвои кушташударо бекалла, почаҳо то буҷулакҳо, пуст ва қисмҳои даруни меноманд.

**Вазни холис**. – вазни ҷасад ҷамъи вазни равғани дохилӣ.

**Баромади тозаи гӯшт.** – ин нисбати вазни холис ба вазни пеш аз кушташуда, ки бо фоиз ифода карда мешавад.

Қисмҳои алоҳидаи бадани чорво аз рӯи ғизонокӣ, таъм ва лаззат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ гӯштӣ қисмҳои бадани чорворо ба се навъ аз рӯи ГОСТ – 7595 – 79 барои чорвои калони шохдор ва ГОСТ – 8475 – 25 барои ҷавонаҳо ҷудо мекунанд.

Навъи – 1. Қисмҳои тахтапушт, қисмҳои қафо, сари сина

Навъи – 2. Шонаҳо, китф, шикам

Навъи – 3. Гӯшти ҷойҳои буридаи гардан, пойҳои пеш ва қафо.

Барои муайян кардани коэффитсиенти гӯшти лахмро ба устухон тақсим мекунанд.




Расми 2. Нақшаи тақсим кардани гӯшти тана барои фурӯш:

1навъ: 1- рон ва қафо; 2- тахтапушт; 3- миён; 4- шонаҳо; 5- китф; 11 навъ: 7- гардан; 8-шикам; 111 навъ: 9-буриши гардан; 10-буриши пойҳои пеш; 11- буриши пойҳои қафо.

**Вазифаи 1.** Ҳангоми кушатни буққачаҳои зоти сиёҳ-ало дар синни 18мохагӣ вазни зиндааш 444 кг, ҳангоми таваллуд 31,5 вазни кушташуда 421,5 кг, вазни ҷасад – 230 кг, равғани дарунӣ – 10,43 кг, пуст – 35 кг. Ҳангоми гӯштро аз устухон ҷудо кардан 174,4 кг гӯшти лаҳм ва 36,8 кг устухон ба даст оварда шуд. Вазни холис, баромади тозаи гӯшт ва коэфиссиенти гӯштиро ҳисоб кунед.

**Вазифа 2.** Аз рӯи ҷадвали додашуда вазни асли, вазни нисби ва вазни шабонарузиро ҳисоб кунед.

**Ҷадвали 1 - Тағъирёбии вазни зиндаи гӯсолаҳои зоти сиёҳало**

| Синну сол | Вазни зинда, кг | Вазни асли, кг | Вазни нисби, % | Вазнафзункунии шабонарӯзӣ, г. |
|---|---|---|---|---|
| Ҳангоми таваллуд | 38 | | | |
| 1. | 61,1 | | | |
| 2. | 79,2 | | | |
| 3. | 102,9 | | | |
| 4. | 127,2 | | | |
| 5. | 149,7 | | | |
| 6. | 168,8 | | | |

Вазифаи 3. Ҷадвали 2-ро истифода бурда вазни холис ва баромади тозаи гӯштро муайян намоед.

Ҷадвали 2. **Натиҷаҳои чорвои гӯштии зотҳои гуногун дар шароити минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурии Тоҷикистон (Норов А.Н.)**

| Зоти чорво | Синну сол | Вазни зинда, кг | Вазни ҷасад, кг | Барома-ди тозаи гӯшт,% | Вазни чарбуи дохили, кг | Барома-ди чар-бу,кг | Вазни холис, кг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сарсафеди қазокӣ | 15 | 281,6 | 156,5 | | 2,53 | | |
| Абердин ангус | 15 | 292,5 | 162,3 | | 3,40 | | |
| Қалмикӣ | 24 | 525,7 | 295,7 | | 26,5 | | |
| Дурагаи қазокӣ бомаҳаллӣ | 15 | 260,3 | 143,6 | | 3,0 | | |
| Маҳаллии бех-гашта | 15 | 262,3 | 145,6 | | 3,57 | | |

## Машғулияти 2. Муайян намудани фарбегии чорвои калони шохдор

<u>**Мақсади дарс.**</u> Шинос шудан бо усулҳои муайан намудани дараҷаи фарбеҳии чорво. Усулҳои дараҷаи фарбеҳиро муайан кардан.

**Методикаи иҷроиши кор.** Фарбеҳи дараҷаи инкишофёби мушакҳои чорво ва ҷамъ шудани равған дар зери пӯст,дар бадани чорво дар узвҳои даруни ва байни мушакҳо мебошад. Фарбегиро ҳангоми зинда будани чорво ва баъди кушташуданаш (аз рӯи ҷасад) муайян мекунанд. Ба фарбеги дар асоси талаботҳои стандартҳои давлати вобаста ба ҷинс ва синну соли чорво баҳо медиҳанд,(ҷадвали36-39).Чорвое, ки талаботи категорияи аз миёна паст ва дуюм ҷавоб намедиҳанд ба категорияи хароб дохил мекунанд. Дараҷаи фарбеҳиро аз рӯи экстерер,ҷамъшавии равғани зери пӯст ва инкишофёбии мушакҳо муайян мекунанд. Инкишофёбии мушакҳоро бо муоина намудан бо даст, гирдшакл шудани бадан, пур шудани ронҳо ва ба муоина намудани он, устухонҳои қабурға то кадом андоза аёнанд муайян менамоянд.Ҷамъшавии равғанро дар зери пӯст бо роҳи даст-даст кардани баъзе нуқтаҳои асосии бадан бо як

навбати ба худ хос муайян мекунанд. Дар навбати аввал ҷамъшавии равған дар мояхалта мушоҳида карда мешавад (1), (расми 32), дар қисми қафои чатан (2), дар барҷастагиҳои устухонҳои кос (3), дар атрофи устухонҳои миёну тахтапушт (4), устухонҳои сурин (5), дар атрофи устухонҳои қабурга (6), атрофи дил (7), чуқурии бикин (8),дар атрофи кӯҳон (9), қисми пеши тӯш(10), дар атрофи гулу (11), гардан (12),устухонҳои даст (13), атрофи ёл (14), пушти гуш (15). Мушоҳида намудани равған дар он қисмҳое, ки баъдтар захира мешаванд,аз он шаҳодат медиҳад, ки чорво дар дараҷаи ниҳоят баланд парвариш карда шудааст.




Расми 20. Нуқтаҳои захирашавии равған дар

Ҷадвали 3. **Дараҷаи фарбегии буққаҳо(барзагов)**

| Нишондодҳо | Дараҷаи фарбагӣ | |
|---|---|---|
| | Якум | дуюм |
| Шакли бадан | Гирд | Камтар камоншакл |
| Инкишофёбии мушакҳо | Хуб | Қанаотбахш |
| Туш, миён, тахтапушт ва қафо | Ниҳоят паҳн | Паҳн не |
| Устугонҳои қабурға | Барҷаста нестанд | Камтар барҷаста |

| | | |
|---|---|---|
| Рон ва шонаҳо | Пуршуда | кашидашуда |

**Ҷадвали 4. Дарачаи фарбегии буққа ва модагов**

| **Нишондодҳо** | **Дарачаи фарбаҳӣ** | | |
|---|---|---|---|
| | **Дарачаи олӣ** | **якум** | **дуюм** |
| Шакли бадан | Гирд | камтар камон шакл | камоншакл |
| Инкишофебии мушакҳо | Нагз | қаноатбахш | ғайриқаноатбахш |
| Устуғонҳои миён ва сутунмуҳра | барҷаста нестанд | барҷаста,аммо наонкадар | барҷаста намудор |
| Шона | камтар намудор | ҷудо шуда меистад | баръалонамудор |
| Сурин ва устухонҳои барҷастаи кос | гирдшакл намудор шуда меистад | намудор, наонқадар | баръало намудор |
| Рон | нағз пур шуда | камтар бардошта шуда | паҳн, бардошта шуда |
| Ҷойгирщавии рағани зери пӯст дар решаи дум. | хуб даст- даст мешавад. | даст-даст мешавад | мумкин даст- даст нашавад. |
| Устуғонҳои кос | ҳамон хел | ҳамон хел | ҳамон хел |
| Устуғонҳои сурин | ҳамон хел | даст-даст намешавад | даст-даст намешавад |
| Дар ду қабурғаи охир | -//- | -//- | -//- |
| Чатан | нағз пур шудааст | пуршавиаш суст | -//- |
| Мояхалта | калоншуда ва таранг | суст | кашида шуда бе ҷамъ шавии равған |

**Ҷадвали 5. Дараҷаи фарбегии ҷавонаҳои чорвои калони шохдор ва барзаговҳо дар синни аз 3-моҳа то 3-сола.**

| Нишондодҳо | Дараҷаи фарбеҳшави | | |
|---|---|---|---|
| | Баланд | миёна | лоғар |
| Шакли бадан | Гирд | На он қадар | Секунҷа |
| Инкишофёбии мушакҳо | Хуб | Қаноатбахш | Ғайри қаноатбахш |
| Шона,миён,қафо ва рон | Нағз пур шуда | Рон бардошта нашуда | -//- |
| Кӯҳон,сутунмуҳра,устухон-ҳои кос ва сурин | Барҷаста не | Камтар барҷаста | Барҷаста |
| Ҷамъшавии равғани зери пӯст: | | | |
| Дар решаи дум, устухонҳои кос ва чатан | Даст-даст карда мешавад | Мумкин нашавад | Намешавад |
| Мояхалта дар буққаҳои ахта | Ҷамъшавии равған мӯътадил | -//- | -//- |

Барои донистани он, ки оё равған захира шудааст, пеш аз ҳама ат-рофи решаи думро даст-даст мекунанд (аз устухони якуми сутунмуҳраи дум то устухони кос). Ин аз ду тарафи дум бо нарангушти калон ба муқобили дум палмосида мешавад. Ҳангоми даст-даст кардани чатан, чор ангушт дар дохил буда, ангушти калон дар берун ба пешу қафо ҳаракат мекунад. Ғафсии мушакҳоро дар атрофи сутунмӯхра муайян мекунанд. Барои ин дасти ростро ба тахтапушт гузошта бо ангушти калон аз тарафи чуқурии бикин мушакҳои зери пустро зер карда, мустаҳкамии мушакҳоро муайян менамоянд,ки он ба дараҷаи инкишофёбии онҳо шаҳодат медиҳад. Даст-даст кардани сари сина на

танхо захирашавии равғанро, балки тараққиёти мушакҳоро низ ифода мекунад. Ҷамъшавии равғани зери пуст дар атрофи гардан аз он шаҳодат медиҳад,ки чорво хуб парвариш карда шудааст. Дараҷаи фарбегии аниқи чорворо баъди куштан аз рӯи сифати ҷасад муайян кардан мумкин аст.

Ҷадвали 6. **Дараҷаи фарбегии гӯсолаҳои аз 14 рӯза то 3-моҳа**

| Нишондодҳо | Дараҷаи фарбеҳшави | |
|---|---|---|
| | Якум | дуюм |
| | Гӯсолаҳои ширмак, вазнашон на камтар аз 30кг | Гӯсолаҳле, ки хӯроки иловагӣ мехӯранд. |
| Рангҳои пардаи луобӣ: пилкҳои чашм | Сафед бе намудоршавии ранги сурхӣ | Мумкин сурчатоб бошад |
| милки дандон | Сафед ё камтар сурхчамонанд | Ҳамон хел |
| лаб ва ком | Сафед ё зардчамонанд | -//- |
| Тараққиёти мушакҳо | Қаноатбахш | Камтар қаноатбахш |
| Устухонҳои тахтапушт ва сутунмӯҳра | Осон даст-даст карда мешавад | Камтар баромадагӣ |
| Пашм | Ҳамвор | -//- |

Вазни пӯстро ҳангоми зинда будани ҳайвон аз рӯи методикаи Е.А.Арзуманян ба осони муайян кардан мумкин аст. Барои ин бояд ғафси, масоҳат ва вазни хоси пӯстро бояд донист. Ғафсии пуст бо штангенсиркул дар қисми мобайнии қабургаи охир ва дар болои буғуми даст чен карда мешавад. Ҳарду андозаро аз як тарафи бадани чорво мегиранд. Дар чойхое, ки чен карда мешавад муйро метарошанд. Пас аз муайян кардани ҳосили ҷамъи рақамҳои ба даст омада онҳоро ба ду тақсим мекунанд.

**Ҷадвали 7. Дараҷаи фарбегии буққаҳо ва гӯсолаҳо аз рӯи сифати ҷасадашон**

| Нишондодҳо | Дараҷаи фарбегӣ | |
|---|---|---|
| | якум | дуюм |
| | Нимтанаи буққаҳо | |
| Инкишофёбии мушакҳо | Хуб | Қаноатбахш |
| Шона, гардан ва қисми қафои рон | Барҷаста | На он қадар барҷаста |
| Устухонхои сутун-мухра, чорбанд | Ноаён | Намудор |
| | Нимтанаи гӯсолаҳои ширхӯр | Нимтанаи гӯсо-лаҳое, ки хуроки иловагӣ меги-ранд |
| Ранги гӯшт(барои гӯсолаҳо) | Гулобӣ- ширмонанд | Гулобӣ |
| Ҷойгиршавии равған | Атрофии гурдаҳо, кисми қафо ва рон | Камтар захира-шавии равған дар гурдаҳо ва қисми қафо |
| Инкишофёбии мушакҳо | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| Устухонҳои пушт ва су-тунмӯҳра | Ноаён | Камтар баромадагӣ |
| Рон | Пуршуда | -//- |

---

Барои муайян кардани масоҳати пуст андозаи дарозии тана аз нуқтаи пайвастшавии устухонҳои кос то пӯшти сар ва дарозии атрофи аз се як ҳиссаи бадан, ки баданро ба ду қисм ҷудо мекунад истифода менамоянд. Рақамҳои ба даст омадаро аз сантиметри квадрати ба детсиметри квадрати мегардонанд. Барои пурратар муайян кардани масоҳати пӯст нишондодҳои ба даст омадаро барои чорвои калони шохдор ба 4%, барои ҷавонаҳои 1-2 сола ба 5%, барои ҷавонаҳои то яксола ба 8% зиёд мекунанд.

Масоҳати пӯст дар он нуқтаҳое даст-даст карда мешавад, ки дар он ҷой ғафсии пӯстро чен мекунанд ва чандирии пӯстро низ муайян мекунанд. Барои муқоиса кардани нишондодҳои вазни хоси пӯст мумкин аст аз коэффитсиентхои пешниҳоднамудаи Е.А.Арзуманян, ки барои чорвои калони шохдори зоти тагили тартиб дода шудааст истифода намоянд: барои пӯсти мустаҳкам –1,3, миёна –1,2 ва ковок –1,1. Барои муайян кардани вазни пӯст ғавсии пӯстро ба масоҳат ва мустаҳкамии он зарб мезананд.

Тайёрии мустақилона ба дарс. 1. Методикаи дараҷаҳои фарбегии чорвои калони шохдор ва муайян кардани вазни пӯстро омӯзед.

2.Дар дафтари кориатон он талаботҳои ГОСТ-ро, ки дар намуди ҷадвал барои муайян кардани дараҷаи фарбегӣ дода шудааст навишта гиред.

3. Дар расми чорвои калони шохдор нуқтаҳои гирифтани андозаҳоро ва ғафсии пӯстро муайян кунед. Формулаи муайян кардани вазни пӯстро навишта гиред.

Масъалаи 1. Дар хоҷагии таълимӣ дараҷаи фарбегии чорворо муайян кунед. Дараҷаи фарбегии гӯсолаҳо ва буққачаҳоро аз 14 рӯзагӣ то 2 моҳагӣ муайян кунед.

Масъалаи 2. Дар чорвои хоҷагии таълимӣ ғафсӣ, масохат ва вазни пӯстро муайян кунед. Ҳамаи нишондодҳои ба даст омадаро ба намуди дар ҷадвали 8 дода навишта гиред.

Ҷадвали 8. **Масоҳат ва вазни пӯст**

| **Нишондодҳо** | **Ҷойи гирифтани андоза** | **Муайянкунӣ** |
|---|---|---|
| Ғафсии пӯст,см | Дар қисми миёнаи қабурғаи охир | 1-ум муайянкунӣ<br>2-юм муайянкунӣ<br>Ба ҳисоби миёна |
| | Дар болои буғуми китф | 1-ум муайянкунӣ<br>2-юм муайянкунӣ<br>Ба ҳисоби миёна |
| | Ҳамагӣ ба ҳисоби миёна | |
| Дарозии рости бадан,см | | |
| Дарозии атрофии қисми сеюми миён, см | | |
| Масоҳат, дм$^2$ | | |
| Иловадарори ба масоҳат %/дм$^2$ | | |
| Ҳамагӣ масоҳат дм$^2$ | | |
| Мустаҳкамии пӯст,кг/дм$^2$ | | |
| Вазни пуст,кг | | |
| Вазни зиндаи чорво,кг | | |
| Вазни пуст,% ба<br>Вазни зинда | | |

## Машғулияти 3. Омӯхтани таъсири омилҳои гуногун ба маҳсулнокии гӯштии чорвои калони шохдор

**<u>Мақсади дарс.</u>** Омӯхтани омилҳое, ки ба маҳсулнокии гӯштии чорво таъсир мерасонанд . Пайдо кардани таассурот дар бораи таъсири омили омӯхташаванда. Аз худ намудани асосҳои технологӣ ва беҳтар намудани даромаднокии истеҳсоли гӯшт.

Методикаи иҷроиши кор. Барои чорворо аз рӯи маҳсулнокии гӯштиаш баҳо додан аз нишондиҳандаҳои пеш аз кушташуданаш (вазни холис, баромади тозаи гӯшт, таркиби морфологӣ ва ба навъи гӯшт ҷудо кардани ҷасад, хусусиятҳои химиявӣ.таъм ва ғизонокӣ) истифода мебаранд.

Пас аз куштан аз чорво ҷасад, равған, калла-поча, ферментҳои эндокрини ва пӯст мегиранд.

**Ҷасад** – ин чорвои кушташударо бе калла, пӯст, қисмҳои даруни равғани даруни, қисми пеш (то зону), қисми қафоро (то буғуми пой) меноманд. Вазни холис – ин вазни ҷасад бо равғани даруни. Нисбати вазни холисро ба вазни пеш аз кушташуда баромади тозаи гӯшт меноманд, ки бо % ифода карда мешавад.

**Таркиби морфологии ҷасад гуфта** нисбияти узвҳои алоҳидаро: мушак, равған, узвҳои пайвасткунанда ва устухонро меноманд. Нисбати гӯшти лаҳм бар устухон коэффитсиенти гӯшти номида мешавад. Гӯшти қисмҳои алоҳидаи бадани ҳайвон аз рӯи сифати хурданбобиашон фарқ мекунанд. Аз ин рӯ гӯштро ба се навъ ҷудо мекунанд: барои чорвои калон ГОСТ 7595-55, барои ҷавонаҳо ГОСТ 8475-25. Ҳангоми коркарди маҳсулоти гӯшти ва ё таҷрибаҳои махсус гӯштро аз устухон ва равған, рагу пай, тағояк ва пайвандакҳо ҷудо мекунанд. Барои чорвои гӯшти аз

ҳама муҳим тезрасии он аст, ки дар асоси он инкишофёби ва балоғатрасии чорворо муайян мекунанд.

Барои даромадкнокии иқтисодиро муаяйн кардан аз нишондодҳои сарфи хӯрока барои истеҳсоли 1кг. вазни зинда; сарфи меҳнат барои парвариши чорво то куштан; арзиши аслии 1сентнер вазни изофашуда; даромади соф ва ё фоида аз ҳисоби фурухтан (фарқи байни маҳсулоти фурухташуда ва арзиши асли); даромаднокӣ (нисбати даромади соф ба арзиши аслии маҳсулот зарби 100 ва бо фоиз ифода карда мешавад. Пӯсте, ки аз чорво баъд кӯштан мегиранд дар асоси ГОСТ 1134-51 вобаста ба вазни пӯст, синну сол ва ҷинси чорво ба 2 навъ (категория) ҷудо мекунанд: калон, хурд. Ҳангоми иҷро кардани вазифаҳо аз чорвои гӯштие, ки дар ҳамон маҳал бештар паҳн шудааст истифода мебаранд. Таъсири омилҳои гуногунро ба маҳсулнокии гӯшти аз рӯи нақшаи зерин ба ҷо меоранд.

1.Муқоиса кардани нишондодҳои аслии маҳсулнокии гӯшти. Муайян кардани таъсири манфии омилҳои омӯхта шуда – дар кадом синну сол.

2.Муайян кардани фарқи синну сол ва нишондодҳои омӯхташаванда. Муайян кардани суръати сабзиш (суръати сабзиши асли нисби ва коэффитсиенти сабзиш дар синну соли гуногун). Ҳангоми иҷроиши ин қисм аз вазни зинд ва таркиби морфологӣ ва кимиёвии гӯшт истифода бурда ба балоғат расидани ҳайвонро муайян мекунанд.

3.Дар асоси андозаҳо ва индексҳо фарқияти устухонбандии ҳайвонро муайян мекунанд. Ин тағирёби то кадом андоза ба маҳсулнокии гӯштӣ таъсир расонданашро низ аниқ менамоянд.

4.Ҳангоми омӯхтани таркиби морфологӣ ва кимиёвии ҷасад нишондодҳои зеринро ба назар мегиранд: баромади бофтаю буридаҳо, қисмҳои хурданбоб ва серғизои гӯшт: нисбати қисмҳои хурданбоб ба

нохурданбоб сафеда ва равғани гӯшт, ғизонокии сафедаи гӯшт, тарзи ҷойгиршавии равған (дарунӣ, байни мушакҳо ва дохили онҳо)

5.Ҳангоми омӯхтани вариантҳои гуногуни ҷуфтикунони пайвастшавандагии зотҳо ва таъсири буққаҳои истеҳсолии гӯштиро ба наслашон, ки аз модаговҳои самти маҳсулнокиашон ширию гӯшти гирфта шудаанд муайян мекунанд.

6.Ҳангоми омӯхтани таъсири хуронидан ба таври иловагӣ ба инкишофёбии узвҳои даруни ва ҳазмшавии моддаҳои ғизоии хӯрокаҳо, то кадом андоза тайёр будани чорворо барои истеъмоли хӯрокаҳои растанигӣ муайян мекунанд.

7.Самаранокии иқтисодии парвариши чорвои калони шохдор ва бурдоқикунии онро аз рӯи сарфи хӯрока, арзиши асли ва даромаднокии маҳсулот муайян мекунанд.

8.Дар охир хулосаи умуми карда бо кадом сабабҳо ва бо таъсири кадом омил тағир ёфтани маҳсулнокии гӯштиро шарҳ медиҳад. Ба ғайр аз ин усули беҳтаринро, ки ба маҳсулнокии гӯшти таъсир мерасонад муайян мекунанд.

<u>**Тайёрии мустақилона ба дарс**</u>. Усулҳои баҳо додани сифати гӯшти чорво ва шакл гирифтани чорвои гӯштиро дар зери таъсири омилҳои гуногун омӯзед.

**Масъалаи 1**. Зотҳои гуногуни чорвои калони шохдорро байни ҳамдигар муқоиса кунед. Вазнафзункунии аслӣ, нисби ва шабонарӯзиашонро муайян кунед (ҷадвали 9). Ҳар яки онҳоро ба тариқи хати каҷ нишон диҳед. Хулосаатонро оиди таъсири зот ва маҳсулнокии гӯшти ва вазни зинда шарҳ диҳед.

Ҷадвали 9 - **Вазни зиндаи буққачаҳои зотҳои гуногун (кг)**

| Зот | Синну сол, моҳ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳангоми таваллуд | 6 | 12 | 18 |
| Сурхи даштӣ | 28,4 | 157,9 | 308,2 | 442,0 |
| Сиёх-ало | 38,7 | 168,0 | 326,5 | 491,0 |
| Симменталӣ | 40,1 | 232,0 | 444,2 | 571,0 |
| Герефордӣ | 28,4 | 176,0 | 331,4 | 441,0 |
| Қалмикӣ | 29,5 | 184,5 | 324,0 | 463,0 |
| Қазоқии сарсафед | 28,4 | 176,0 | 324,0 | 441,0 |
| Шароле | 50,0 | 287,0 | 525,0 | 665,0 |
| Санта-гертруда | 30,0 | 198,6 | 525,0 | 507,9 |

**Масъалаи 2**. Суръати инкишофёбии буққачаҳо ва гӯсолачаҳои зотҳои гуногунро муқоиса кунед (ҷадвали 44). Тағирёбии вазни зиндаро ба тариқи ҷадвал нишон диҳед. Муайян кунед, ки то чи андоза ҷинс ба маҳсулнокӣ таъсир мерасонад.

**Ҷадвали 10 - Вазни зиндаи буққачаҳо ва гӯсолачаҳои зотҳои гуногун(кг)**

| ЗОТ | Ҷинси ҳайвон | Сину сол, моҳ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳангоми таваллуд | 6 | 12 | 18 |
| Сурхи даштӣ | Буққачаҳо | 28,4 | 157,9 | 308,9 | 442,3 |
| | Гӯсолачаҳо | 28,4 | 145,8 | 224,8 | 316,8 |
| | Буққаҳо/гӯсолаҳо,% | | | | |
| Холмогорӣ | Буққачаҳо | 40,3 | 199,1 | 358,0 | 407,4 |
| | Гӯсолачаҳо | 38,0 | 181,8 | 318,5 | 385,4 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Буққаҳо/гӯсолаҳо,% | | | | |
| Симменталӣ | Буққачаҳо | 40,1 | 232,0 | 441,0 | 571,0 |
| | Гӯсолачаҳо | 38,0 | 214,6 | 338,0 | 435,0 |
| | Буққаҳо/гӯсолаҳо,% | | | | |
| Швидси | Буққачаҳо | 38,6 | 168,0 | 308,0 | 515,0 |
| | Гӯсолачаҳо | 35,1 | 158,1 | 248,0 | 322,0 |
| | Буққаҳо/гӯсолаҳо,% | | | | |
| Герефорди | Буққачаҳо | 36,6 | 177,9 | 319,0 | 430,0 |
| | Гӯсолачаҳо | 33,5 | 175,7 | 297,6 | 396,0 |
| | Буққаҳо/гӯсолаҳо,% | | | | |
| Шароле | Буққачаҳо | 50,0 | 287,0 | 526,0 | 650,0 |
| | Гӯсолачаҳо | 46,0 | 260,0 | 360,0 | 448,0 |
| | Буққаҳо/гӯсолаҳо,% | | | | |

Масъалаи 3. Аз ҷадвали 45 истифода бурда вазни холис ва баромади тозаи гӯштро ҳисоб кунед. Таъсири зотро ба маҳсулнокии гӯшти муайян намоед.

**Ҷадвали 11 - Маҳсулнокии гӯштии ҷавонаҳои зотҳои гуногуни чорвои калони шохдор**

| Нишондодҳо | Зоти чорво | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Сурхи даштӣ | Сиёҳало | Симменталӣ | швидси |
| Синну сол,мох | 18 | 18 | 18 | 18 |
| Сарфи вохиди хурока: | | | | |
| ҳамагӣ | 3374 | 3199 | 3251 | 3682 |
| ба 1кг вазни зинда | 7,7 | 7,75 | 8,7 | -- |
| Вазни пешазкушташуда,кг | 422,4 | 421,5 | 386,0 | 527,7 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Вазни ҷасад , кг | 227,1 | 230,0 | 199,7 | 300,4 |
| Вазни равғани даруни, кг | 16,9 | 10,4 | 21,4 | 10,9 |
| Вазни холис, кг | | | | |
| Баромади тозаи гӯшт,% | | | | |
| Ҷасад аз инҳо иборат аст: % | | | | |
| гӯшти лаҳм | 78,5 | 75,8 | 81,3 | 78,1 |
| устухон | 17,5 | 16,0 | 19,0 | 17,1 |
| Гӯшт аз инҳо иборат аст: % | | | | |
| сафеда | 20,1 | 19,4 | 19,4 | - |
| равған | 12,8 | 3,95 | 6,6 | - |
| Ғизонокии 1 кг гӯшт, ккал | 2369 | 1729 | 1734 | - |

## Машғулияти 4. Ташкил, тарзи қабул ва ба гӯшт супоридани чорво

**Мақсади дарс.** Шинос шудан бо ҳамаи он талабҳое, ки ҳангоми супоридан ва қабули чорво ба гӯшт талаб карда мешавад.

**Методикаи иҷроиши кор.** Супоридан ва қабули чорвои калони шохдор, ки хоҷагӣ парвариш кардааст бо ду роҳ баҷо оварда мешавад:

а) аз рӯи вазни зинда;

б) аз рӯи сифати гӯшт.

**Супоридан ва қабули ҳайвон аз рӯи вазни зинда.** Ҳар як хоҷагие, ки гӯшт месупорад ба муассисаҳои коркарди гӯшт вобаста карда мешаванд. Дар асоси нақшаи давлатии хариди чорво байни онҳо шартнома имзо карда мешавад. Илова аз шартнома ҳар моҳ то 15-ум ба тариқи ҷадвал тақвими супоридани чорворо ба моҳи оянда месозанд. Дар он ҷо саршумор, вазни зинда ва рӯзи овардани чорворо нишон медиҳанд. Барои супоридан ҳамон чорвое роҳ дода мешаванд, ки гирифтори ягон касали набошанд ва ба талаботҳои санитарӣ-бойторӣ ҷавобгӯ бошанд.

**Тайёр кардани чорво барои ба гӯшт супоридан.** Пеш аз баровардани чорво аз хоҷагӣ 3 соат пеш аз хуроккӯри ва обнушии охирон ҳамаи чорворо боз як бор аз назар мегузаронанд, рақам ва гарданбандҳояшонро ба тартиб меоранд ва бармекашанд. Баъд чорворо ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд.

Ин гурӯҳҳо: а) аз ҷавонаҳо, ки вазни зиндаашон 300кг ва зиёда, б) аз буққаҳои фарбеҳшуда, синну солашон то 2-сола буда вазни зиндаашон аз 300 кг ва зиёда аст иборатанд.

Ба ҳар як гурӯҳи чорвое, ки аз хоҷагӣ бароварда мешавад ведомост, ки аз 3 нусха иборат аст ва шаҳодатномаи бойторӣ тартиб дода мешавад. Дар он ҷо рақами чорво, вазни зиндаи он қайд карда мешавад. Як нусхаи он дар хоҷагӣ нигоҳ дошта шуда дутои дигараш ба ҳамон шахсе, ки чорворо роҳбаладӣ мекунад дода мешавад. Пас аз супоридани чорво як нусхаи он дар ҳамон муассиса нигоҳ дошта мешавад ва нусхаи дигараш бо кайдҳои махсус ба хоҷагӣ баргардонида мешавад. Феҳрест аз тарафи шахсони масъул аз як тараф супоранда ва аз тарафи дигар қабулкунанда, роҳбари хоҷагӣ ва сарҳисобчии хоҷагӣ имзо гузошта мешавад.

**Тарзи овардани чорво.** Талаботҳое, ки ҳангоми овардани чорво ба ҷо оварда мешавад ин беталаф овардани саршумори ҳайвонот ва нигоҳ доштани дараҷаи фарбегии онҳо мебошад. Ҳамаи он воситаҳои наклиётие, ки дар он чорво оварда мешавад аз назар гузаронида шуда, нуқсону камбудиҳояшон бартараф карда мешаванд. Овардани чорво танҳо бо иштироки шахси масъул, ки роҳбаладиро ба ухда дорад баҷо оварда мешавад.

**А. Овардани чорво ба тариқи ҳайкарда омадан.** Ҳангоми ташкили гуруҳҳо снину сол, ҷинс ва саломатии онҳо ба назар гирифта мешавад. Дар гуруҳҳо аз 150-200 чорвои калон ва чавонаҳо аз 250 сар иборат аст.

Пеш аз овардани чорво роҳи кутоҳтарин, намуди роҳ, чойгиршвии маҳал, нуқтаҳои дамгири ва обнушии чорво ба инобат гирифта мешавад.

Агар бо он роҳе, ки чорво оварда мешавад чарогоҳ набошад, пас аз ҳар 7-10км чорворо мечаронанд.

Муваффақияти ин тарзи овардани чорво аз риоя кардани қоидаҳои зерин аст:

Суръати ҳаракати чорво дар рӯзҳои аввал аз 10км зиёд набошад, баъдтар то 15км зиёд кардан мумкин аст. Дар он маҳалли роҳ, ки чарогоҳ ва ҷои обнӯши нест суръатро тез кардан зарур аст (25-30км дар як рӯз); ҳайкардани чорво аз субҳдам то торикӣ давом дода мешавад. Дар рӯзҳои гарм ва борони ҳай кардани чорво манъ аст; баъди ҳар 4-6км чорво дам дода мешавад (аз 2 то 5 соат), ин вақтро барои хӯронидани онҳо истифода мебаранд; баъди 6-8 рӯзи роҳпаймои ва гузаштани роҳҳои душвор ба чорво 1-2 рӯз истироҳат дода мешавад; дар рӯзҳои гарм дамгирии чорворо дар ягон баланди, ки шамолрав бошад ва ба об наздик бошад ташкил кардан зарур аст, дар рӯзҳои сард ва шамол дар пастхамиҳо ва ҷойҳои кам шамол; ҳар рӯз 2-3 маротиба баъди ҳар як соати дамгирӣ ба чорво об дода мешавад.

Ҳангоми муддати дароз ҳай кардани чорво бояд онҳоро аз таҳти назорати духтури бойторӣ гузаронид.

**<u>Б. Кашонидани чорво бо нақлиёти роҳи оҳан</u>.** Чорво 4-5 руз пеш тайёр карда шуда, тарзи хӯронидани онҳо дар роҳи нақлиёти роҳи оҳан мувофиқ гардонида мешавад. Барои кашонидани чорво аз вагонҳои махсус сохта шуда истифода мебаранд.

Чорво дар вагон ба дарозӣ ва ё кундаланг ҷой карда мешаванд. Меъёри ҷо ба ҷо кардани чорво: дар вагонҳои дучарха 8-12 сар чорвои калон ва вобаста ба вазни зиндаашон 18-25 сар гӯсола; дар вагонҳои чорчарха 2-2,5 баробар зиёд. Хоҷагие, ки аз он ҷо чорворо мебаранд дар роҳ онҳоро бо хӯрокаи хушсифат таъмин менамоянд, ки 8-12кг беда ва 2-3кг хӯрокаҳои махлут ба 1 сар вобаста ба вазни зиндаашон ҷудо карда мешавад. Чорво дар роҳ на камтар аз 3 бор хӯронида ва 2 маротиба об

дода мешаванд. Тарзи нигоҳ доштани чорво дар вагонҳо бояд риоя карда шавад. Дар роҳ ва ё истгоҳҳо дохили вагонҳо аз пору тоза карда шуда шамол бояд дода шаванд.

**В. Кашондани чорво ба воситаи наќлиёти автомобилӣ**. Барои кашондани чорво аз мошинҳои махсусе, ки борташон аз 2м, баланд аст истифода мебаранд. Ҳайвоноти ҷинсашон ҳархела алоҳида кашонида мешаванд. Меъёри кашондан вобаста ба борбрдории мошин ва вазни зиндаи чорво

ба ҳисоби миёна ба ҳар 100кг вазни зинда масоҳати 0,4м$^2$. Суръати ҳаракат то 55км/соат. 1-2 соат то бор кардан чорво бояд хӯронида ва об дода шавад.

**Қабули чорво.** Чорвои овардашуда аз нигоҳи бойторӣ гузаронида мешаванд: ҳуҷҷатҳои бо чорво овардашуда аз сар тафтиш карда мешавад. Ҳамаи он амалиётҳое, ки ҳангоми қабули чорво гузаронида мешаванд бояд дар ҳузури роҳбари хоҷагӣ ба ҷо оварда шавад. Пас аз қабул кардан қабулкунанда дар феҳрести гурӯҳ соати омадан, фаровардан, баркаш ва дараҷаи фарбеҳии ҳамаи чорво нишон дода мешавад.

Баъд аз он чорворо аз рӯи дараҷаи фарбеҳиашон бо назардошти синну сол ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. На камтар аз 2 соат баъд аз овардани чорво тамоми амалиётҳо оид ба қабул бояд хотима дода шавад. Чорвои овардашуда ҳатман бояд ҳамон рӯз қабул карда шавад, агар то 1 соат мондани рӯзи кори оварда шуда бошанд.

Баъди оне, ки чорворо бар мекашанд, шахсони супоранда ва қабулкунанда дар феҳрест имзо мегузоранд чорво қабулшуда ҳисоб меёбад ва масъулият ба ӯҳдаи шахси қабулкунанда мефарояд. Ҳангоми ба ҳуҷҷатҳо қайдҳои нав даровардан (баъд аз муайян кардани вазни зиндаи аслиашон) аз чорво он хӯрокаҳоеро, ки дар меъдаю рӯдаашон ҳаст ба инобат намегиранд. Ҳамин тариқ барои чорвое, ки на камтар аз 2

соат баъди омаданашон қабул карда шудаанд дар ҳаҷми 3%; ба чорвое, ки бо нақлиёти автомобили оварда шудаанд – агар масофа 50-100км бошад дар ҳаҷми 1,5%. Агар чорво то қабул аз 2 соат зиёд нигоҳ дошта шавад, он гоҳ барои хар як соати зиёд истоданаш вазни зиндаашон 0,5% кам карда мешавад.

Чорво ҳангоми қабул зиёда аз 2 соат бо нақлиёти автомобилӣ, аз масофаи зиёда аз 100км, 5 соат бо нақлиёти автомобилӣ дар масофаи 50-100км, 8 соат бо роҳи оҳан, пиёда ва ё бо нақлиёти автомобилӣ дар масофаи то 50км агар чорворо нахуронида бошанд, онҳоро бо ҳамон вазне, ки дар феҳрести гурӯҳ нишон дода шудааст бо ихтисори 3% барои хӯрокаҳои дар меъдаю рӯдаашон буда қабул карда мешаванд. Чорвое, ки дар масофаи зиёда аз 100км оварда шудаанд бе ягон ихтисоркуни қабул карда мешаванд. Барои чорвои қабулшуда квитансия пур мекунанд, ки нусхаи № НК-1 буда қабули гӯшт ба давлат ва нархи чорво дар он нишон дода мешавад.

**Нархгузори барои чорво ва ҳисоби он.** Чорво вобаста ба дараҷаи фарбеҳиашон нархгузорӣ карда мешаванд. Буққаҳое, ки дараҷаи 1-ум доранд аз рӯи нархи барои чорвои дараҷаи фарбеҳиашон баланд нархгузорӣ мешаванд, чорвое, ки дараҷаи 11 доранд аз рӯи нархи барои дараҷаи фарбеҳиашон миёна нархгузорӣ мешаванд. Дар он минтақаҳое, ки ба чорвои хароб нарх муайян намекунанд, онҳоро бо нархи 40% кам аз чорвои дараҷаи фарбеҳиашон миёна қабул мекунанд. Буққачаҳои то 2 сола, ки бо вазни 300кг ва зиёда супорида мешаванд аз рӯи дараҷаи фарбеҳиашон нархгузорӣ мешванд.

Чорвое, ки барои куштан оварда мешавад акт тартиб дода мешавад. Баъди куштан рақами дар гӯшти чорво буда ба қисми пеши ҷасад часпонида мешавад. Феҳрест аз чор нусха иборат тартиб медиҳанд ва сеюми онро ба шахси супоранда месупоранд. Дар феҳрест вазни ҳар як ҷасад, дараҷаи фарбегии он аз рӯи ГОСТ 5110-55, сифати гӯшт вобаста ба талаботи стандарт нишон дода мешавад.

Дар ҷасад тамга мегузоранд, ки сифати гӯштро муайян мекунад ва ҷавобгӯи ГОСТ 779-55 мебошад. Дар тарафи рости қафо мӯҳр зада мешавад, ки он дарҷаи фарбеҳии онро муайян мекунад (В-баланд, С-миёна, Н-лоғар). Дар гӯшти ҷавонаҳо ба ғайр аз ин боз ҳарфи М гузошта мешавад.

Нархи гӯшт барои чорвои калони шохдор аз рӯи нархномаи тартиб додашудаи давлати ҳисоб карда мешавад. Иниститути умумиҷаҳони Илмӣ – татқиқотии саноати гӯшт чунин формулаи ҳисоби нархи гӯштро пешниҳод намудааст

$$Д = \frac{00 \times Н}{В}$$

Д – нархи гӯшт

Н – нархи чорвои зинда вобаста ба дарачаи фарбеҳиаш

В – меъёри баромади тозаи гӯшт (% ба вазни зинда)

## Саволҳо барои дарси мустақилона

1. Нишондиҳандаҳои маҳсулнокии гӯшти кадомҳоянд?
2. Кадом дараҷаи фарбегии буққа ва модаговро медонед?
3. Нуқтаҳои захирашавии равған кадомҳоянд?
4. Дараҷаи фарбегиро кай муайян менамоянд?
5. Равғани зери пӯстро бо кадом роҳ муайян менамоянд?
6. Равған аввал дар кадом қисми бадани чорво захира мешавад?
7. Вазни пеш аз кушташуда гуфта кадом вазнро мегӯянд?
8. Вазни холис чист?
9. Баромади тозаи гӯшт гуфта чиро мегӯянд?
10. Ғафсии пӯстро бо кадом роҳ муайян менамоянд?

**11.** Масоҳати пӯстро чи гунна муайян менамоянд?

**12.** Чандирии пӯст ба чанд бояд баробар бошад?

**13.** Таркиби химявии гӯшт аз чиҳо иборат аст?

**14.** Кадом омилҳо ба маҳсулнокии гӯшти таъсир мерасонанд?

**15.** Кадом зотҳои гӯшти дар Тоҷикистон парвариш меёбанд?

**16.** Минтақаҳои парвариши зотҳои гӯшти кадомҳоянд?

**17.** Фарбеҳкунӣ аз бӯрдоқикуни чи фарқ дорад?

**18.** Ҷуфтикунонии саноатӣ гӯфта чиро мегӯянд?

**19.** Дар соҳаи гӯшти чи гунна аз дурагакуни истифода мебаранд?

**20.** Зотҳои гӯшти дар ҷумҳури  бо кадом зотҳо дурага карда мешаванд?

**21.** Вазни шабонрӯзи гуфта чиро мегӯянд?

**22.** Вазнафзункунии аслӣ чист?

**23.** Вазнафзункунии нисбӣ чист?

**24.** Воҳиди ченаки вазнафзункуии аслӣ, нисбӣ ва шабонарӯзиро фаҳмонед?

**25.** Дар структураи вояи хӯрокаи чорвои гӯшти кадом намуди хӯрокаҳо бояд  бартари дошта бошанд?

**26.** Коэффисенти гӯштиро чи гунна муайян менамоянд?

**27.** Гӯштро аз рӯи навъ ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?

**28.** Маҳсулнокии гӯшти аз синну сол вобастаги доранд ё не?

**29.** Барои ба гӯшт супоридан чорво кадом ҳуҷҷатҳо лозиманд?

**30.** Кандитсия гуфта чиро мегӯянд?

**31.** Чорворо бо кадом восита то комбинати гӯшт меоранд?

**32.** Суръати ҳай карда овардани чорво дар 1 рӯз чанд километр бояд бошад?

**33.** Баъди ҳар чанд  км  ҳай кардан чорво дам дода мешавад?

**34.** Меъёри кашондани чорво дар  вагонҳои  дучарха ва чорчарха чи қадар аст?

**35.** Ҳангоми кашондани чорво бо нақлиёти оби ба 1 сар чорво чанд $м^2$ ҷой ҷудо карда мешавад?

36. Дар нимтанаи чорво гузоштани штамп бо ҳарфҳои Б, М, Х ва Ҷ чи маъно дорад?
37. Пўсти чорворо чи хел коркард мекунанд?
38. Баъди чанд рўзи коркард кардан пўст бояд ба завод супорида шавад?
39. Ба ғайр аз гўшт боз кадом намуди маҳсуллоти иловагиро аз чорво медонед?
40. Кадом техникаи куштани чорворо медонед?
41. Барои истеҳсоли 1ц гўшт дар хоҷаги чанд воҳиди хўрока сарф карда мешавад?

## Машғулияти 5. Коркарди аввалаи қассобии чорво

**Мақсади дарс.** Шинос шудан бо корҳои ташкили ҳангоми коркарди аввалаи чорво. Аз худ намудани нақшаи технологии коркарди аввалӣ намудҳои гуногуни чорво.

**Маводҳо ва таҷҳизотҳо.** Таҷҳизотҳо барои забҳи чорво. «Риояи қоидаҳои беҳдошти ветеринарӣ ва экспертизаи санитарии гўшт ва маҳсулоти гўштӣ».

Протсесси технологии забҳи ҳайвонот ва ба қисмҳо ҷудо кардани гўшт аз чунин пайёмадҳо иборат аст: беҳушкунӣ; бехункунӣ ва ҷамъоварии хун; ҷудо кардани калла ва почаҳо; пўст кардан ва ҷудо кардани пўст; ҷудо кардани қисмҳои дарунӣ; ба нимтанаҳо ҷудо кардани тана; ба тариқи тар ва хушк тоза кардани тана; муайян кардани дараҷаи фарбегии гўшт.

Забҳи ҳайвон ва аз он ҷудо кардани пўст дар сехҳои махсусгардонидашуда гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи забҳи ҳайвонот аз онҳо гўшт ва маҳсулоти дуюмдараҷа (калла, пойҳо, забон, гурда, ҷигар, шу шва ғ.), рўдаҳо, равғани чарбу ва пўст мегиранд. Маҳсулоти гуштиро дар яхдонҳо нигоҳ медоранд, хун- барои истеҳсоли маҳсулоти хўрока, тиббӣ ва техникӣ истифода карда шуда, маҳсулоти дуюмдараҷа, рўдаҳо- ба сехи ҳасиббарорӣ, пўст- ба сехи коркарди аввал фиристода мешавад.

# БЕҲУШКУНӢ

Пеш аз забҳи чорво беҳушкунӣ- яке аз омилҳои асосии протсесси забҳ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми беҳушкунӣ чорво аз ҳаракат мемонад. Дар онҳо системаи асаб аз фаъолият мемонад, рефлекси асабҳои сутунмӯҳра ва нафаскашӣ аз фаъолият мебароянд, аммо ҳоло дил дар тапидан аст. Ҳангоми дуруст беҳушкунӣ, кифоя аст, ки дар пойҳо занҷир зада, ҳайвонро барои бехункунӣ бардоранд ва сурхнайро банданд. Танҳо чорвои калони шохдор ва хукҳоро беҳуш мекунонанд.

То имрӯз якчанд усулҳои беҳушкунӣ истифода мешавад: ба воситаи токи электрикӣ аз фаъолият боздоштани майнаи сар, бо роҳи задан аз фаъолият боздоштани системаи асаб, беҳушкуни ба воситаи гази карбон ва ё бо роҳи моддаҳои химиявӣ.

**Беҳушкунӣ ба воситаи барқ.** Дар корхонаҳои коркарди гӯшт се усули беҳушкунии чорвои калони шохдор истифода карда мешавад.

Аз рӯи нақшаи якум, ки Институти илмӣ-таҳқиқотии гӯшт пешниҳод намудааст, токи электрикиро дар пушти сари чорво пайваст намуда, пӯстро сӯрох менамоянд ва қувваи барқро ба тана ворид менамоянд. Шиддатнокӣ аз 125 то 200 В ҳангоми қувваи ток ба 1 А баробар будан ва давомоти нигоҳдорӣ 6-15 с (вобаста аз синну соли чорво) барои буққаҳо -15-30 с.

Аз рӯи нақшаи дуюм, ки комбинати гӯшти Боку истифода менамояд аз ду ноқил иборат аст, ки якеро дар пушти сар гузошта пӯстро сӯрох менамоянд, дуюм ноқил ба сатҳи металӣ пайваст мешавад, ки пойҳои пеши чорво ба он мерасад ва пойҳои қафо дар сатҳи резинӣ нигоҳ дошта мешавад. Шидати барқ 70-120 В ҳангоми қувваи ток ба 1-1,5 А баробар будан бо давомнокии 6-15 с.

Нақшаи сеюмро комбинати гӯшти Москва пешниҳод намудааст. Сатҳе, ки дар фарш гузошта шудааст, аз 6 сатҳи аз ҳамдигар ҷудо иборат аст, ки ба он барқи шиддатнокиаш се фаза пайваст карда шудааст: як фаза ба сатҳи якум ва чорум, фазаи дуюм ба сатҳи дуюм ва панҷум ва фазаи сеюм ба сатҳи –сеюм ва шашум пайваст карда мешавад. Баъди он, ки чорво дар он ҷо ҷой карда мешавад қувваи барқ пайваст карда мешавад.

Дар корхонаҳои коркарди гӯшт, ки ҳаҷми хурд доранд беҳушкунӣ ба воситаи сӯзантокҳо, ки шиддатнокии 24 В доранд ба ҷо оварда мешавад.

Сӯзан дар қисми пушти гӯш ба мушак ворид карда мешавад ва то охири бехункунӣ нигоҳ дошта мешавад. Давомоти он то 45 с. давом меёбад.

**Беҳушкунӣ ба тариқи механикӣ.** Истифодабарии усулҳои механикӣ гуфта истифода аз қувва ба пешонии чорво боя гон асбоб заданро дар назар дорад. Одатан аз болғаҳои чӯбин, болғаҳои пневматикӣ, бо роҳи паронидан аз пистолет (бе ягон осеб расонидан ба устухонҳо) истифода менамоянд. Усули механикӣ аз истифодабарӣ аз барқ беҳтариаш дар он аст, ки шикастани устухонҳои тана ва ҷамъ шудани хун дар бофтаву мушакҳо дида намешавад, мушакҳо намнокиашонро нигоҳ медоранд ва тароватбахш мемонанд.

## БЕХУНКУНӢ ВА ҶАМЪОВАРИИ ХУН

Баъди беҳушкунӣ чорвои калони шохдорро ба боло мебардоранд ва то охир бехункуни гузаронида мешавад. Забҳ ва бехункунии чорвои калони шохдор дар ҳолати вертикалӣ гузаронида мешавад ва ҳамаи хун аз тана ҷудо карда мешавад. Дар ин ҳолат барои ҷамъ кардани хун шароити беҳтарини санитарӣ ташкил намудан лозим аст. Дар ҳолати пурра рафтани хун сифати гӯшт беҳтар мегардад. Ҳангоми ба тариқи вертикали нигоҳ доштан нисбати горизонталӣ нигоҳ доштан 33-44 % хун зиёдтар хориҷ мегардад.

Вобаста аз мақсади истифодабарӣ (хӯрокагӣ,табобатӣ ва техникӣ) бехункунии чорво аз ҳамдигар фарқ мекунад. Бо мақсади истифода дар хӯрока ва табобатӣ, хун аз ҳайвоноти солим, ки таҳти назорати духтурони бойтор қарор дорад гузаронида мешавад. Новобаста аз истифодаи хун пас аз забҳ сурхрӯдаро мебанданд.

Барои хӯрока ва табобатӣ хуни чорвои калони шохдорро бо таҷҳизотҳои махсус, бо роҳи пӯшида мегиранд. Хангоми пӯшида гирифтан сарфаи хун кам мегардад, ки ин аз дигар тараф қоидаҳои санитарию-гигиениро таъмин менамояд.

Кордҳое, ки бо он чорво забҳ карда мешавад, аз найчаи дарунхолӣ иборат буда теғи тез дорад. Дар як тарафи корд қубури резинӣ пайваст карда мешавад, ки ба воситаи он хун ба зарф гузаронида мешавад. Ҳангоми бехункунӣ корд ба гардан расонида , тарзе равон карда мешавад, ки теғи он трахеяро бурида ба воситаи қубурҳои резинӣ хунро ба зарфи хунҷамкуни равона менамояд.

Пас аз он, ки бо ин роҳ хун барои маҳсулоти хӯрока ва табобатӣ ҷамъоварӣ карда мешавад, баъд боқимонда рагҳо, аорта ва венаҳо

бурида мешаванд. Аз ҳайвоноти хурди шохдор хун барои хӯрока ва табобатӣ гирифта намешавад. Барои пурра бехункунӣ гардан пурра то охир ҷудо карда мешавад.

Хуне, ки дар хӯрока ва табобати истифода бурда намешавад дар зарфи дигар ҷамъ карда мешавад. Мӯҳлати бехункунӣ 6-8 дақиқа давом меёбад. Бехункуни ҳамон вақт хуб мегузарад, ки агар миқдори хуни ҷамъоварда 4-5 %-и вазни зиндаро ташкил диҳад.

## Машғулияти 6. ҶУДО КАРДАНИ ПӮСТ

Чудо карда гирифтани пӯст аз тана- ин яке аз протсессҳои технологие мебошад, ки ба сифати гӯшт таъсири бештар дорад. Пӯст аз танаи чорво бо усули дастӣ ва механикӣ ҷудо карда мешавад. Пас аз бехункунӣ ҷудо кардани пӯст аз каллаи чорво оғоз меёбад. Пас аз ҷудо кардани пӯст онро бармекашанд ва дар ҷойҳои махсус нигоҳ медоранд. Танаи чорво баъди ҷудо кардани пӯст аз ҳар гуна чизҳои зиёдатӣ озод карда мешавад. Пӯст аз пойҳои қафо ҷудо карда мешавад, пойҳо аз зону ҷудо карда мешаванд ва барои кашол кардан аз рагҳои пой овеза тайёр менамоянд.

**Сафедкунӣ**. Пеш аз ҷудо кардани пӯст, сафедкунӣ мегузаронанд, яъне баъзан қисмҳои пӯстро дастӣ тоза менамоянд. Пӯсти пойҳо, гардан , инчунин сари сина ва қисми қафо дастӣ тоза карда мешавад. Он қисми пӯст, ки дасти тоза карда мешавад қариб 25-30 %-и масоҳати пӯстро ташкил медиҳад ва баъзан аз нисф зиёдро. Ҳар чӣ қадаре, ки чорво фарбеҳ бошад ҳамон қадар ҳаҷми дастӣ тоза кардан зиёдтар аст. Сифати дасти пӯст кандан, дар оянда ба нархгузории пӯст таъсир мегузорад. Дар охир баъд аз пурра сафед кардан боқимондаи пӯст ба тариқи механикӣ аз тана ҷудо карда мешавад.

**Ба тариқӣ механикӣ ҷудо кардани пӯст.** Дар навбати охир ҷудо кардани пӯст вобаста аз технологияи мавҷуда бо усулҳои гуногун гузаронида мешавад.

Дар баъзан ҳолатҳо пӯстро бо роҳи механикӣ бо роҳи аз тана канда гирифтан ҷудо менамоянд. Дар ҳолати пайдо шудани камбудӣ дар пӯст ин натиҷаи дуруст риоя накардани равиш ва суръати кашидани пӯст аз қисмҳои алоҳидаи тана мебошад.

## ҶУДО КАРДАНИ ҚИСМҲОИ ДАРУНА

## АРРА КАРДАН ВА ТОЗА КАРДАНИ ТАНА

**Тоза кардани қисмҳои дарунӣ (нутровка)**-берун кардани қисмҳои дарунӣ аз тана. Ин амал на камтар аз 30 дақиқа баъди бехункунӣ гузаронида

мешавад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳолати то 40 дақиқа берун накардани қисмҳои дарунӣ дар натиҷаи фаъол шудани ферментҳо ва микроорганизмҳои меъдаю рӯдаҳо хӯрокаи дар дохили онҳо буда сиёҳ мегардад. Ба ғайр аз он микроорганизмҳо аз рӯдаю меъда ба тарафи гӯшт мегузаранд. Ҳангоми баъди бехункунӣ то 21 дақиқа ҷудо накардани меъдаю рӯда, аз рӯи қоида бояд экспертизаи санитарию-бойторӣ гузаронидан лозим аст, гӯшт аз чунин тана ҳатман бояд таҳқиқоти бактереологӣ бо мақсади набудани микрофлорае, ки сабабгори касалии инсон мегардад гузарад.

Гирифтани қисмҳои дарунӣ бо усули вертикалӣ ва горизонталӣ гузаронида мешавад. Дар ҳолати ба тариқи вертикалӣ тоза кардан, гӯшт ба ифлосиҳои меъдаю рӯда камтар гирифтор мешавад. Вайро дар ҷойӣ махсус ва бо кордҳои махсус иҷро менамоянд. Барои осон шудани тозакунӣ бояд корҳои пешакиро иҷро намоянд: масофаи байни пойҳои қафоро зиёд менамоянд, устухони сари синаро меаранд, пешобдонро мебанданд.

Ҷудо кардани қисмҳои дарунӣ дар болои миз гузаронида мешавад. Аввало аз тарафи шикам рост бурида мешавад, баъд равғани дохила, баъди он меъдаю рӯда, ҷигар, шуш дил, сурхрӯда, найҳои нафас, диафрагма берун карда мешавад. Дар болои миз қисмҳои беруншуда аз тарафи ветеринар дида мешавад.Шикамба, шабака, ҳазорхона ва ширдон безараргардонида мешаванд, дарунашон холӣ карда шуда ба сехи хӯрокаҳои дуюмдараҷа фиристода мешаванд, рӯдаҳо- ба рӯдахона.

**Арракунӣ.** Баъди ҷудо кардани қисмҳои даруна, танаро аз сутунмӯҳра рост меарранд ва ба ду нимтана ҷудо мекунанд. Тана ба воситаи арраҳои электрикӣ ва ё пневматикӣ ҷудо карда мешавад.

**Ба тариқи тар ва хушк тоза кардани тана.** Баъди арра кардан танаро бо латтаи хушк тоза менамоянд. Ҳангоми хушк тоза кардан тамоми он боқимондаҳое, ки ҳангоми берун кардани қисмҳои дохила боқи мондаанд ва инчуние ифлосиҳои механикӣ тоза карда мешаванд. Баъди он бо фишори баланд танаро бо об мешӯянд ва дар ин ҳолат тамоми боқимондаҳо аз тана тоза карда мешавад. Шустан дар ҳамон ҳолат иҷозат дода мешавад, ки агар имконияти тез хушк кардан дошта бошад.

Дар охир дараҷаи фарбегии тана муайян карда шуда, мӯхр зада онро бармекашанд ва ба хонаи яхдондор равона карда мешавад.

## **Машғулияти 7. Ба навъҳо ҷудо кардани тана**

**Мақсади дарс.** Шинос шудан бо тарзи буриши тана ва ба навъҳо ҷудо кардани гӯшт.

**Мавод ва таҷҳизот.** ГОСТ – дар бораи ба навъҳо ҷудо кардани гӯшт дар нуқтаҳои фурӯш.

### БА НАВЪҲО ҶУДО КАРДАНИ ГӮШТИ ГОВ

Гӯшти коврo одатан ба шакли буриши кӯндаланг, ки ба чор қисм ҷудо менамояд, аз байни қабурғаҳои 11 ва 12 ҷудо менамоянд. Чортанаи қисми пешро ба 7 ва қафоро ба 4 қисм ҷудо мекунанд. Ҳамин тариқ нимтана аз 11 қисм иборат аст. Мувофиқи ГОСТ-и 7595-79 нимтанаи гов ба 3 навъ ҷудо карда мешавад.

Ба навъи якум беҳтарин қисмҳои тана дохил мешавад- қисми қафо, сутунмӯҳра, тахтапушт, шонаҳо, китф ва сари сина. Баромади умумии гӯшти навъи 1-ум 88%-и гӯшти танаро ташкил медиҳад. Навъи 2-юм – гардан ва қисми шикам. Баромади умумии гӯшти навъи 2-юм 7% аз вазни тана мебошад. Ба навъи 3-юм гӯшти аз ҳама пастсифат –буриши пойҳои пешу қафо, 5% аз вазни танаро ташкил медиҳад. Ин қисмати гӯшт аз устухон, рагу пайвандакҳо иборат буда мушак хело кам аст.

**Ҳудуди буриши анатомии гӯшти навъи 1-ум.**

*Гӯшти шонаҳо:*

а) ҳудуди қисми пеш- байни панҷум ва шашум қабурға;

б) ҳудуди қисми қафо – байни панҷум ва шашум қабурға;

в) ҳудуди поёнӣ – аз рӯи хате, ки аз болои қабурғаи сеюм гузашта дар миёнаи қабурғаи панҷум тоб гашта ба поёни қабурғаи сеюм меояд.

*Гӯшти китф:*

а) ҳудуди болоӣ – аз рӯи хате, ки китфро ҷудо мекунад;

б) ҳудуди поёнӣ- ба тариқи кӯндаланг аз мобайни буғуми зону ва буҷулаки пой.

*Гӯшти миён:*

а) ҳудуди қисми пеш – аз рӯи хате, ки китфро ҷудо мекунад;

б) ҳудуди қисми қафо – байни қабурғаҳои 11 ва 12-ум;

в) ҳудуди поёнӣ – бо хате, ки сари синаро ҷудо мекунад.

*Гӯшти тахтапушт:*

а) ҳудуди қисми пеш – аз рӯи хате, ки миёнро ҷудо мекунад;

б) ҳудуди қисми қафо – байни панҷум ва шашум буғуми сутунмӯҳра;

в) ҳудуди поёнӣ – аз рӯи хате, ки аз болои зону гузашта то қабурғаи сенздаҳум тӯл кашида дар радифи қабурғаҳо то ба устухони сари сина мерасад.

*Гӯшти рону қисми қафо:*

а) ҳудуди қисми пеш- аз хати тахтапушт;

б) ҳудуди қисми қафо - атрофи устухони соқ то дараҷаи қисми сеюми поёнии он.

в) ҳудуди поёнӣ – аз хате, ки ба буғуми зону мепайвандад , то пайвастагии қабурғаи 13-ум , баъд аз он то устухони сари сина.

**Ҳудуди буриши анатомии гӯшти навъи 2-юм.**

*Гӯшти гардан:*

а) ҳудуди қисми пеш – байни дуюм ва сеюм сутунмӯҳраи гардан;

б) ҳудуди қисми қафо – байни панҷум ва шашум сутунмӯҳраи гардан;

*Гӯшти шикам* – аз рӯи хате, ки аз зону то сутунмӯҳраи 13-ум мегузарад ва баъд аз он то устухони сари сина.

**Ҳудуди буриши анатомии гӯшти навъи 3-юм.**

*Буриши гардан*- байни дуюм ва сеюм сутунмӯҳраи гардан;

*Буриши пойҳои пеш* – аз хате, ки байни устухонҳои банди даст ва китф мегузарад.

*Буриши пойҳои қафо* – баробари устухони соқ дар ҳудуди қисми сеюми вай, дар мавзеи пайвастшавии рагу пай ба мушакҳо.

Ҳангоми фурӯш баъзан ин қисмҳо номҳои дигар доранд : антрекот (гӯшти биқин), филей (гӯшти лахм), бедредную –огузком (гӯшти сағрӣ).

## Машғулияти 8. Муайян кардани тару тозагии гӯшт

**Мақсади дарс.** Аз худ намудани усулҳои органолептикӣ ва лаборатории тарутозагии гӯшт. Омӯхтани методикаи аз ҳайвоноти касал ва мурда гирифтани гӯшт. Доштани савияи дуруст муайян кардани намунаҳои гӯшт.

**Маводҳо ва таҷҳизотҳо.** ГОСТ барои муайян намудани усулҳои гириф-тани намунаи гӯшт барои муайян кардан бо усули органолептикӣ ва химиявию микроскопии тарутозагии гӯшт; намунаи гӯшт; плиткаи элек-трикӣ; гӯштқиммакунак; ҳамомчаи обӣ; микроскопи лабораторӣ; ченку-наки pH; стаканҳои лабораторӣ; пробиркаҳо; пипеткаҳои 2 мл, воронка; обчинакҳои коғазӣ; пинсет; қайчӣ; колбаҳо; соатҳои шишагӣ; спирти этилӣ; кислотаи сулфати 2%; маҳлули 01% -и ишқор; маҳлули 1 % фено-фталеин; маҳлули 5%-и нукраи турш; маҳлули 0,2 %-и бензидин; маҳлули 1%-и перекиси водород; реактиви Несслер; формалин ; маҳлули 10 %-и атсетати свинса; маҳлули генсианвиолета; маҳлули Люгол; маҳлули спир-тии фуксин.

Дар ҳолати нодуруст нигоҳ доштани гӯшт, таркиби гӯшт тағйир меё-бад, ки ин аз ферментҳо ва микроорганизмҳои таркиби гӯшт вобастагӣ дорад. Дар натиҷа хусусиятҳои органолептикии он коҳиш ёфта , тала-ботҳои санитарӣ ва хӯрокагии он паст мегардад.

Аз ҳама ҳолати бади гӯшт ин пӯсидани он мебошад, ки дар натиҷа моддаҳои сафедадор нест гардида, моддаҳои таксинӣ ва заҳрнок, ки ба организми инсон хатар доранд бештар мегарданд.

Барои гузаронидани таҳқиқот аз ҳар қисми гӯшт 3-4 намуна меги-ранд, ки тахминан 200 г бошад (аз буриши гардан дар ҳудуди 4-5-ум сутунмӯҳраи гардан, тахтапушт ва қисми қафо). Барои тарутозагии гӯштро муайян намудан аз усулҳои органолептикӣ истифода менамоянд (ГОСТ 7269-79) , инчунин аз усулҳои химиявӣ ва бактериоскопӣ (ГОСТ 23392-78).

**Таҳқиқотҳои органолептикӣ.** Нишондодҳои органолептикии гӯшт вобаста аз намуди берунааш: ҳангоми муоинаи мушакҳо, равған, рагу пай ва косахонаи сар гузаронида мешавад. Барои ин бештар ба қисмҳои хушкшуда дар болои гӯшт, ба ҳолати гӯшт, бӯй ва ранги он диққати зарурӣ медиҳанд.

*Бӯи гӯшт* – дар болои гӯшт, мушакҳо ва дар қисми лахм, ки ба устухон часпидааст муайян карда мешавад. Бӯй бештар дар бурише, ки бо корди тасфон иҷро карда мешавад ҳис карда мешавад. Ба ғайр аз он барои муайян кардани тозагии гӯшт онро медӯшонанд. Дар колба 20 г гӯшти майда резакардаро мегиранд ва ба он 60 мл об ҳамроҳ мекунанд ва сарпӯши онро махкам намуда онро меҷӯшонанд. Баъд сарпӯшро

яктарафа намуда ба воситаи буғ- бӯй, софии пиёба ва ҳолати равғанро дар болои он муайян менамоянд.

*Ҳолати гӯшт (консистенция)* дар ҳарорати 15-20 $^0$С муайян карда мешавад. Барои ин бо нарангушт ба болои гӯшт зер карда фишор меоранд, пас аз он суръати баланд шудани чуқуриро назорат менамоянд. Дар ҳолати тару тоза будани гӯшт чуқурӣ тез баробар мешавад, агар тозагии гӯшт шубҳанок бошад чуқурӣ дер баробар мешавад (қариб 1 дақиқа) , дар ҳолати вайрон шудани гӯшт чуқурӣ дер (аз 1 дақиқа зиёд) баробар мешавад ва баъзан баробар намешавад.

Дар асоси баҳодиҳии органолептикӣ гӯштро ба тару тоза, шубҳанок ва вайроншуда ҷудо мекунанд (ҷад. 1).

*Ранг* метавонад аз сурхи равшан то сурхи тира бошад. Гӯшти буққаҳо сурхи тира нисбати гӯшти модагов. Гӯшти ҷавонаҳо бошад сурхи равшан, бофтаҳои мушакӣ нафис, бофтаҳои пайвасткунанда суст тараққӣ кардаанд.

*Истифода аз дегустатсия баҳо додани сифати гӯшт.* Натиҷаи дегустатсия ин баҳодиҳии охирон ба сифати гӯшт мебошад.

Дар таҷрибаҳо бештар аз холмонӣ истифода менамоянд. Ин система метавонад ба маҳсулот баҳои сазовор диҳад. Барои баҳодиҳии органо-

Таблица 12 – Нишондодҳои органолептикии гӯшти хунуккардашуда вобаста аз тару тозагиаш

| Нишондиҳандаҳои органолептикии гӯшти хунук | | |
| --- | --- | --- |
| Тару тоза | Тару тозагиаш шубҳанок | Тару тоза не |
| 1 | 2 | 3 |
| Намуди беруна | | |
| Болои гӯшт қабати хушкшуда дорад | Болои гӯшт бо қабати офтобзада-шуда пӯшонида шудааст ва ё ба даст мечаспад | Кабати болои гӯшт сахт хушк шудааст ва ё сахт тар аст, бештар луобӣ буда , пӯсидааст |
| Ранг | | |
| Кабати хушкшуда ранги сафедчаи сурх ва ё сурх дорад. Болои буриши навкардашуда тар, часпак нест, ба ранги гӯшт монанд аст. Шираи гӯшт шаффоф. | Қабати хушкшуда торик. Болои буриши навкардашуда тар, камтар часпак. Коғази такшин аз шираи гӯшт хиратар мешавад | Қабати қоқшуда хокистарӣ ва ё сабз. Болои буриш сахт часпак ва тар, шираи гӯшт тира |
| Ҳолати гӯшт | | |
| Гӯшти буридашуда сахт ва ёзанда. Ҳангоми зер кардан чуқури тез барқарор мешавад. | Гӯшт он қадар сахт ва ёзанда нест. Чуқурӣ баъди зер кардан суст барқарор мешавад (то 1 дақиқа) | Гӯшт ҳангоми бурриш ба қисмҳо чудо мешавад. Чуқурча баъд аз зер кардан дер барқарор мешавад (аз 1 дақиқа зиёд) ва ё барқарор намешавад |
| Бӯй | | |
| Форам, ба намуди гӯшт монанд, ҳам қисми болоияш ва ҳам ҳангоми буриш | Талх, туруш , ба пӯсидагӣ монанд. Дар қабати чуқури он буи пусида ҳис карда намешавад | Маълум, ки ҳам дар қабати боло ва ҳам дар дохил вайрон шудааст. |
| Ҳолати равған | | |
| Ранг, бӯй, ҳолат ба гӯшти муқарарӣ монанд аст | Буй турш,ранг хира. Ҳангоми зер кардан дар панчаҳо мечаспад | Ранг хокистарӣ бо намуди ифлос. Бӯйи талх. Часпанда |
| Ҳолати пиёба ҳангоми чӯшондан | | |
| Шаффоф, тароватнок, равған бӯи хуш дорад, дар болои гӯшт дона дона чамъ мешавад | Тира, тароватнок не, маззаи талх. Донаҳои равған дар болои гӯшт майда. | Ифлос бо иловагиҳо, талх, пусида. Донаҳои равған нест. Мазза ва буй талх. |

лептикии сифати гӯшт шкалае кор карда баромада шудааст, ки чунин нишондодҳои гӯштро дар бар мегирад: намуди беруна, бӯй, тару тозагӣ, лаззат, ҳолат (мулоимӣ, сахтӣ) ва барои пиёба софӣ ва ҳолати пухтан.

Одатан аз ду усули органолептикистифода менамоянд: усули коэффиси-енти зарурият ва усули камкунӣ. Усули якум аз он иборат аст, ки ба ҳар як нишондод рақами коэффисиенти зарурият ҳамроҳ карда мешавад. Чунин коэффисиентҳои зарурият муайян карда шудааст: намуди беруна ва ранг – 1, бӯй – 2, мулоимӣ - 2, лаззат – 3, тару тозагӣ- 1. Барои пиёба ба чойӣ тару тозагӣ нишондодҳои: софӣ – 2 ва ҳолати пухтани гӯшт –

илова карда шудааст. Маҳсулот ҳамин тариқ пайдар ҳам баҳо дода мешавад.

Ҳангоми пай дар ҳам баҳодиҳии органолептикӣ ҳатман аз ҳиссиёт бояд истифода намуд. Пеш аз ҳама маҳсулот ба воситаи чашм баҳо дода мешавад- намуди беруна, ранг, баъд узвҳои масона- бӯй, тароват ва дар охир лаззат, мулоимӣ ва тару тозагӣ.

Як коғази дегустатсионӣ мекушоянд ва дар он номгӯи нишондод-ҳои сифати гӯшт ва пиёбаи ҳар як гӯшти алоҳидаро қайд менамоянд, инчунин коэффисиенти зарурият, миқдори холҳои ҳар як намуна ва баргардонидани коэффисиент ба холҳоро низ ишора менамоянд.

Миқдори холҳои умумиро ҳисоб мекунанд ва онро ба миқдори нишондод тақсим намуда холи миёнаро меёбанд. Нишондодҳои сифати гӯшт ва пиёба:

*намуди беруна ва ранг:*

5- монанд, нағз намудор

4- монанд, суст намудор,

3- монанд, беҳад суст,

2- монанд не, бо иловагиҳои бегона,

1-монанд не, бад.

*бӯй ва мулоимӣ:*

5-дилкаш ва зӯр,

4-дилкаш, он қадар зӯр нест,

3-қаноатбахш,

2-бетароват,

1-бад бо бӯйи бегона.

*лаззат:*

5-хело болаззат,

4-бомазза,

3-қаноатбахш,

2-бемазза,

1-дилкаш нест, бад.

*мулоимӣ, сахтӣ:*

5-хело мулоим,

4-мулоим,

3-қаноатбахш, камтар сахт,

2-сахт,

1-хело сахт.

*тару тозагӣ:*

5-хело тару тоза,

4-тару тоза,

3-қаноатбахш, қоқмонанд,

2- қоқ,

1-беҳад қоқ.

*равганнокӣ (барои пиёба):*

5-хело серравған,

4-серравған,

3-қаноатбахш,

2-камравған,

1-ранги об.

*шафофият*:

5-хело шаффоф,

4-аз ифлосиҳо иборат аст,

3- камтар хира,

2-пурра торик,

1-умуман намоён нест.

Вобаста аз миқдори миёнаи холҳои гӯшт ва пиёба аз ҳар як намуна баҳои умумии гӯшт ва пиёба аз рӯи ҷадвали зерин муайян карда мешавад.

Ҷадвали 13 – Баҳои комплексии гӯшт ва пиёба

| Миқдори миёнаи холҳо | Сифат |
|---|---|
| 5,6-4,6 | Баланд |
| 4,5-3,6 | Хуб |
| 3,5-2,6 | Миёна |
| 2,5-1,6 | Бад |
| 1,5 ва аз он паст | Бениҳоят бад |

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои ба дастомада ба гӯшт баҳои умумӣ дода мешавад.

## Машғулияти 9. Экспертизаи ветеринарӣ-санитарии равғанҳои хӯрокагии аз чорво гирифташуда

**Мақсади дарс**. Омӯхтани хусусиятҳои фарққунандаи равғани ҳайвоноти гуногун ва муайян кардани сифати он.

**Мавод ва таҷҳизот.** ГОСТ барои муайян кардан навъи равған , плиткаҳои электрикӣ, ҳамомчаҳои обӣ, зарфҳои шишагии лабораторӣ, термо-метр, реактивҳо барои таҳқиқотҳои химиявӣ, шкаф барои хушк кардан.

Вобаста ба намуди чорво равғанҳо мешаванд- говӣ, гӯсфандӣ ва аз хук. Равғани хом , мӯҳлати нигоҳдориаш дароз нест, чунки дар таркибаш моддаҳои сафедадор, ферментҳо надорад ва об бисёр аст. Бо мақсади истифода бурдан дар хӯрока аз равғани обкардашуда истифода менамоянд, ки аз равғани дарунӣ ва устухон гирифта мешавад.

Экпертизаи ветеринарию-санитарии равғанҳои хӯрокиро бо чунин мақсад мегузаронанд: 1) муайян кардани навъ; 2) муайян ардани тозагӣ; 3) муайян ардани баромади равған (намуди ҳайвон); 4) таҳқиқотҳои махсус, муайян ардани зардии ранг, муайян кардани миқдори антиоксилителҳо, заҳрхимиатҳо ва ғ.

Дар болои бастаи равғани обкардашуда, ки комбинати гӯшт мебарорад бояд шаҳодатномаи сифат бошад. Баъд аз он барои таҳқиқи лабораторӣ аз вай намуна гирифта мешавад. Аз ҳар партия 10 %, на амтар аз 5 адад (баста, қуттӣ) мегиранд. Партия- гуфта миқдори равғане, ки аз як намуди ҳайвон гирифта шудааст, як навъ, дар як рӯз баровcovарда шудааст ва бо як ҳуҷҷати муайянкунандаи сифат пур карда шудааст. Аз он партияи равғане, ки 500г бастабандӣ карда шудааст, аз ҳар 100 донааш 1 – то (баста, қуттӣ) мегиранд. Дар корхонаи коркардкунанда аз ҳар як баста пеш аз бастабандӣ ва ё ба бочкаҳо рехтан намуна гирифта мешавад. Хангоми натиҷаҳои қаноатбахш нагирифтан ,хоҳ аз як баста, дар он ҳолат миқдори гирифтани намунаҳо дучанд зиёд карда мешавад. Аз ҳар намуна бо найчаҳои силиндрӣ барои таҳқиқ равған гирифта мешавад. Найча бояд пурра аз байни баста гузарод, дар ҳолати сахт будани равған то 50 см бояд дарояд. Пеш аз гирифтани намуна болои равғанро бо корд тоза мекунанд. Вазни умумии намуна аз 600 г бояд зиёд набошад. Намунаи умуми ба лаборатория фиристода мешавад, равған об карда шуда омехта карда мешавад ва натиҷаи миёнаи он муайян карда мешавад. Равғани хӯрокае, ки комбинати гӯшт истеҳсл менамояд ба навъи олӣ, якум ва омехта ҷудо мекунанд. Навъи равған бо роҳи органолептикӣ муайян карда мешавад. Барои муайян кардани намуди равған аз ҳарорати обкунӣ истифода менамоянд.

## БАҲОДИҲИИ ОРГАНОЛЕПТИКИИ РАВҒАН

Ҳангоми баҳодиҳии органолептикӣ аз нишондиҳандаҳои зерин ()

**Муайян кардани лаззат ва бӯй.** Дар болои шиша ва ё пробирка равғанро об меунанд ва бӯйи онро муайян менамоянд. Лаззат бо воситаи каме ба даҳон андохтан муайян карда мешавад. Бӯй ва лаззати равған махсус аст ва аз намуди ҳайвон вобастагӣ дорад.

**Муайян кардани ранг.** Равғани яхардашуда, вобаста аз намуди ҳайвон аз рӯи ранг фарқ меунад. Ҳамин тариқ, равғани чорвои калони шохдор

ранги зард, равғани бузу гӯсфанд – ранги сафедии-хокистарии зсабзтоб, хук-ранги сафед, равғани асп – раги равғани ангак.

Рангро ҳангоми ҳарорат 15-20 $^0$С будан муайян менамоянд. Барои ин равғанро дар болои шиши бо ғафсии 5 мм мегузоранд. Таҳқиқот дар зери равшании лампа гузаронида мешавад. Равғани ҳайвоноти гуногун аз рӯи хусусиятҳои физикавиашон , мисол аз рӯи ҳарорати обшавӣ, ки дар таркибаш кислотаҳои равғании сер (стеарин, палмитин, миристин) ва носер (олеин, линолевӣ,линоленовӣ) доранд муайян арда мешавад.

Ҳарорати обшавии равғани гов 43-51 $^0$С, гӯсфанд -44-55$^0$С, хук -36-48$^0$С, асп- 25-32$^0$С.

**Муайян кардани шаффофӣ.** Дар найчаи шаффов 100 мл равғани обкарда-шударо мерезанд ва дар зери равшании лампа шаффофии онро муайян мекунанд. Барои равғани ҳархела (сборный) камтар хирагӣ иҷозат дода мешавад.

## Машғулияти 10. Таркиби морфологии гӯшт

**Мақсади дарс:** Омӯхтани таркиби морфологии гӯшт. Донишҷӯ бояд донад, ки гӯшт аз кадом бофтаю мушакҳо иборат аст ва бояд донад, ки кадом қисми гӯшт манфиати бештар дорад.

**Тана -** комплекси мураккаби биологие мебошад, ки аз якчанд намуд бофтаҳо иборат буда, дар маҷмуъ гӯштро ташкил медиҳанд. Одатан калимаи «гӯшт» тана ва қисмҳои алоҳидаро мефаҳмонад, ки аз мушакҳо, устухон, равған ва бофтаҳои пайвасткунанда иборат аст. «Гӯшти тозакардашуда» гуфта гӯшти лаҳмеро, ки аз устухон ҷудо карда шудааст меноманд, «гӯшти бе рагу пай» гуфта гӯштеро меноманд, ки натанҳо аз устухон ҷудо карда шудааст, инчунин аз ҳамаи рагу пай, пайвандакҳо ва равған тоза карда шудааст.

Дар шароити истеҳсолӣ сифати гуштро бо роҳи назардид аз рӯи тараққиёти мушакҳо ва дар болои он паҳн шудани қабати равған баҳо

медиҳанд, дигар усули баҳодиҳӣ мавҷуд нест. Таркиби морфологии гӯштро бо роҳи ҷудо кардани гӯшт аз устухон муайян менамоянд, лекин барои ин, сарфи меҳнат ва вақти зиёд лозим меояд. Қисми асосии тана, ки ҳангоми гӯштро аз устухон ҷудо кардан  дар шароити комбинати гӯшт ба даст меояд инҳоянд – гӯшт, устухон ва рагу пай.  Инчунин гӯштнокиро (коэффисиенти гӯштӣ) –нисбати гӯшти лаҳм бар устухон низ муайян мекунанд. Дар омӯзиши технологӣ танаро аз рӯи аҳмияти истеҳсолиаш чунин классификатсия мекунанд: мушакӣ, равғанӣ, пайвандакҳо, тағояк,  устухон ва хун. Ин қисмҳо аз ҳамдигар ҷудо буда наметавонанд, барои ҳамин чунин номгузорӣ кардан мафҳуми шартӣ дорад.

**Бофтаҳои мушакӣ.** Яке аз қисмҳои асосии арзишноки  гӯшт буда, нишонаҳои сифатӣ ва миқдории гӯштро муайян менамояд. Вобаста аз ишғоли  %  онҳо дар танаи  чорво дар ҳамаи қисмҳо ҷои аввалро мегиранд. Мушакҳои паҳн дар бадани чорвои калони шохдор то 35-40 % ва дар гӯшт то 50-70%-ро ташкил медиҳанд. Онҳо аз наххои мушакӣиборат буда, диаметри аз 10 то 60 мкм доранд.

Мушакҳои алоҳидае ҳастанд, ки як организми мустақилро ифода менамоянд ва дар таркибашон бофтаҳои гуногун аз қабили пайвандакҳо, бофтаҳои мушакии асаб, хун мавҷуд аст, ки ҳар яке бевосита ба таркиби гӯшт алоқамандӣ дорад. Асоси мушакро пайвандакҳо ташкил медиҳанд ва асоси сохтори ягонаи нахи мушакӣ ин паренхима мебошад. Наххои мушакӣ дар навбати худ боз аз наххои бориктаре тартиб ёфтаанд, ки онҳоро биофибрилл меноманд.

Дар мушаки чорво наххои сафед ва сурх вомехӯранд. Наххои сафед аз биофибрил иборатанд, ки хело мустаҳкаманд ва дар онҳо миқдори гликоген бисёр аст. Дар наххои сурх биофибрил камтар аст, вале аз саркоплазма иборатанд, ки онҳо аз липидҳо боянд.

Сохтори мушакҳои скелет нисбати дигар бофтаҳо дар охири давраи эмбрионӣ ташаккул меёбад: дар аввали давраи ҷанинӣ оғоз ёфта то шаклгирии ҷанин давом меёбад. Мушакҳои дасту пой пештар пайдо мешаванд, нисбати мушакҳои тана.

Тараққиёбии мушакҳо дар организм як хел ва баробар суръат намегирад. Ҳар яки онҳо хоҳ дар давраи батнӣ ва хоҳ дар давраи баъди батнӣ вобаста ба функсияашон дар протсеси онтогенез фаъолият менамоянд. Мушакҳое, ки фаъолияти онҳо тезтар оғоз меёбад хуб мезабзанд ва инкишоф меёбанд, он қисми мушакҳое, ки фаъолияташон дертар оғоз меёбад одатан инкишофашон суст мемонад.

Тараққиёти мушакҳо дар организм як системаи бутунро ифода менамояд. Тараққиёти онҳо бе иштироки ҳамдигарӣ маънӣ надорад.

Мушакҳои аз ҳама пурқуввати чорво ин мушакҳои дупарраи линг мебошад, ки вазни онҳо аз вазни ҳамаи мушакҳо 8,2-9,3 %, чорпарраи линг – (7,2-9,4 %), мушакҳои дарози пушт –(6,5-8,8 %), мушакҳои тобгашта – (6,0-9,3 %), сеқирраи китф – (5,1-6,5 %), дандоншакл –(4,6-6,0 %), чуқури сарисинагӣ – (4,1-5,4 %) ва миёнаи сурин –(4-5 %) –ро ташкил медиҳад.

Тағирёбии мушакҳои гурӯҳҳои алоҳидаи чорвои калони шохдор дар ҷадвали 14 оварда шудааст.

Вобаста аз синну сол, вазни мушакҳо нисбат ба вазни тана ҳамавақт бештар аст. Дар гӯсолаҳо ва ахтаҳо ин нишондод то 4-8 моҳагӣ боло рафта баъд онҳо оҳиста-оҳиста кам мешаванд. Вазни мушакҳо нисбати вазни зинда кам мешавад, дар буққачаҳо то 4 моҳагӣ, дар гӯсолаҳо то 12 ва дар ахтаҳо то 16 моҳагӣ ва баъд аз ин синну сол боз ба болоравӣ майл менамоянд.

14. Динамикаи тараққиёти нисбии мушакҳои буққачаҳо ва гӯсолаҳо, % аз вазни умумии мушакҳо

| Синну сол, моҳ | Мушакҳои гурӯҳи типографӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сутунмуҳра ва қафаси сина | пайвастшавии сари сина бо тана | қисми проксималии сари сина | қисми дисталии сари сина | проксималии қисми қафо | дисталии қисми қафо |
| Буққчаҳо | | | | | | |
| 2-3 рӯз | 15,80 | 19,11 | 16,34 | 3,20 | 39,90 | 5,65 |
| 4 | 15,06 | 19,24 | 14,09 | 1,99 | 44,71 | 4,92 |
| 8 | 15,41 | 21,56 | 14,13 | 1,97 | 42,65 | 4,27 |
| 12 | 16,03 | 22,99 | 15,08 | 1,86 | 40,12 | 3,90 |
| 16 | 16,44 | 25,76 | 15,08 | 1,65 | 37,37 | 3,70 |
| 20 | 17,31 | 25,00 | 14,71 | 1,55 | 38,13 | 3,30 |
| Гӯсолаҳо | | | | | | |
| 2-3 рӯз | 14,16 | 19,91 | 16,18 | 3,09 | 40,89 | 5,77 |
| 4 | 14,24 | 19,73 | 14,39 | 1,90 | 45,12 | 4,61 |
| 8 | 13,54 | 20,57 | 13,99 | 1,86 | 45,50 | 4,54 |
| 12 | 13,83 | 21,60 | 14,23 | 1,83 | 44,26 | 4,25 |
| 16 | 12,97 | 22,34 | 14,57 | 1,60 | 44,51 | 4,00 |
| 20 | 14,72 | 23,04 | 14,43 | 1,65 | 42,37 | 3,79 |

Дар мушакҳо 72,75 % об, 18,5-22,0 сафеда , моддаҳои беазоти экстрактивӣ-0,8-1,2 , липидҳо- 0,5-3,5 ва моддаҳои минералӣ 0,8-1,6 % мавҷуд аст. Равғаннокии мушакҳо пеш аз ҳама ғизонокии гӯштро ифода менамояд.

**Бофтаҳои равғанӣ.** Бофтаҳои пайвастшавандаи ковокро ифода менамоянд, ки ба қадри имкон аз равғани аслӣ иборатанд. Дар бофтаҳои

равғанӣ ба миқдори кам сафеда -1,0-1,8, об- 5,0-11% буда , қисми зиёди онро равған то -87-94 % ташкил медиҳад. Барои ҳамин мафҳуми «бофтаҳои равғанӣ» ва «равған» фаҳмиши якхела надоранд. Қиммати биологии равғанҳо дар он аст, ки дар онҳо миқдори бисёри энергия мавҷуд аст, онҳо метавонанд аз рӯда намудҳои гуногуни витаминҳоро ҷабида гиранд, ва дар навбати худ онҳо метавонанд витаминҳои равғандорро ҳазм намоянд. Миқдори бисёри равған имконият намедиҳад, ки меъда шира ҷудо намояд ва ба ҳазмшавии сафедаҳо халал ворид месозад, то он даме ки онҳо аз рӯда нагузаранд.

Дар бадани чорво ду намуди равғанро мушоҳида кардан мумкин аст-структуравӣ ва захиравӣ. Равғани структуравӣ дар дохили ҳуҷайра ҷойгир буда ба қатори протоплазма медарояд. Миқдори вай ҳамеша як хел аст ва ягон омили дигар ба вай таъсир расонида наметавонад. Бофтаҳои равғанӣ на танҳо манбаи асосии энергия, балки онҳо дар протсеси метоболизм (мубодилаи моддаҳо) нақши калон мебозанд. Равғанеро, ки аз органҳои дохилӣ гирифта мешавад – равғани дарунӣ номида мешавад.

Аз рӯи ҷойгиршавиаш равғанро ба – равғани зери пӯст, равғани байни мушакҳо ва равғани дохили мушакҳо ҷудо менамоянд. Равған дар бадани чорво бо як тартиби муайян захира мешавад: аввал дар зери пӯст, баъд дар байни мушакҳо ва дар охир дар дохили мушакҳо.

**Равғани зери пӯст.** Дар дохили организм паҳн мешавад. Қисми ками захирашавии равған дар бадани чорво хуб аст, ин имконият медиҳад, ки организмро аз хушкшавӣ нигоҳ дорад ва намегузорад, ки ҳар гуна микробу бактерияҳо ба организм дохил шаванд. Дар меъёри зиёд захирашавии равған, сифати гӯштро паст мегардонад, одатан вайро бурида мегиранд. Аз тарафи дигар барои захира намудани равғани зиёд хӯрока бисёр сарф мешавад ва ин аз ҷиҳати иқтисодӣ зараровар аст. Дар организм ғафсии равған аз 0,5 см зиёд набояд бошад.

**Равғани байни мушакҳо.** Одатан байни мушакҳо, дар ҷойҳое,ки бофтаҳои пайвасткунанда ковоктаранд ва дар атрофи рагҳо ва торҳои асаб ҷойгир мешаванд. Ҳангоми парвариши хуби чорво вай метавонад зиёд бошад, аммо ҳангоми тоза кардани гӯшт онҳоро бурида мегиранд. Захирашавии равған байни мушакҳо мувофиқи хоҳиш нест.

**Равғани дохили мушакҳо.** Дар байни наххои мушакӣ паҳн мешавад ва бо ин ба гӯшт нозукӣ, тароват бахшида лаззати гӯштро беҳтар мегардонад, инчунин намуди фурӯшии гӯшт хубтар мегардад.

Сифати гӯшт на аз он, ки чӣқадар равған захира шудааст,балки аз он вобаста аст,ки чи гуна равған паҳн шудааст баҳо дода мешавад. Мувофиқи талаботҳои истеҳсолот захирашавии равған дар танаи чорво бояд 10-18 % бошад. Захирашавии равған аз тарзи дурусти хӯронидан, зоти чорво, вазни зинда, синну сол ва ҷинси он вобастагӣ дорад.

**Бофтаҳои пайвасткунанда.** Сахтии гӯштро ифода менамояд. Дар қисми ғизоноки гӯшт бофтаҳои пайвасткунанда камтаранд, нисбати қисми камсифати гӯшт. Дар байни ҳуҷайраҳо моддаҳои нахдори коллогенӣ, ёзанда ва проколлогенӣ мавҷуданд. Микдор ва тарзи ҷойгиршавии онҳо сифати гӯштро муайян менамояд. Коллоген дар об ҳазм намешавад, вале оҳиста оҳиста варам карда ба пепсин табдил меёбад, ки вай дар трипсин луоби зери меъда ҳазм намешавад. Дар коллоген миқдори метионин кам буда, триптофан тамоман мавҷуд нест. Коллоген ба глютин табдил меёбад, ки аз бофтаҳои пайвасткунанда бой аст ва ин танҳо барои истеҳсоли баъзе хӯрокаҳои техникӣ аз қабили – желатин ва ширеш истифода карда мешавад.

**Наххои ёзанда** (эластические волокна) Фарқашон аз моддаҳои коллогенӣ дар он аст, ки ёзандаанд, чанддири буда канда намешаванд ва ҳангоми ҷӯшонидан аз онҳо ширеш гирифта намешавад. Онҳо нисбати кислота ва ишқор тобоваранд. Бофтаҳои пайвасткунандае, ки дар

таркиби гӯшт дида мешаванд дуруштии гӯштро баланд бардошта сифати онро паст мекунанд. Сифати гӯшт на танҳо аз миқдори пайвастагиҳои дар он буда вобастагӣ дорад, инчунин аз нисбияти нахҳои коллогенӣ ва ёзанда, сохт ва ғафсии онҳо низ вобастагӣ дорад.

**Устухон.** Такягоҳи асосии организм буда ба намуд ва сохти танаи чорво таъсир мерасонад. Бофтаҳои устухонӣ моддаҳои байниҳуҷайравие мебошанд, ки аз моддаҳои органикӣ, ғайриорганикӣ ва об иборатанд. Дар онҳо 20-25% об, 30%- сафеда, аз он ҷумла 93-коллоген ва 45 пайвастагиҳои ғайриорганикӣ мавҷуданд. Бофтаҳои устухонӣ аз коллоген боянд ва дар онҳо миқдори равған кам аст. Дар қисми устухони асаб миқдори равған бисёртар аст. Устухонҳои паҳн манбаи асосии желатин ва ширеш мебошанд. Бофтаҳои тағоякӣ аз ин намуди маҳсулот норасоӣ доранд.

**Скелет ва шуъбаҳои он.** Сабзиши онҳо дар тамоми қисми тана як хел нест. Дар 20- моҳи парвариш вазни скелети буққачаҳо то 8,8 маротиба зиёд шудааст, гӯсолаҳо – 6 маротиба. Коэффисиенти расиши устухонҳои сутунмӯҳраи буққачаҳо ва гӯсолаҳо 1,6-1,7 маротиба бештар аст нисбати устухонҳои атроф.

Нисбати вазни зинда, вазни скелет то 8 моҳагӣ босуръат кам мешавад. Агар дар гӯсолаҳои навтаваллуд вазни скелет нисбати вазни пешазкуш-ташуда 19,2% бошад, дар 8 моҳагӣ -11,8 ва 20 моҳагӣ -10,6% ро ташкил медиҳад. Дар ҳайвоноти суръати афзоишёбиашон мӯътадили зотҳои шир ӣ ва гӯштӣ ҳамавақт азнавсозии морфологии организм ба вуҷуд меояд. Дар бадани гӯсолаҳои навтаваллудшуда миқдори устухон аз ҳама бештар аст ва -32-37 %-ро ташкил медиҳад. Дар 4 моҳагӣ ин нишондод то 24-28 % кам мешавад, дар 8- моҳагӣ то 21-25 %. Дар 1 солагӣ вазни устухон дар бадан -19-22 %-ро ташкил медиҳад. Дар 2 солагӣ миқдори он кам мешавад ва ҳангоми вазни зиндаи 400-550 кг-ро гирифтан он ба 16,5-

19,0 % баробар мешавад.Дар ҳолати чунин будан вазни рагупай -3-4% ва гӯшти лаҳм -77-79 %-ро ташкил медиҳад.

# Машғулияти 11. Муайян кардани сифати гӯшт

**Мақсади дарс:** муайян ардани сифати гӯшт. Донишҷӯ пеш аз ҳама бояд ба сифати гӯшт эътибори ҷиддӣ диҳад ва тавонад сифатнок будани гӯштро муайян намояд.

**Гӯшт-** ин маҳсулоти якхела набуда таркиби муракаб дорад. Як қисми вай вазифаи мулоимӣ, дигараш – намуди молӣ, лаззат, маза, тароват, сеюмӣ - хусусиятҳои технологии онро иҷро менамояд. Бинобарон ҳангоми ба сифати гӯшт баҳо додан ҳамаи ин нишондодҳоро бояд омӯхт.

**Сифати гӯшт** – аз рӯи аломатҳои хӯрокагӣ, биологӣ, қиммати энергетикӣ, хусусиятҳои органолептикӣ ва технологии он баҳо дода мешавад. Сифати гӯшт асосан аз моддаҳои ивазнашавандае (эссенциальные) вобастагӣ дорад, ки дар организм синтез карда намешаванд ва ё ба миқдори хело кам синтез мешаванд. Ба гурӯҳи ин моддаҳо дар хӯрокаи инсон 8 аминокислотаҳои ивазнашаванда ва 2 кислотаҳои равғании носер, ҳамаи витаминҳо ва бисёрии намакҳои минералӣ дохил мешаванд.

**Қиммати ғизоии гӯшт** – ин хусусиятҳои фоиданокии он, ки талаботи организми инсонро бо моддаҳои гуногун аз қабили (сафедаҳо, липидҳо, моддаҳоии экстрактивӣ ва минералӣ, витаминҳо ва ғ.) таъмин менамояд ва аз таркиби химиявии он низ вобастагӣ дорад. Сифати гӯшт асосан аз ин нишондодҳо алоқамандӣ дорад.

**Қиммати биологии гӯшт-** асосан аз сифати сафедаҳо, ки таркиби ғизоии онро муайян менамояд ва дар организми инсон ҳазм мегардад вобастагӣ дорад. Қисми сафедагии гӯшт аз ду намуди сафедаҳо- мушакӣ (арзишнок) ва бофтаҳои пайвасткунанда (ғайриарзишнок) иборат аст. Арзиши биологии баланд дар он намуди гӯшт мешавад, ки 85% сафедаҳои мушакӣ ва 15 % сафедаҳои пайвасткунанда дошта бошад. Дар

100 г гӯшти навъи 1-уми гов 7100-7200 мг аминокислотаҳои ивазнашаванда , гӯсфанд -5700-5800 ва хук – 5600-5700 мг мавҷуд аст.

Гӯшти гов ва тухми мурғ вобаста ба қиммати биологиашон ба ҳамдигар наздиканд. Аз хук нисбати онҳо зиёдтар ва аз гӯсфанд нисбати гов ва тухми мурғ камтар мебошад.

Липидҳо низ яке аз ҷойҳои асосиро мегиранд. Арзиши биологии равғанро аз рӯи дар онҳо будани кислотаҳои носери равғанӣ – линолӣ,линоленӣ ва арахидонӣ муайян менамоянд. Кислотаҳои линоленӣ ва линолӣ дар организм синтез намешаванд ва ивазнашаванда мебошанд. Миқдори онҳо дар гӯшти гов он қадар зиёд нест.

Гӯшт манбаи асосии витаминҳои гурӯҳи В мебошад. Дар гӯшти гов миқдори витамини $B_6$ (пиридоксин) хело зиёд аст, ки барои пайдо шудани эритросит дар бофтаҳои устухонӣ ва табобат намудани камхунӣ кӯмак мерасонад.

Камшавии витаминҳои $B_1$ ва $B_2$ ҳангоми ҷӯшонидани гӯшт – 15-40 %, ҳангоми бирён кардан - 40-50, ва ҳангоми буғ кардан -30-60 % -ро ташкил медиҳад. Дар гӯшт миқдори зиёди оҳан мавҷуд аст, организми инсон то 30 %-и онро ҳазм менамояд ва ё 1,5-3,0 % аз дигар намуди хӯрокаҳо зиёдтар аст.

**Арзиши энергетикии гӯшт –** аз рӯи миқдори энергияе, ки дар протсеси оксидшавии биологӣ аз организм озод карда мешавад ва барои таъмини физиологии организм равона шудааст муайян карда мешавад. Қиммати энергетикии гӯшт ҳангоми дар организм оксидшавии 1 кг сафеда ба 16,7 кДж, равған -13,7 , карбогидратҳо -15,7 кДж баробар аст.

**Арзиши технологии гӯшт-** гуфта хусусиятҳои физикавию-химиявӣ, структуравию-механикӣ ва органолептикии гӯштро, ки дар протсесҳои технологӣ истифода менамоянд меноманд.

**Консентратсияи ионҳои гидрогенӣ** (pH) яке аз нишондодҳои асосии протсеси технологӣ ба ҳисоб меравад. Вай аз миқдори гликоген ҳангоми куштани чорво ва аз суръати пайдошавии кислотаи ширӣ вобастагӣ дорад. Аз андозаи pH намнокӣ, ранг , муҳлати расиш ва нигоҳдории гӯшт вобастагӣ дорад. Гӯште, ки pH-и баланд дорад, дуруст нигоҳ дошта намешавад. Миқдори pH дар мушакҳои алоҳида як хел нест, онҳо метавонанд то андозаи 0,6 фарқ кунанд. Асосан ба андозаи pH ҳолати ноҳинҷории ҳайвон пеш аз куштан , ки миқдори гликоген дар мушакҳо тез паст мешавад ва пайдошавии кислотаи ширӣ суст мегардад таъсири бештар дорад.

**Мулоимии гӯшт-** яке аз нишондиҳандаҳои асосии муайянкунандаи сифатнокии гӯшт мебошад. Мулоимӣ ва тару тозагии гӯшт аз бисёр ҷиҳатҳо аз ҷинси чорво, зот, синну сол, қисми тана, шароити расиши гӯшт, муҳлати нигоҳдорӣ, ҳарорат ва усули коркарди технологӣ вобастагӣ дорад. Мулоимии гӯшт аз миқдори бофтаҳои пайвандакӣ, хусусият ва ҷойгиршавии онҳо, миқдори равған дар мушакҳо ва байни мушакҳо . Ҳангоми аз сутунмӯҳра дур шудан мушакҳо сахт мешаванд.

**Лаззат ва бӯи гӯшт** –сифати гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро муайян менамояд. Ба лаззат ва бӯи гӯшти ҷӯшонидашуда, миқдори моддаҳои азотдор ва беазоти экстрактивӣ таъсир мерасонанд. Моддаҳои азотдор ва беазотӣ экстрактивӣ ҳосилкунандаи ғадуди зери меъда мебошанд, онҳо ба системаи асаб таъсир расонида иштиҳоро баланд мебардоранд.

**Ранги гӯшт-** асосан аз мавҷудияти миоглобин вобастагӣ дорад. Ҳангоми дар гӯшт мавҷуд будани оксимиоглобин ранги гӯшт сурхи равшан, ҳангоми зиёд будани метмиоглобин сурхи торик мешавад. Гӯшти чорвои ҷавон ранги сурхи равшан ва чорвои калонсол ранги сурхи тира дорад.

Барои баҳо додани сифати комплексии гӯшт , таркиби химиявии онро (намнокӣ, равған, сафеда, хокистар), таркиб ва хусусиятҳои мушакҳои алоҳидаро: намнокӣ, равған, протеин, хокистар, сафеда, аз он ҷумла триптофан, оксипролин, моддаҳои азотдори экстрактивӣ, ранг, pH, хусусиятҳои намнигоҳдорӣ, кам шудани оби гӯшт ҳангоми гарм кардан, таркиби гӯшти обпаз ва ғайраҳоро муайян менамоянд .

# Машғулияти 12. Маҳсулотҳои дуюмдараҷа (каллапоча)

**Мақсади дарс:** баҳо дода тавонистан ба сифати маҳсулотҳои дуюмдараҷа. Донишҷӯ бояд муайян намояд, ки дар таркиби маҳсулоти дуюмдараҷа чиҳо мавҷуд аст ва адоме аз онҳо аз ҷиҳати ғизонокӣ беҳтар аст.

Баромади каллапоча дар чорвои калони шохдор, нисбати вазни зиндааш 10-11 %-ро ташкил медиҳад. Дар асоси маззанокӣ ва истифодаашон дар хӯрока онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Ба гурӯҳи аввал: ҷигар, гурдаҳо, дил, забон, майна, диагфрагма, дум, сина, гӯштҳои реза, ки 3,4 %-и вазни зиндаро ташкил медиҳанд. Ба гурӯҳи дуввум : шикамба, гардан, ширдон,шуш,кала бе забон, сипурч, лабҳо, гӯшҳо, ҳазорхона дохил мешаванд, ки 7,2 %-и вазни зиндаи чорворо ташкил медиҳанд. Лекин, ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан дар муассисаҳои гӯштистеҳсолкунӣ ҳамавақт ба хусусиятҳои биологӣ ва хӯрокагии онҳо мувофиқат намекунад.

**Ҷигар-** аз рӯи моддаҳои ғизоиаш дар байни дигар моддаҳои дуюмдараҷа фарқ мекунад. Дар таркиби вай миқдори зиёди сафеда (то 15 %) , бисёр карбогидратҳо дар шакли гликоген – аз 4 то 17 % вобаста аз саломатии чорво. Об -70-73 %, равған – 3-5 %, хокистар -1,5 % мавҷуд аст. Ҷигар аз витаминҳои A,$B_2$, $B_{12}$, PP , тиамин, биотином, холином, кислотаи пантотенӣ, придоксин бой аст. Дар ҷигар миқдори оҳан ва фосфор зиёд аст.

**Гурдаҳо-** аз рӯи зиёд доштани сафедаҳо фарқ мекунанд (15-16 %), миқдори ками равған (2-5 %) ва карбогидратҳо (1,1-1,2 %). Аз рӯи витамин гурдаҳо аз гӯшт беҳтаранд, аммо аз ҷигар қафо меистанд. Аз рӯи витаминҳои $B_1$, $B_2$, $B_3$, $B_{12}$ , кислотаи пантотенӣ, биотин гурдаҳо аз ҷигар монандӣ надоранд. Гурдаҳо- беҳтарин маҳсулоти хӯрокаанд, танҳо пеш аз истифода бурдан онҳоро дар об тар карда хушрӯй шустан лозимаст, то ки бӯи пешоб аз вай тоза шавад.

**Забон** – асосан аз мушакҳои кӯндаланг иборат аст. Нисбати гӯшт дар забон миқдори сафеда камтар аст, лекин аз коллоген бой аст. Маҳсулоте, ки аз забон тайёр карда мешавад болаззат аст.

**Дил** – низ аз мушакҳои кӯндаланг иборат аст. Қиммати ғизонокии он аз гӯшти навъи 1-ум кам нест. Коэффисиенти ҳазмшавии гӯшти дил аз гӯшти гурдаҳо, забон ва ҷигар беҳтар аст. Ҳангоми бисётар буғ кунонидан аз вай хӯроки болаззат тайёр кардан мумкин аст.

**Майнаи сар ва сутунмӯҳра** – ба миқдори хело зиёд аз липидҳо ва кислотаҳои равғанини носер иборат аст. Миқдори равған ва сафеда тахминан як аст (8-10 %). Дар майнаи сар холестирин бисёртар аст. Дар ҳолати бисёр истеъмол намудан организм онро хуб ҳазм намекунад.

**Шуш** – нисбати ҳамаи маҳсулоти номбаршудаи каллапоча қиммати ғизоии пасттар дорад ва сафедааш низ нисбатан камтар аст (миқдори сафедаҳои камарзиш -5,6 % ва пурарзиш -9,5 %). Сафедаҳои таркиби шуш аз сафедаҳои гӯшт дида бадтар ҳазм мешаванд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар хӯрокаи кӯдакони синну солашон гуногун бештар ҷигарро истифода менамоянд, чунки он манбаи асосии сафедаҳои оҳандор аз қабили – феррин, ферритин, пайвастагиҳои органикии фосфордор ва витаминҳои холин ва инозит мебошад.

Гӯшти дум, пойҳо, шикамба, ширдон, ҳазорхона, сина, лабҳо, гӯшҳо қиммати ғизоии паст доранд, чунки дар онҳо бофтаҳои пайвасткунанда

бисёранд. Дар онҳо 50-70 %-и моддаҳои сафедадор ба коллоген рост меояд. Ҳамаи онҳо дар ҳолати бисёр ҷӯшонидан ғализшакл мешаванд.

## Машғулияти 13. БАҲОДИҲИИ ПӮСТИ ЧОРВОИ КАЛОНИ ШОХДОР

**Мақсади дарс:** баҳо дода тавонистан ба пӯсти ҳайвони калони шохдор. Донишҷӯ бояд сифати пӯст, масоҳати пӯст ва аз кадом намуди чорво будани онро муайян арда тавонад. Вобаста аз намуди чорво номгӯи онҳоро аз худ намояд.

Вазни пӯст ва сифати он аз вазни зинда, зот, хусусиятҳои танумандӣ, шароити хӯронидан ва нигоҳдоштан, инчунин аз синну сол ва ҷинси чорво вобастагӣ дорад. Пӯсти нисбатан тунук ва чандириро пас аз куштани гӯсолачаҳо, гӯсолаҳо, буққачаҳо ва чорвои ҷавони ахтакардашуда мегиранд. Пӯсти буққаҳо ва барзаговҳо ғафс,дағал ва нисбатан вазнин аст. Аз модаговҳои ҷавон пӯсти нафис мегиранд ва ин вобаста аз синну сол дигаргун шудан мегирад.

Дар чорвои пир хусусиятҳои технологии пӯст вайрон шуда, хусусиятҳои чандириаш суст ва дағал мегардад. Бо зиёд шудани вазни зиндаи чорво ҳангоми расиш, вазни пӯст кам мешавад ва он дар чорвои калони шохдор то 6-8 %-и вазни зиндаро ташкил медиҳад.

Дар чорвои гӯштӣ нисбати вазни зиндаи чорво ба вазни пӯст нисбати чорвои ширӣ хубтар аст. Дар байни зотҳои ширӣ пӯсти аз ҳама тунук дар чорвои сермаҳсул во мехӯрад. Ғафсии пӯст дар ҳамаи қисмҳои бадан як хел нест: дар тахтапушт вай ғафстар аст, нисбати пӯсти шикам ва пойҳо. Аз ин хотир пӯсти аз ҳама ғафс дар қисми тахтапушти чорво дида мешавад.

Шароити хӯронидан ва нигоҳдоштан низ ба сифати пӯст таъсир мерасонад.Нокифоя ва пастсифат хӯронидани чорво мустаҳкамӣ ва ғафсии пӯстро халалдор месозад. Фасли тобистон дар шароити чарогоҳ

нигоҳ доштани чорво имконият медиҳад, ки пӯсти аълосифат гирифта шавад.

Ҳангоми ба пӯсти чорво нигоҳубини хуб накардан пӯст ба ҳар гуна касалӣ гирифтор мешавад (экзема, пеллегра ва ғ.), ки сифати пӯстро паст менамояд. Шароити иқлим (ҳарорат, намнокии ҳаво, макони ҷойгиршавии чорво) низ ба сифати пӯст таъсир мерасонад.

Пӯсти пас аз куштани чорво ба дастомадаро ба сабук – вазнаш то 25 кг, вазнин- вазнаш аз 25 кг боло ҷудо мекунанд.

Пӯсти чорвои калони шохдорро вобаста аз синну сол ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: пӯсти гӯсола, чарми аз ҷанин гирифтаи гӯсола (опоек-склизок), чарми пӯсти гӯсола то гузаштан ба хӯрокаҳои растанигӣ (опоек и выросток) ; пӯсти гӯсола ва буққачаҳои то яксола – вазни аз 10 то 13 кг (полукожник), пӯсти чорвои калонсол – пӯсти ғуноҷин ва модагов (яловка), вазнаш аз 13 кг боло, пӯсти буққаҳои ахтакардашуда ва ахтанокарда (бычок), вазнаш аз 13 то 17 кг, пӯсти буққачаҳои ахта (бычина), вазнашон аз 17кг боло, пӯсти буққачаҳои ахтанокарда (бугай), вазни сабук аз 17 то 25 кг ва вазнин аз 25 кг боло.

**Склизок** – пӯсте, ки аз эмбриони гӯсола, ҳангоми вафти модагови буғӯз ва ё аз гӯсолаи мурда таваллудшуда  гирифта шудааст. Онҳо баъзан бемӯй , ё бо мӯйи тунук ва ё сермӯй бо баландии 2-3 см мешаванд. Хусусиятҳои фарққунандаи склизок дар он аст, ки дар пӯст тамоми рагҳои хунгард намудоранд. Аз рӯи ҳаҷмаш баҳо дода мешавад, ки бояд 40-60 $дм^2$ –ро ташкил диҳад. Склизокро дар намуди маҳсулоти хурди пӯстӣ ва ё дар ҳолати мӯй доштан ҳамчун пӯстин истифода менамоянд.

**Опоек** – пусти гӯсола, ки дар давраи то ба хӯрдани хӯрокаҳои растанигӣ гузаштанаш гирифта шудааст.Хусусиятҳои фарққунандааш, ин мӯйи ғафс дошта, баробар месабзад ва дар решаи дум мӯйҳои тобхӯрда надорад. Аз вырасток (пӯсти гӯсола баъди ба хӯрокаҳои

растанигӣ гузаштан) фарқаш дар он аст, ки мӯйи ялаққосӣ дорад, аз рӯи ҳаҷмаш қабул карда мешавад. Ҳаҷми миёнааш бояд 50-80 $дм^2$ бошад. Ба пӯсти хурд ва ё пӯстин мансуб медонанд. Аз пусти опойка хром ва пӯсти ҷилодори ялаққосӣ тайёр менамоянд.

**Выросток** – пӯсти гӯсола, ки ба хӯрдани хӯрокаҳои растанигӣ гузаронида шудааст. Аз опойка фарқаш дар он аст, ки мӯйҳои дароз дорад ва пашмашро мепартояд (линька) . Дар дарозии бадан ба қирраи сутунмӯҳра мӯйҳо бо як хати рост ба ду қисм тақсим мешаванд. Фарқияти иловагии онҳо дар он аст, ки дар атрофи дум мӯйи дарози печон доранд, пешонаашон барҷаста аст. Аз рӯи вазнаш қабул карда мешавад. Ҳар як пӯст аз 10 кг боло набошад. Ба категорияи пӯсти майда дохил мешавад. Аз вай пӯсти хром тайёр мекунанд. Ҳаҷми пӯст 126-176 $дм^2$бояд бошад.

**Полукожник** – пӯсти гӯсола ва буққачаҳо, ки ҳангоми ҷудо кардан аз 10 то 13 кг вазн дорад (ҳангоми аз 13,1 кг гузаштан ба дигар категория дохил мешавад). Пӯсти бӯққачаҳо дар қисми болоии гардан баландие дорад, ки вай ба хусусиятҳои ҷинсии буққаҳо алоқаманд аст. Полукожник аз вырасток бо вазни зиёдаш фарқ мекунад, лекин аз рӯи сохт ва қимматнокиаш ба вай монанд аст. Ҳаҷми пӯсти гирифташуда бояд 195-205 $дм^2$-ро ташкил диҳад. Полукожник, выросток ва опоек ба қатори беҳтарин пӯстҳо дохил мешаванд, ки аз онҳо хром гирифта барои қисми болои пойафзол чарм тайёр мекунанд.

**Бычок** – пӯсти буққачаҳои ахта ва ахта накарда, ки вазнашон аз 13 то 17кг мебошад. Аз яловка бо он фарқ мекунад, ки то 10-12 % ҳаҷмаш камтар аст ва дар қисми гардан баландӣ дорад. Барои истеҳсоли чарми хром истифода мешавад. Ҳаҷмаш бояд 228-235 $дм^2$ бошад.

**Яловка –** пӯсти ғуноҷинҳо ва модаговҳое мебошад, ки вазни аз 13 кг зиёд доранд. Яловка аз рӯи вазнаш ба 3 категория ҷудо мешавад: сабук – аз 13 то 17 кг, миёна – аз 17 то 25 кг ва вазнин- аз 25 кг боло. Аз яловкаи сабук ва миёна пӯсти хром тайёр менамоянд ва аз вазнинаш чарми таги пойафзол. Ҳаҷми пӯст бояд 240-436 дм$^2$ бошад.

**Бычина -** пӯсти буққаҳои ахтакардашуда, ки вазнашон аз 17 кг боло мебошад. Ба ду категорияи вазн ҷудо мекунанд: сабук – аз 17 то 25 кг ва вазнин – аз 25 кг боло. Аз пӯсти буққачаҳои ахтанокарда бо он фарқ мекунад, ки дар дар қисми гардан бурмагиҳои пӯст камтар аст. Пӯсти сабукро барои истеҳсоли хром ва вазнинро барои истеҳсоли чарми техникӣ ва таги пойафзол истифода менамоянд. Ҳаҷмаш 260-440 дм$^2$.

**Бугай -** пӯсти буққаҳои ахтанокарда, ки вазнашон аз 17 кг зиёд аст. Пӯсти бугай низ ба монанди бычина ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад : сабук – аз 17 то 25 кг ва вазнин – аз 25 кг боло. Барои истеҳсоли пӯсти хром, таги пойафзол ва чарми техникӣ истифода бурда мешавад. Ҳаҷми пӯсти тайёр бояд 260-450 дм$^2$ бошад.

Пӯсти буйволҳо, кутосҳо ва гавазнҳо низ ба ҳамон категорияҳое, ки чорвои калони шохдоррро ҷудо мекунанд тақсим менамоянд. Пӯсти буйволҳо бо ғафсиаш аз дигар пӯстҳо фарқ мекунад. Пӯсти кутосҳо бо мӯйи ғафс ва дароз пӯшонида шудааст. Чарми аз чунин пӯст тайёркардашуда сифати паст дорад.

## Машғулияти 14. Баҳо додани маҳсулнокии гӯштӣ

**Мақсади дарс:** баҳо дода тавонистани маҳсулотнокии гӯштӣ. Донишҷӯ бояд дараҷаи фарбегии чорворо дар вақти зинда будани он муайян намояд. Ҳангоми қабули чорво ба комбинати гӯшт ба хатогиҳо роҳ надиҳад.

Маҳсулнокии гӯштии ҳайвони калони шохдорро аз рӯи дараҷаи фарбегӣ, вазни зинда, вазни тана, баромади тозаи гӯшт ва сифати гӯшт баҳо медиҳанд.

Дарачаи фарбегӣ, намуди беруна ва вазни зинда аломатҳои асосии баҳо додани чорво мебошанд. Баҳо додани чорво ҳангоми зинда буданаш ин ҳолати саломатиаш,дарачаи хӯронидан ва сифати ҷавонаҳои зотиро муайян менамояд. Дарачаи фарбегӣ якҷоя бо вазни зинда – ба куштан омода будани чорворо муайян менамояд.

Дарачаи фарбегиро суръату инкишофи мушакҳо, кулӯлашавии тана, ғафсии равғани зери пӯст, ки болои танаро пӯшонидааст муайян менамояд. Дар чорвои фарбеҳ равған асосан дар решаи дум, устухонҳои чорбанд, тахтапушт, атрофи қабурғаҳои охир ва чатан захира мешавад. Ҳангоми муоинаи чорво ба ин нуқтаҳо бештар диққат медиҳанд. Ба ғайр аз ин равған боз дар кӯҳон, гардан, зери китф, атрофи гӯшҳо ва атрофи мояхалта захира мешавад. Онро бо роҳи даст-даст кардан муайян мекунанд. Мутахассиси таҷрибанок метавонад бе ягон душворӣ дарачаи фарбегии чорворо аз рӯи намуди беруна, тараққиёти мушакҳо, захирашавии равған дар атрофи устухонҳои кос, чорбанд, чатан ва қабурғаҳои охир муайян намояд.

Вобаста аз стандарти нави чорвои калони шохдор вобаста ба забҳи чорво,ки аз 29.04.1987 сол (ГОСТ 6110-87) ва барои истифода баъд аз соли 1990 аз 01.01.1998 якҷоя бо стандарти амалкунанда (ГОСТ 5110-55), фаъолият менамояд , бо назардошти ҷинс, синну соли чорвои калони шохдор ҳангоми қабул намудани чорво ба комбинати гӯшт ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

1 чорвои калонсол – модаговҳо, буққаҳо, барзагов, гӯсолаҳои аз 3 сола боло;

11- модаговҳо- гӯноҷинҳои то 3 сола;

111- ҷавонаҳо – аз 3 моҳа то 3 сола;

1У – гӯсолаҳо- аз 14 рӯзагӣ то 3 моҳагӣ.

Дар стандарти нав яке аз аломатҳои асосии муайянкунандаи маҳсулнокии гӯштии ҷавонаҳои чорвои калони шохдор ин вазни зинда ва сергӯштӣ , барои чорвои калонсол – дарачаи фарбегӣ мебошад.

Ба ғайр аз ин модаговҳои синнашон то 3 соларо, ки вазни зиндаи аз 350 кг боло доранд, вобаста аз дараҷаи фарбегӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд.

Ҷавонаҳои чорвои калони шохдор, ки ба гӯшт супорида мешавад вобаста аз синну сол ва вазни зинда ба 4 синф ҷудо мекунанд:

- яккачин – аз 450 кг боло;
- якум –аз 400 то 450 кг;
- дуюм – аз 350 то 400 кг;
- сеюм – аз 300 то 350 кг.

Ҷавонаҳои яккачин, якум ва дуюм ба категорияи якум дохил мешаванд, сеюмро вобаста аз дараҷаи фарбегӣ ба ду категория ҷудо мекунанд.

**Категорияи якум.** Тана кулӯла, мушакҳои хуб тараққӣ карда, шонаҳо, тахтапушт, қисми қафо ва ронҳо пуранд, қирраи сутунмӯҳра,кос ва чорбанд камтар намоёнанд, дар атрофи дум захирашавии равған мушоҳида мешавад.

**Категорияи дуюм.** Кулӯлашавии тана нопурра, тараққиёти мушакҳо қаноатбахш нест; кӯҳон, қирраи устухонҳои миён ва тахтапушт, кос, чорбанд метобад, равғани зери пӯст даст-даст намешавад.

Модаговҳои то 3 сола бояд вазни зиндаи аз 350 кг боло дошта бошанд. Модаговҳоро аз рӯи дараҷаи фарбегиашон ба ду категория ҷудо мекунанд:

**Категорияи якум.** Тана кулӯла, мушакҳои хуб тараққӣ карда, шонаҳо, тахтапушт, қисми қафо ва ронҳо пуранд, қирраи сутунмӯҳра, кос ва чорбанд камтар намоёнанд, дар атрофи дум захирашавии равған мушоҳида мешавад.

**Категорияи дуюм.** Кулӯлашавии тана нопурра, тараққиёти мушакҳо қаноатбахш нест; кӯҳон, қирраи устухонҳои миён ва тахтапушт, кос, чорбанд метобад, равғани зери пӯст даст-даст намешавад.

Чорвои калонсолро вобаста аз дараҷаи фарбегиашон ба ду категория тақсим мекунанд.

**Модаговҳо,барзаговҳо ва гӯсолаҳои аз 3 сола боло.**

**Категорияи якум.** Тараққиёти мушакҳо мӯътадил, тана шакли кунҷдорро дорад, шонаҳо намоён,линг тунук ва бардошташуда ,кӯҳон, қирраи устухонҳои миён ва тахтапушт, кос, чорбанд метобад, равғани зери пӯст даст-даст мешавад, дар барзаговҳо равған дар атрофи мояхалта кам захира шудааст ва ҳангоми даст-даст кардан мулоим аст.

**Категорияи дуюм.**Тараққиёти мушакҳо ғайриқаноатбахш,намуди тана кунҷнок,шонаҳо сахт намудоранд, линг тунуква бардошта, қирраи устухонҳои миён, тахтапушт кос, чорбанд хуб намудоранд; равғани зери пӯст камтар дар атрофи устухонҳои кос ва тахтапушт; дар барзаговҳо мояхалта бардошта шудааст, чиндор бе захирашавии равған.

**Буққаҳо.**

**Категорияи якум.**Тана кулӯла, мушакҳо хуб тараққӣ ёфтаанд, сари сина, миён, тахтапушт ва қисми қафо нисбатан васеъ, устухонҳои скелет намудор нестанд, линг ва шона пуршудаанд.

**Категорияи дуюм.** Намуди тана камтар кунҷдор, устухонҳои скелет каме намудоранд, мушакҳо хуб тараққӣ ёфтаанд, сари сина,миён, тахтапушт ва қисми қафо нисбатан васеъ, устухонҳои скелет намудор нест, линг ва шонаҳо пур шудаанд.

**Гӯсолаҳо.**

Вобаста ба дараҷаи фарбегиашон ба ду категория ҷудо мешавад.

**Категорияи якум (**давраи ширхӯрӣ) мушакҳо қаноатбахш, қирраи устухонҳои миён намудор нест,мӯй мулоим, фук-сафед бе нишонаҳои сурхӣ; нилла – сафед ва ё камтар гулобӣ; лаб ва ком –сафед ва ё зардчатоб. Вазни зинда на камтар аз 30 кг.

**Категорияи дуюм** (хӯрокаҳои иловагӣ дода мешавад) Тараққиёти мушакҳо ғайриқаноатбахш, қирраи устухонҳои сутунмӯҳра камтар намудоранд. Биннӣ, ниллаҳо, лаб, ком метавонанд ранги сурхчатоб дошта бошанд.

Чорвои калони шохдорро, ки ба талаботҳои боло ҷавобгӯй нест ба гурӯҳи ҳайвоноти хароб дохил мекунанд.

Барои баҳо додани гӯшти чорвои калони шохдор баъди соли 1990, стандарти нав «Гӯшти гов ва гӯсола» ГОСТ 779-87 ба ҷои ГОСТ 779-55 ва ГОСТ 16867-71 амалӣ карда шудааст. Гӯшт аз чорвои калони шохдор ( модагов, барзагов гӯсолаҳои аз 3 сола калон, буққаҳо) вобаста аз дараҷаи фарбегиашон ба категорияи якум ва дуюм ҷудо мекунанд.

**Гӯшти категорияи якум** (аз модаговҳо, барзаговҳо, гӯсолаҳои аз 3 сола боло) . Тараққиёти мушакҳо мӯътадил, қирраи устухонҳои миён, қабурғаҳо, сутунмӯҳра, кос, чорбанд он қадар намудор нестанд, равғани зери пӯст аз қабурғаи 8-ум то устухонҳои кос камтар захира шудааст, дар гардан, шонаҳо, қабурғаҳои пеш, қисми қафо, чатан кам кам захирашавии равған намудор аст.

**Гӯшти категорияи дуюм** (аз модаговҳо, барзаговҳо ва гӯсолаҳои аз 3 сола боло). Тараққиёти мушакҳо ғайриқаноатбахш (китф каме фурӯ-хамида ), қирраи устухонҳои сутунмӯҳра, миён, тахтапушт, кос, чорбанд намудоранд,равғани зери пӯст камтар дар устухонҳои атрофи кос, тахтапушт ва қабурғаҳои охир захира шудааст.

**Гӯшти категорияи якум,** вазни тана аз 165 кг боло.Мушакҳо хуб тараққӣ кардаанд,шонаҳо хамидагӣ надорад, линг барҷаста нест, қираи устухонҳои сутунмӯҳра, кос ва чорбанд андаке намудоранд. Равған дар решаи дум ва дар қисмати болоии линг захира шудааст.

**Гӯшти категорияи дуюм,**вазни тана аз 165 кг боло. Мушакҳо суст тараққӣ ёфтаанд. Рон пур нашудааст, қирраи устухонҳои сутунмӯҳра, кос ва чорбанд бараъло намудоранд, мумкин аст равған захира нашавад.

Гӯшти ҷавонаҳоро (буққачаҳо, буққаҳои ахта, гӯсолаҳо) вобаста аз вазнашон ва дараҷаи фарбегиашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

**Гӯшти категорияи якум** аз беҳтарин буққачаҳои ҷудокардашуда гирифта мешавад, вазни танаашон аз 230 кг боло – 1 синф, вазни тана аз 195 то 230 кг; 11 синф вазни тана аз 168 то 195 кг; 111 синф вазни тана аз 168 кг поён. Мушакҳо тараққӣ кардаанд, шонаҳо бе ягон камбудӣ, рон барҷаста не, қирраи устухонҳои сутунмӯҳра, кос ва чорбанд каме намудоранд.

**Гӯшти категорияи дуюм аз ҷавонаҳо.** Тараққиёти мушакҳо муътадил, рон чуқуриҳо дорад, қирраи устухонҳои сутунмӯҳра, кос ва чорбанд бараъло намудоранд.

Гӯшти гӯсоларо вобаста аз дараҷаи фарбегиаш ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

Гӯшти гӯсолаи категорияи якум (давраи ширхӯрӣ). Тараққиёти мушакҳо муътадил, ранги гулобӣ-ширӣ, рон пур шудааст, равған дар атрофи гурдаҳо ва қисми қафо захира шудааст,устухонҳо намудор нестанд.

Гӯшти гӯсола категорияи дуюм (баъди гирифтани хӯрокаҳои иловагӣ). Вазни зинда на камтар аз 30 кг. Тараққиёти мушакҳо ғайриқаноатбахш, ранги гулобӣ, равған дар атрофи гурдаҳо ва қисми қафо захира шудааст, устухонҳо каме намудоранд.

Гӯшти чорвои калони шохдореро, ки ба ин талаботҳо ҷавобгӯ нест – гӯшти хароб меноманд.

## Машғулияти 15. Баҳодиҳии молии намудҳои гӯшт

**Мақсади дарс:** баҳо дода тавонистани хусусиятҳои молии намудҳои гӯшт. Донишҷӯ бояд гӯшти намудҳои гуногуни чорворо муайян карда тавонад. Кадом гӯшт, аз кадом намуди чорво, дар кадом синну сол беҳтар аст бояд донад.

**Гӯшти гов.** Гӯшти сербофта, ранги сурхи-торик, бо бофтаҳои равғанӣ пӯшида шудааст, бофтаҳои пайвасткунанда тараққӣ ёфтааст, бофтаҳои равғанӣ сахт ва бӯи махсус дорад. Ҳангоми ҷӯшонидан бӯи дилхоҳ , аммо маззааш камтар пасттар мебошад.

Ҳангоми ба нуқтаҳои фурӯш баровардан вобаста аз дараҷаи фарбегии чорво гӯштро ба ду дараҷа ҷудо мекунанд (ГОСТ 779-87).

Гӯшт аз чорвои калонсол (модаговҳои аз 3 сола боло, барзагов, гӯсола, инчунин ғуноҷинҳои то 3 солаи вазни зиндаашон аз 165 кг поён):

Дарачаи-1 мушакҳо мўътадил тараққӣ ёфтаанд,қирраҳои устухони сутунмўҳра, қабурғаҳо, устухони чорбанд ва устухонҳои кос он қадар намоён нестанд . Равғани зери пўст танаро аз устухонҳои кос то 8-ум қабурға, дар гардан, шонаҳо, линг , қисми қафо ва чатан пўшонидааст;

Дараҷаи 11- мушакҳо нисбатан суст тараққӣ кардаанд (линг пур нест), қирраи сутунмўҳра, қабурғаҳо, устухони чорбанд ва кос намудоранд. Равған дар баъзе ҷойҳо каму беш дар тахтапушт, кос ва қабурғаҳои охир захира мешавад.

**Гўшти буққа:**

Дараҷаи 1 – мушакҳо тараққӣ ёфтаанд, шонаҳо ва линг пур шудагӣ, қирраи сутунмўҳра ва қабурғаҳо намоён нест;

Дараҷаи 11 – мушакҳо инкишофёбиашон мўътадил, шонаҳо ва линг пур нестанд, қирраи устухонҳои сутунмўҳра ва кос намудор аст.

**Гўшти ғуноҷин** (вазни зиндааш 165 кг ва зиёда)

Дараҷаи 1 – мушакҳо хуб тараққӣ кардаанд, шонаҳо чуқур нестанд, линг барҷаста нест, қирраи устухонҳои сутунмўҳра, қабурғаҳо, кос камтар намудоранд. Равған дар решаи дум ва линг захира шудааст.

Дараҷаи 11 – мушакҳо инкишофашон мўътадил, дар линг чуқурӣ намудор аст , қирраи устухонҳои сутунмўҳра, кос ва чорбанд хуб намудоранд, равған захира нашудааст.

**Гўшти ҷавонаҳо** (ҷавонаҳои беҳтарин – вазни гўшташон то 230 кг; 1 синф – 193-230 ; 11 синф – 168-195 ; 111 синф – 168- кг ва аз он кам).

Дараҷаи 1 – мушакҳо хуб тараққӣёфтаанд, шонаҳо чуқур нест, линг баланд нест,қирраи устухонҳои сағрӣ, сутунмўҳра, кос, чорбанд каме намудор аст;

Дарачаи 11 - мушакҳо инкишофашон мӯътадил, дар линг чуқурӣ намудор аст, қирраи устухонҳои сутунмӯҳра, кос ва чорбанд хуб намудоранд.

**Гӯшти гӯсола:** дараҷаи 1 (гӯсолаҳои ширхӯр) – мушакҳо хуб инкишоф ёфтаанд, ранги бунафши ширгун, лингҳо пуршуда , дар атрофи гурдаҳо ва қисми қафо, қабурғаҳо ва линг равған захира шудааст. Устухонҳои сутунмӯҳра, кӯҳон ва кос барҷаста нестанд; 11 – (ҳангоми додани хӯрокаҳои иловагӣ)- мушакҳо инкишофашон суст, ранги гулобӣ, дар атрофи гурдаҳо ва қисми қафо , миён ва тахтапушт равған захира шудааст. Қирраи устухонҳои сутунмӯҳра, кӯҳон ва кос камтар намудоранд Гӯштеро, ки ба талаботҳои боло ҷавобгӯй нест , ба гурӯҳи хароб дохил менамоянд. Гӯшти буйволҳоро айнан ҳамчун гӯшти гов баҳо медиҳанд.

**Тамғазании гӯшти гов ва гӯсола.** Вобаста аз дараҷаи фарбегии модагов ва гӯсола чунин тамғагузорӣ карда мешавад: дараҷаи 1- тамғаи гирд, дараҷаи 11- тамғаи чоркунҷа, хароб – тамғаи секунҷа. Тамғазаниро махсус мутахассисоне ба ӯҳда доранд, ки таҷрибаи зиёди корӣ доранд. Намуди асосии тамғаҳо, ки бо андоза ва шаклҳои гуногун истифода мешаванд дар расми 3 нишон дода шудааст.

Дар гӯшти буққачаҳо вобаста аз дараҷаи фарбегиашон тамға зада мешавад ва дар дохили он ҳарфи Б навишта мешавад.

Дар гӯшти гӯсолаҳо вобаста аз дараҷаи фарбегиашон дар дохили тамға ҳарфи Т зада мешавад.

Дар гӯшти ҷавонаҳо ба ғайр аз гӯшти хароб аз тарафи рости тамға ҳарфи М гузошта мешавад.




Расми 1. Шакл, андозаи тағмава мӯҳр барои нишонагузорӣ дар гӯшт

Дар гӯшти ҷавонаҳое, ки барои хӯроки кӯдакон истифода карда мешавад ба ҷои ҳарфи М ҳарфи Д гузошта мешавад.

Ҳангоми тамға задан дар гӯшти чорвои калони шохдор ва ҷавонаҳо вобаста аз сифат ва вазни гӯшт, инчунин дараҷаи фарбегии он дар паҳлӯи тамға чунин ҳарфҳоро мегузоранд: В- дараҷаи баланд, С- дараҷаи миёна, Н- дараҷаи аз миёна поён.

Дар гӯшти чорвои калони шохдор ва гӯсолаҳо, ки нуқсонҳои технологӣ доранд, аз тарафи рости тамға, штамп бо ҳарфҳои ПП гузошта мешавад.

Қоидаи гузоштани тамға чунин аст: дар нимтанаи дараҷаи 1 ва 11-юми гӯшти гов яктогӣ тамға дар қисми шона ва линг; дар нимтанаи 1 ва 11 –юми гӯшти гӯсола дар қисми шона, дар гӯшти гӯсола дар як тарафи қисми шона, дар нимтанаи хароби модагов ва гӯсола тамға дар қисми

шона ва аз чор як ҳиссаи гӯшти хароб яктогӣ дар шона ва линг; дар нимтанаи модагове, ки барои коркарди истеҳсолӣ бо хоҳиши корхонаҳои коркарди гӯшт фиристода мешавад тамға дар қисми шона гузошта мешавад.

# Машғулияти 16. Нишондиҳандаҳои гӯшт

**Мақсади дарс:** муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии гӯшт. Донишҷӯ бояд донад, и нишондиҳандаҳои асосии гӯшт кадомҳоянд. Кадоме аз ин нишондиҳандаҳо асосианд ва кадом омилҳое ҳастанд, ки ба он таъсир мерасонанд.

Гӯшт чун ғизои истеъмолӣ дар хӯроки инсон яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Дар вай ҳамаи моддаҳои органикӣ, ки барои зиндагӣ ва фаъолияти инсон зарур аст мавҷуд мебошад. Аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли гӯшт ҷойи аввалро гӯшти чорвои калони шохдор (43-45 % аз истеҳсоли умумии гӯшт) мегирад. Гуфтан зарур аст, ки то 97 %-и гӯшт аз чорвои зотҳои ширӣ ва думаҳсулота гирифта мешавад. Чорвои махсусгардонидашудаи гӯштӣ дар Тоҷикистон хело суст тараққӣ меёбад.

Мувофиқи меъёри физиологӣ талаботи шабонарӯзии одами калонсол ба сафеда атрофи 100 г аст, аз ин сафедаи аз ҳайвонот гирифташуда, аз он ҷумла гӯшт бояд 50-60% бошад. Моддаҳои ғизоноки гӯшт хусусият-ҳои хуб ҳазмшавӣ доранд, ки дар моддаи хушк 95,%, сафеда -95,7%, равған -93,5 %, карбогидратҳо -97,0 %, моддаҳои минералӣ -81,8%. Дар чорвои калони шохдор , нисбати дигар намуди гӯшт фоизи сафеда аз ҳама бисёр аст.Дар гӯшти гов миқдори холестерин нисбати гӯшти хук ва гӯсфанд кам аст. Барои ин гӯшти говро ҳамчун хӯрокаи серсафеда барои истеъмол пешниҳод намудан мумкин аст.

### Нишондиҳандаҳои асосие, ки маҳсулнокии гӯштиро ифода менамоянд

Маҳсулнокии гўштӣ ин ифодакунандаи нишондиҳандаҳои сифатию миқдории гўштро мефаҳмонад. Сифатҳои миқдории гўшт инҳоянд:

**Вазни зинда** - ҳангоми ба охир расидани давраи парвокунӣ ва бўрдоқикунӣ, ҳангоми қабули чорво ба комбинати гўшт баъди кам кардани миқдори муайяни вазн аз ҳисоби хўрокҳои дар шикамба буда ва баъди куштани чорво ва нигоҳ доштан то 24 соат.

**Тезрасӣ**– суръати расиши ҷавонаҳо, ки вазнафзункунии аслӣ, нисбӣ ва шабонарўзии чорворо дар як давраи муайян ифода менамояд. Тезрасии чорворо аз рўи давраи куштани он, ки миқдори бисёри гўшти босифат медиҳад муайян менамоянд.

**Тана** – ин миқдори гўшт бо устухон - бе пўст, кала, қисмҳои дарунӣ, равғaн, пойҳои пешу қафо то оринҷ.

**Баромади тана** – ин нисбати вазни тана ба вазни пеш аз кушташуда, ки бо фоиз ифода карда мешавад. Дар комбинати гўшт баромади гўшт бе ягон ихтисоркунӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, кам кардан (скидка) танҳо ҳангоми аз масофаи дур кашонидани чорво ва баъди куштан нигоҳ доштани гўшт амалӣ карда мешавад. Кам кардани вазни зинда аз ҳисоби хўрокаҳои дар меъдаю рўда буда, агар аз масофаи то 50 км оварда шавад – 3%, аз 51 то 100 км – 1%. Ҳангоми аз 100 км зиёд будан аз вазни зинда кам карда намешавад. Баромади гўшти чорвои зоти сиёҳало (дараҷаи 1) ба ҳисоби миёна 49,6 %, баромади тозаи гўшти ҷавонаҳое, ки вазни зиндаашон аз 450 кг зиёд аст ба 54 %, ҷавонаҳои аз 400 то 450 кг – 53%-ро ташкил медиҳанд.

**Вазни холис** – гуфта вазни гўшти танаро бо равғани дарунӣ мефаҳмонад.

**Баромади тозаи гўшт** – ин нисбати вазни холис ба вазни пеш аз кушташуда, ки бо фоиз ифода карда мешавад. Баромади тозаи гўшти

чорвои зотҳои ширии хуб парвариш намуда 52-54, думаҳсулота – 54-58, гӯштӣ – 58-64 % - ро ташкил медиҳад.

**Равғани дарунӣ** – равғани дар болои шикам ҷамъшуда, атрофи гурдаҳо, атрофи шикамба ва рӯдаҳо. Асоси равғанро чарбу ташкил медиҳад.

**Сарфи хӯрока** – ин хароҷоти хӯрока барои 1 кг вазнафзункунӣ. Аз сабаби он, ки истифодаи хӯрокаҳо дар арзиши аслии маҳсулот нақши калонро мебозанд, онҳо ҳангоми баҳо додани маҳсулнокии гӯштӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Вобаста аз зот, шароити хӯронидан ва нигоҳдоштан, ҳаҷм ва сифати хӯрокаҳо сарфи хӯрока барои истеҳсоли 1 кг вазни зиндаи чорвои калони шохдор аз 6,8 то 10,0 воҳиди хӯрока тағйир меёбад.

Ба нишондодҳои сифатии чорвои калони шохдор инҳоро дохил кардан мумкин аст:

**- хусусиятҳои анатомии гӯшт.** Гӯшти чорвои калони шохдорро мувофиқи қоида ба 5 қисми анатомӣҷудо менамоянд: гардан, китфушонаҳо, миёнусарисина, тахтапушт ва қисми қафою линг. Вобаста аз сифати гӯшт қисмҳоро ба 3 навъ ҷудо менамоянд. Ҳар чи қадаре, ки навъи гӯшт хуб бошад ҳамонқадар сифатҳои хӯрокии он баланд аст.

**- хусусиятҳои морфологии гӯшт –** ин сохтори тана бо нисбияти бофтаҳои мушакӣ, равған, устухон, тағояк ва рагу пай.

16.Таркиби морфологии танаи чорвои калони шохдори дараҷаи фарбегиашон гуногун

| Дараҷаи фарбегӣ | Дар бофтаҳо мавҷуд аст, % | | | |
|---|---|---|---|---|
| | мушакҳо | равған | пайвандакҳо | устухон |
| Баланд | 56,6 | 16,1 | 11,5 | 15,7 |
| Миёна | 59,7 | 10,3 | 12,3 | 17,5 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Паст | 60,0 | 3,5 | 14,3 | 21,6 |

**- таркиби химиявии гӯшт-** дар асоси гирифтани намунаи миёнаи гӯшт, дар мушакҳои дарозӣ тахтапушт муайян карда мешавад. Дар асоси намунаи миёна миқдори об, сафеда, равған,хокистар ва ғизонокии гӯштро муайян менамоянд. Дар гӯшти мушакҳои дарози тахтапушт нишондиҳандаҳои физикавию-химиявӣ, хусусиятҳои намнигоҳдорӣ, сершрагӣ, рН, об, равған, сафеда, хокистар ва ғайра муайян карда мешавад.

**Қиммати биологии гӯшт** - ин нисбати сафедаҳои аслӣ ва ғайриаслӣ, аминокислотаҳои ивазшаванда ва ивазнашаванда, кислотаҳои равғании сер ва носер мебошад.

Нишондиҳандаҳои миқдории маҳсулоти гӯштӣ пеш аз ҳама аз шароити парвариш ва хӯронидан вобастагӣ дорад. Ба нишондиҳандаҳои сифатӣ, ба ғайр аз ин нишондодҳо боз зоти чорво, синну сол ва ҷинси он таъсири бештар мерасонанд.

## Машғулияти 17. Фурӯш ва коркарди аввали чорвои қасобишуда

**Мақсади дарс:** фурӯш ва коркарди аввали чорвои қасобишуда. Донишҷӯ бо тарзи фурӯш, нархгузорӣ ва коркарди авалаи гӯшт дар комбинати истеҳсоли гӯшт шинос бояд бошад. Оиди тайёр кардани чорво барои фурӯш ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ маълумот бояд дошта бошад.

Чорвои фурӯхташударо асосан корхонаҳои саноати гӯшт ва солҳои охир сехҳои хурди коркарди гӯшт ва хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ барои фурӯхтан дар бозор харидорӣ менамоянд.

Барои фурӯхтани чорво бояд хоҷагиҳои истеҳсолкунанда бо корхонаҳои маҳсулоттайёркунанда вобаста карда шаванд. Дар ин ҳолат бояд масофаи байни корхонаҳо, шакли маълумотдиҳӣ ва иқтидори корхонаи маҳсулотқабулкунанда муайян бошанд.

Корхонаҳои маҳсулоттайёркунанда бо хоҷагиҳои истеҳсолкунанда шартнома бароп як сол ва ё барои панҷ сол ба имзо мерасонанд. Шартнома дар 4 нусха тартиб дода мешавад: якум дар хоҷагӣ нигоҳ дошта мешавад, дуюм – барои истеҳсолкунанда, сеюм- барои идораи кишоварзии ноҳия ва чорум –барои инспексияи маҳсулоттайёркунандаи ноҳиявӣ.

Маҳсулоттайёркунанда вазифадор аст, ки ҳамроҳ бо шартномаи стандарти қабули махсулот, талаботҳои техникӣ ва дигар санаду меъёрҳоро низ пешниҳод намояд. Илова ба шартнома на камтар аз 15 рӯз то саршавии моҳи дигар нақшаи супоридани чорворо ба гӯшт тартиб медиҳад, ки дар он вазни зиндаи чорво ва рӯзи супоридан бояд қайд карда шавад. Бурда расонидани чорво танҳо аз рӯи нақшаи муайяншуда амалӣ карда мешавад.

Тарзи тайёр ва супоридани чорво сол аз сол дигар мешавад. Дар айни замон танҳо шартномаҳои хариду фурӯши чорво амал менамояд.

**Тайёр кардани чорво барои супоридан.** Пеш аз фиристодан дар хоҷагӣ чорворо баъди 3 соати хӯрокдиҳӣ ва обдиҳии охирин аз назар мегузаронанд бар мекашанд, рақам мемонанд. Баъд ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд: ҷавонаҳои вазни зиндаашон баланд (аз руи меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои ҳамон маҳал муайян шудааст), ҷавонаҳои то ду солаи вазни зиндаашон 300 кг ва аз он боло.

Ба ҳар як гурӯҳи чорво дар 3 нусха борхати нақлиётӣ, шиносномаи бойторӣ (нусхаи № 1), ҳангоми кашонидани чорво бо роҳи оҳан ва ё ба роҳи дур журнали роҳбалад тартиб дода мешавад. Дар борхати нақлиётӣ барои чорвои калони шохдор- вазни зиндаи ҳар як чорво, рақами индивидуалӣ, ҷинс, синну сол, дараҷаи фарбегӣ, барои хук ва гӯсфандон, гурӯҳи вобаста ба синну сол ва дараҷаи фарбегиашон нишон дода

мешавад. Барои чорвое, ки вазни зиндааш аз меъёри муайяншуда зиёд аст алоҳида борхати нақлиётӣ тартиб дода мешавад. Ба буққаҳое, ки то 2 солагӣ вазни зиндаашон аз 300 кг зиёд аст, вазни зиндаи онҳоро моҳ ба моҳ нишон медиҳанд. Як нусха борхати нақлиётиро дар хоҷагӣ ва дутои дигарашро ба одаме, ки чорворо роҳбаладӣ менамояд месупоранд. Як нусхаи он дар дасти қабулкунанда ва дигараш бо имзои қабулкунанда ба хоҷагӣ баргардонида мешавад. Борхати нақлиётиро аз тарафи супоранда, қабулкунанда , роҳбар ва сармуҳосиби хоҷагӣ имзо мегузоранд.

**Кашонидани чорво.** Чорворо ба ҷойи муайяншуда пиёда ҳай карда меоранд ва ё ба воситаи ягон намуди нақлиёт кашонда меоранд. Талаботи асосӣ ба он ташкилотҳое, ки овардани чорворо ба ӯҳда доранд он аст, ки вазни зинда ва дараҷаи фарбегии чорворо таъмин намоянд. Бор кардани чорво бо қувваи кормандони хоҷагӣ ва фаровардани онҳо бо қувваи кормандони хоҷагии қабулкунанда гузаронида мешавад. Агар ягон тараф вазифаашро иҷро нанамояд дар он ҳолат маҷбур аст музди меҳнати тарафи дигарро ҷуброн намояд. Кашонидани чорво дар ҳамон намуди техникаҳое иҷозат дода мешавад, ки махсус барои кашонидани чорво пешбинӣ шудаанд.

**Кашонидани чорво ба воситаи роҳи оҳан.** Бор кардани чорворо дар истгоҳҳои махсусе, ки барои бор кардан ва фаровардани чорво мувофиқ гардонида шудааст мегузаронанд. Кашонидани чорво ба воситаи роҳи оҳан дар масофаи аз 200 то 800 км дар вагонҳои махсус гузаронида мешавад. Вобаста аз синну сол, намуд, дараҷаи фарбегӣ дар як вагон: чорвои калони шохдор -16-24 сар; ҷавонаҳо -24-28 сар; гӯсолаҳо -36-50 сар; гӯсфанд – 80-100 ; хук 50-80 сар бо вазни зиндаи 30-80 кг; хук 45-50 сар бо вазни зиндаи 80-100 кг, асп 14 сар. Дар қафас то 850-1050 мурғ, қоз- 250, мурғобӣ -400-500 ва харгӯш -500 сарро ҷой менамоянд.

Чорворо одатан дар вагонҳои шусташуда ва безараргардонидашуда, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯй бошад бор мекунанд. Ба чорвои бор кардашуда шаҳодатномаи бойторӣ тартиб медиҳанд, ки то се рӯз ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати гузаштани муҳлат онро Назорати давлатии бойторӣ дар нақлиёт ҳал менамояд. Роҳи оҳан то 24 соат аз боркардан пеш ба стансияи лозима хабар медиҳад. Дар ҳолати шабона бор кардани чорво маҳали бор кардан бояд равшан бошад. Чорвоеро, ки барои кашонидан ҷудо карда мешавад 4-5 рӯз пеш онҳоро ба тарзи хӯрокдиҳии нақлиётӣ мегузаронанд.

Хоҷагие, ки чорворо мефурӯшад бояд барои ҳар як сар 8-12 кг коҳ ва 2-3 кг хӯрокаҳои консентратӣ вобаста аз синну сол ва дараҷаи фарбегии чорво ва дар як рӯз 2 кг такандоз захира намояд. Барои он чорвое, ки бо хӯрокаҳои боқимондаи саноатӣ парвариш карда шудаанд, айнан чунин хӯрокаҳоро бояд муҳайё намуд. Чорворо дар як рӯз се маротиба хӯрок ва на камтар аз ду маротиба об медиҳанд.

Дар вагонҳо бояд дар истгоҳҳо ва ё ҳангоми ҳаракат ҳавои дохил тоза карда шавад, танҳо кӯшиш кардан лозим аст, ки шамолрав (сквозняк) набошад. Пору аз дохили вагонҳо ҳамавақт дар истгоҳҳо тоза карда мешавад.

Шахсоне, ки чорворо ҳамраҳӣ мекунанд дар якҷоягӣ бо намояндаҳои тарафи чорворо қабулкунанда чорворо аз назар мегузаронанд ва баъд аз 3 соати хӯронидани хӯрок ва об ҳар як чорворо бар мекашанд.Дар ҳолати кам шудани вазни зинда онро такроран боз бар мекашанд.

Ҳангоми ягон камбуди дар дараҷаи фарбегии чорво муайян намудан чорворо кушта ба он санад тартиб медиҳанд (нусхаи 12- гӯшт). Дараҷаи фарбегии чорворо аз рӯи гӯшташ ва ГОСТ, ки амал менамояд муайян менамоянд.

**Кашонидани чорво бо нақлиёти автомобилӣ.** Чорворо танҳо аз ҷойҳое кашонидан лозим аст, ки аз касалиҳо эмин бошад ва дар карантин набошанд. Ба чорвое, ки барои кашонидан ҷудо карда мешавад шаҳодатномаи бойторӣ тартиб дода мешавад.

Нақлиёти автомобилие, ки барои кашонидани чорво муайян шудааст бояд таҷҳизонида шуда бошад. Баландии борти нақлиёт на камтар аз 100-110 см буда бо тахтаҳои боқувват сохта шуда бошанд. Дар зери пои чорво аз коҳ ё пахол такандоз мепартоянд. Барои муҳофизат кардани чорво аз гармии офтоб болои нақлиётро бо болопӯши брезентӣ мепӯшонанд. Ҳангоми бисёр будани нақлиёт ба ҳар 2-3 нақлиёт яктогӣ роҳбалад интихоб мекунанд. Дар як мошин чорвоеро бор мекунанд, ки аз рӯи синну сол, вазни зинда ва ҷинс якхела бошанд. Меъёри бор кардани саршумор аз намуди мошин, дурии роҳ, ҳолати роҳ, фасли сол вобастагӣ дорад. Ҳангоми бор кардани чорво ба масофаи дур (агар аз 6 соат зиёд вақт сарф шавад) хоҷагӣ бояд онҳоро бо хӯрока таъмин намояд.

Ҳангоми сафар ҳамавақт (на камтар аз ду маротиба) дар як рӯз ба чорво об додан лозим аст. Ҳангоми дамгирӣ ба чорво хӯрока медиҳанд ва зери пои онҳоро тоза намуда такандози нав мепартоянд. Суръати ҳаракати мошин дар роҳҳои мумфарш то 60 км/соат, дар роҳҳои ноҳамвору сангфарш -45 км / соат ва дар роҳҳои хокӣ то 25 км / соат зиёд набошад. Дар ҳолати касал ва ё фавтидани чорво роҳбалад бояд ба наздиктарин нуқтаи бойторӣ хабар диҳад. Баъди ин, ҳаракат кардан танҳо бо рухсати шахсони масъул сурат мегирад.

Бо омада расидан ба нуқтаи охирин роҳбалад ҳуҷҷатҳои бойториро ба шахси чорворо қабулкунанда месупорад. Чорворо бо ҳисоб кардани саршумор, муайян кардани вазни зинда ва дараҷаи фарбегиашон месупоранд. Ба чорвои супоридашуда санад тартиб медиҳанд (нусхаи 3

ист.гӯшт). Шахси чорворо қабулкунанда пас аз қабули чорво мошинро шуста безарар мегардонад. Баъди баргаштан ба хоҷагӣ, роҳбалад ҳамаи ҳуҷҷатҳои лозимаро аз қабили  санадиқабули чорво, роҳхати борию наклиётӣ, журнали роҳбалад ба хоҷагӣ баргардонида месупорад.

Ҳамавақт аз як ҷо ба ҷои дигар бурдани чорво  аз сабаби танг будани ҷои ист, хашму ғазаб, камшавии вазни зинда ва ба маъюбшавии чорво оварда мерасонад. Аз ин сабаб агар дар масофаи 50-80 км камшавии вазни зинда дар чорвои калони шохдор то 2,4 ва хукҳо 1,3 %- ро ташкил диҳад, ин маънои онро дорад, ки кашонидани чорво бо муваффақият анҷом дода шудааст.

**Тартиби супоридан ва қабули чорво.** Ҳангоме, ки чорвои дохилшуда бе ҳуҷҷатҳои ветеринарӣ  ё ҳангоме, ки саршумори пешниҳодшуда мувофиқат намекунад ва ё чорво ба ягон касалии сироятӣ гирифтор аст хоҷагии қабулкунанда чорворо ба карантин месупорад. Карантини муайян намудани ҳолати чорво то 3 рӯз давом мекунад. Тамоми хароҷотро тарафи чорвосупоранда ба ӯҳда мегирад. Баъди тамом шудани карантин чорворо бар мекашанд ва дараҷаи фарбеҳии онро муайян менамоянд. Чорвое, ки  бо  ягон касалӣ ва ё ягон иллат меоянд, онҳоро барои куштан дар навбати аввал мемонанд.

Дар ҳолате, ки шахси қабулкунанда чорворо қабул намекунад,  сабаби қабул накарданро дар  роҳхати борию – нақлиётӣ бояд қайд намояд. Дар ҳолати  инкор кардани тарафи қабулкунанда, тарафи супоранда бояд ба ташкилотҳои болоӣ муроҷиат намояд ва санад тартиб диҳанд. Дар ин ҳуҷҷат тарафи супоранда ва қабулкунанда  мӯҳлати  саршавӣ ва ба итмомрасии қабулро қайд менамоянд. Вақти қабули чорво ҳамон вақте ҳисоб карда мешавад,ки дар ҳолати бо нақлиёти роҳи оҳан ё обӣ овардани чорво, вақти фаровардани он ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар асоси шартнома оварда расонидани чорво бояд то як соати охири кор ҳамон рӯз қабул карда шавад, дар ҳолати дар ҳамон вақт оварда нарасонидан чорво рӯзи дигар дар навбати аввал бояд қабул карда шавад. Дар ин ҳолат тарафи қабулкунанда бояд ба чорво ҷои нигоҳдорӣ, обхӯрӣ ва хӯрокаро таъмин намояд. Дар ҳолати кашонидани чорво бо нақлиёти роҳи оҳан, чорво бояд тамоми вақт, шабу рӯз қабул карда шавад. Қабули чорво ҳамон вақт тамомшуда ҳисоб меёбад, ки ҳамаи чорво бар кашида ва дараҷаи фарбегии он аниқ карда шавад. Агар шахси қабулкунанда дар ин вақти муайяншуда чорворо қабул накард, дар он сурат тамоми зарарро ҷуброн менамояд.

Баъди назорати бойтории чорво вайро аз рӯи синну сол ва дараҷаи фарбегии он баҳо медиҳанд. Барои чорвоҳои алоҳида, ки аз дигар чорвоҳо фарқ мекунад нархномаи алоҳида тартиб медиҳанд. Чорворо аз рӯи дараҷаи фарбегиашон ба гурӯҳҳо ҷудо намуда ба онҳо нишона (клейма) мегузоранд.

Ҷавонаҳоеро, ки ба онҳо пули иловагӣ дода мешавад ва буққачаҳоеро, ки то 2-солагӣ вазни зиндаи аз 300 кг боло доранд алоҳида бармекашанд. Ҳангоми нофаҳмӣ пайдо шудан байни қабулкунанда ва супоранда ба чорво як рӯз истироҳат дода мешавад. Чорворо бо ҷой, хӯрока ва об таъмин менамоянд. Тамоми хароҷот аз тарафи қабулкунанда сурат мегирад. Супоридани ин гурӯҳи чорво 3 соат пас аз хӯрдани об ва хӯрок давом дода мешавад.

Натиҷаи баркаш ва дараҷаи фарбегии чорворо қабулкунанда дар сутуни «Қабул кардам » -и роҳхати борию-нақлиётӣ менависад. Дар сутуни «Эзоҳ», агар чорво ифлос ва ё ягон аломати дигар дошта бошад қайд карда мешавад.

Баъди қабули чорво бармекашанд, ба роххати борию-нақлиётӣ қабулкунанда ва супоранда имзо мегузоранд, баъд чорво супоридашуда ҳисоб меёбад ва ҷавобгарӣ ба ӯҳдаи қабулкунанда мегузарад. Ҳангоми пур кардани борхати борию-нақлиётӣ аз вазни зиндаи чорвои қабулкардашуда, вазни хӯроки дар шикамба бударо, 2 соат пас аз равоншудан, ба миқдори 3%; чорвоеро, ки ба воситаи нақлиёти боркаш аз масофаи 50-100 км оварда шудааст -1,5% кам мекунанд, агар масофа аз 100 км зиёд бошад ин нишондодро ба инобат намегиранд. Агар чорво то 2 соати баъд аз овардан қабул карда нашуда бошад, ба ҳар соати зиёд истодани чорво 0,5 % кам мекунанд.

Агар овардани чорво дар масофаи зиёда аз 100 км 2 соат дер карда шавад, 5 соат дер аз масофаи 50-100км, 8 соат бо нақлиёти роҳи оҳан ва обӣ аз вазни зиндаи дар борхати борию-нақлиётӣ нишондодашуда 3% (вазни хӯроки шикамба ) кам карда мешавад.

Аз модагове, ки дар нимаи дуюми буғӯзӣӣ қарор дорад ва аз пода хориҷ карда шудааст, аз вазни зиндааш 10 % кам карда мешавад.

Ҳангоми пайдо шудани нофаҳмии тарафҳо барои муайян намудани дараҷаи фарбегии чорво одатан онро мекушанд. Хароҷотеро, ки ҳангоми куштан пайдо мешавад аз тарафи шахси норозӣ буда ҷуброн карда мешавад. Дараҷаи фарбегии чорво аз рӯи ГОСТ ва сифати гӯшт муайян карда мешавад. Натиҷаи чорвои забҳ кардаро санад тартиб медиҳанд ва як нусхаи онро ба шахси супоранда медиҳанд.

Саршумори чорвоеро, ки комбинати гӯшт қабул менамояд вобаста ба хоҷагиҳо ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Дар муҳлати пеш аз куштан ба чорво хӯрок дода намешавад, додани об бошад 3-4 соат пеш аз куштан манъ кардан мешавад.

Ҳангоми куштан ба хотири муайян намудани он, ки танаи гӯшт ба кадом хоҷагӣ таалуқ дорад, гӯши чорворо бо рақамаш мебуранд ва онро ба тана мечаспонанд.

Ба нимтанаҳои гӯшт тамға мезананд ва дар он категорияи онро менависанд. Ба ғайр аз он дар гӯшт мӯҳр низ мегузоранд ва дар он дараҷаи фарбегии чорворо қайд менамоянд. Мисол барои чорвои калони шохдор дараҷаи фарбегиро бо ҳарфҳои В (баланд), С (миёна) ва Н (хароб) қайд менамоянд. Ба гӯшти ҷавонаҳо иловатан дар пои пешашон мӯҳр бо ҳарфи «М» мегузоранд. Ба гӯшти буққачаҳои то 2 сола, ки дараҷаашон баланд аст мӯҳр бо ҳарфи «В» мегузоранд. Дараҷаро чунин муайян менамоянд :

Дараҷаи 1-ум – мӯҳри гирд;

Дараҷаи 11-юм – мӯҳри чоркунҷа;

Хароб - мӯҳри секунҷа

Баъд аз ин нимтанаро бар мекашанд онро ба борхат ҳамроҳ менамоянд (нусхаи 3 ист. гӯшт). Борхат дар 4 нусха тартиб дода мешавад; нусхаи сеюм ба шахси супорандаи чорво дода мешавад.

**Ба ҳисобгирии маҳсулоти чорво.** Маҳсулнокии чорворо аз рӯи вазни зиндааш баҳо медиҳанд. Ба чорвои қабулкардашударо квитансия тартиб медиҳанд (нусхаи ПК-1), ки он ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб меравад ва тарафи қабулкунанда аз рӯи он тарафи супорандаро бо маблағ ҳисобӣ менамояд. Вай инчунин ҳуҷҷати асосӣ оид ба ҳисобгирии хариди давлатии маҳсулот ба ҳисоб меравад.

Квитансия дар асоси маълумотҳои борхати борию нақлиётӣ навишта мешавад ва натиҷаи қабул (баркаш, ҳисоб ва муайян кардани сифат) дар намуди се нусха, якумаш барои хоҷагии маҳсулоттайёркунанда дода

мешавад. Дар квитансия дар сутуни алоҳида ҳамаи чорво аз рӯи дараҷаи фарбегиашон ҷудо карда шуда дар он ҷо аз кадом гурӯҳ нархи вазни зинда кам карда мешавад ва дар кадом гурӯҳ илова карда мешавад қайд мегардад. Сутуни «Вазни холис» дар ҳамон сурат пур карда мешавад, ки агар чорво дар намуди гӯшт супорида шуда бошад. Дар сутуни «Нарх» нархи амалкунандаи вазни зинда ва гӯштро мегузоранд. Дар ҳолати супоридани гӯште, ки аз чорвои маҷбуран кушташуда гирифта шудааст, квитансияи қабул тартиб медиҳанд, ки дар он ба ғайр аз вазни холис, вазни гӯштро ба вазни зинда гардонидан низ қайд карда мешавад.

Дар квитансияи қабул вазни холиси гӯштро қайд менамоянд, яъне миқдори гӯште, ки баъди қассобӣ намудан ба даст омадааст ва ба ҳисоби баргардонидан ба вазни зинда. Сутуни 5-уми квитансияро пур намекунанд, вазни зиндаи ҳисоб кардаро дар сутуни 6 қайд менамоянд.

Ҳангоми ҳисоб кардан вазни хӯроки дар шикамба буда ва гӯсолаи дар батни модагов буда кам карда намешавад. Дар сутуни 7 «Нарх» нархи хариди гӯштро менависанд. Ба ҳисобгирии қабули чорво (нусхаи 9 ист., гӯшт) аз тарафи муҳосибот дар ду нусха алоҳида барои ҳар намуди чорво тартиб дода мешавад. Дуюм нусхаи квитансия ба шахси супоранда баргардонида мешавад.

Чорвое, ки ба давлат фурӯхта шуд ба нақшаи иҷрои фурӯш дохил карда мешавад.

Вазни зиндаи чорвои касал, ки комбинати гӯшт қабул кардааст, лекин гӯшташ барои истифода номумкин аст ва ё хароб (ғайристандартӣ) ба нақшаи иҷрои фурӯш ҳамроҳ намекунанд, аммо ба миқдори умумии захира онро низ ҳисоб мекунанд. Ба ҳисобгирии гӯшти чорвои маҷбурӣ забҳшударо бо роҳи истифода аз коэффитсиент чунин ҳисоб мекунанд: гӯшти гов дараҷаи 1-1,8; гӯшти гов дараҷаи 11 -1,9.

**Хариди пӯст.** Пӯстро барои пур кардани нақшаи давлатии харид ташкилотҳои махсуси захиракунанда аз рӯи шартнома қабул менамоянд. Аз тамоми чорвои забҳкардашуда ва чорвои аз касалӣ вафтида пӯстро ҷудо мекунанд. Дар хоҷагӣ бо технологияи қабулшуда пӯстро коркард менамоянд ва онро на камтар аз 10 рӯз баъди ҷудо кардани пӯсти чорво месупоранд. Барои ин махсус шахсони мутасаддӣ ҳастанд, ки нигоҳдоштан ва супоридани пӯст ба онҳо вобаста карда мешавад.

Пӯсти чорвои калони шохдор дар намуди консервакунонидашуда бо муайян намудани рӯзи супоридан бо шахси қабулкунанда супорида мешавад.

Пӯсти тоза ҷудо кардашуда (парная шкура) дар муддати 2-3 соат бояд супорида шавад. Пӯст яклухт ҷудо карда мешавад, барои ин рост аз тарафи шикам мебуранд. Аз атрофи пӯст ҳамаи он қисмҳои иловагиро мегиранд. Аз қисми дум пӯст то дарозии 8 см аз қисми асосӣ чудо карда мешавад. Пӯст на камтар баъд аз 2 соати ҷудо кардан бояд коркард карда шавад. Коркарди пӯст аз тоза кардан ва шустани он сар мешавад.

Барои ҳар минтақа ва вобаста ба фасли сол усулҳои коркарди пӯст гуногун аст. Пӯстро ҳам бо маҳлули намак ва ҳам бо усули намаки хушк коркард менамоянд. Пӯстҳои бо маҳлули намак коркард кардаро мепечонанд ва ба махсус халтаҳо ҷой мекунанд, хушкашро боло-болои ҳам мегузоранд. Дар якҷоягӣ кашонидани ҳар ду усул иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат байнашон бо матои клеёнкагӣ бояд ҷудо карда шавад.

Ба ҳар як бандчаи пӯст дар алоҳидагӣ борхати сафарӣ тартиб медиҳанд ва ба он шахси масъул, ки пӯстро месупорад имзо мегузорад. Ҳангоми қабул ба ҳар як пӯст нишона мегузоранд, нишондодҳои асосӣ ва рақами квитансияро қайд менамоянд. Дар як вақт сифати пӯстро муайян менамоянд, намуди маҳсулот, вазн, масоҳат, усули коркард , навъ

ва дигар нишондодҳои онро, ки сифати маҳсулот ва нархи онро муайян менамояд қайд менамоянд. Ба пӯсти қабулкардашуда қабулкунанда квитансия тартиб медиҳад (нусхаи ПК-22).

# Машғулияти 18. Номгӯи корхонаҳое, ки коркарди аввал мегузаронанд

**Мақсади дарс:** шинос шудан бо корхонаҳое, ки коркарди аввал мегузаронанд. Донишҷӯ бояд бо корхонаҳои коркарди аввал шинос бошад. Вазифаҳои ҳар кадоми онҳо аз чиҳо иборат аст муайян карда тавонад.

Коркарди маҳсулоти чорво дар корхонаҳои иқтидор ва дараҷаи техникиашон гуногун гузаронида мешавад. Асосан аз чунин корхонаҳои коркади гӯшт истифода мебаранд: комбинати коркарди гӯшт, сардхона, кушишхона, қассобхона, корхонаҳо барои дуд кунонидани гӯшт, комбинатҳои хӯрокворӣ, ҳасиббарорӣ, заводҳои консервабарорӣ.

**Комбинати коркарди гӯшт.** Ин корхонаи асосии истеҳсолии коркарди гӯшт мебошад, ки аз рӯи иқтидори истеҳсолиаш ба 6 гурӯҳ ҷудо мекунанд. Корхонаи калонтарини истеҳсоли гӯшт метавонад дар як сол то 30-35 ҳазор тонна гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро коркард намояд. Ин корхонаҳо пурра механизатсия ва автоматизатсия кунонида шудаанд ва пурра маҳсулоти қассобишударо истифода менамоянд. Ба ғайр аз коркарди гӯшт дар ин корхонаҳо сеххҳои коркарди ҳасиб ва консерва низ амал менамояд. Дар комбинати коркарди гӯшт , ҷойҳои махсус барои нигоҳ доштани чорво (скотобаза) , сеххҳои асосӣ ва ёрирасон ба монанди (дегҳои коркарди маҳсулот, иншоотҳои тозакунӣ ва сеххҳои хунуккунӣ) низ мавҷуданд.

Майдончаҳои нигоҳдории чорво барои қабул, назорати бойторӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани чорво ва нигоҳ доштани онҳо то қассобӣ намудан истифода карда мешаванд. Майдончаҳо бо охур ва обхӯракҳо таъмин карда мешаванд. Дар ҳудуди майдончаҳои нигоҳдорӣ бояд шуъбаи карантинӣ, изолятор ва кушишхонаи санитарӣ барои чорвои касал ва касалиҳои сироятӣ бошад.

**Сардхона.** Ин корхона барои коркарди аввал, хунук кардан ва нигоҳ доштани гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣпешбинӣ шудааст. Сардхонаҳо анборҳои махсус буда барои захира намудани маҳсулоти гӯштӣ истифода мешаванд, ки дар ҳолати зарурӣ онро ба ҷойҳои лозимӣ интиқол медиҳанд. Вақтҳои охир онҳоро ҳамчун комбинати гӯшт истифода мебаранд.

**Қассобхона.** Онҳо як корхонаи хурде мебошанд, ки иқтидори он қадар калон надоранд ва барои коркард кардани чорво истифода мешаванд. Онҳоро дар деҳаҳо ва ҷойҳои аҳолинишин сохтан мумкин аст. Дар хоҷагиҳо барои чорвое, ки ба куштан зарурият доранд кушишхонаҳоро дар ҳавои кушод ва ё дар зери соябонҳо ва дохили иморатҳо месозанд. Дар ин ҷойҳо махсус аз болорчаҳо секунҷа месозанд, ки ҳангоми коркард, танаи чорворо дар он ҷо овезон мекунанд.

**Тайёр кардани чорво барои куштан.** Одатан ин амал аз супоридан ва қабули чорво , ки онҳоро аз рӯи дараҷаи фарбегиашон, вазни зинда ва ҷинсашон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд, оғоз меёбад.

Ба куштан тайёр кардани чорво, дар оянда ба сифати маҳсулот ва коркарди аввал таъсири хуб мерасонад. Барои ин чорворо пеш аз куштан дар майдончаҳо нигоҳ медоранд. Одатан чорвои калон ва хурди шохдорро то куштан муддати 24 соат, хук – 12, гӯсолаҳоро 6 соат нигоҳ медоранд. Дар ин муддат ба чорво хӯрок намехӯронанд, обро бошад танҳо 2 соат пеш аз куштан манъ менамоянд. Пеш аз куштан то ин мухлат нигоҳ доштани чорво аҳмияти калон дорад. Ин имконият медиҳад, ки дар ин муддат рӯдаю меъдаи чорво аз хӯрока озод шавад. Дар ин сурат коркарди аввал хуб мегузарад ва дар ҳолати буридани рӯдаю меъда заҳролудшавии гӯшт кам мешавад ва бо ин меъёрҳои санитарӣ риоя карда мешавад. Нигоҳдории чорво пеш аз куштан имконият медиҳад, ки чорво баъди кашонида овардан истироҳат намояд ва организмро аз моддаҳои нолозима тоза намояд.

Муҳлати муқараршуда дар ҳолати дуруст риоя намудан ба камшавии маҳсулоти гӯштӣ ва равған оварда намерасонад. Аммо вақте, ки ба чорво муддати як рӯз об дода нашавад, дар натиҷаи ҷабида гирифтани бофтаю мушакҳо намнокиро, вазни зиндаи чорво то 3-4 % кам мешавад. Дар ин ҳолат пӯст бо душвориҷудо карда мешавад. Дар ҳолати дурру дароз нигоҳ доштани чорво бе хӯроку об бошад камшавии вазни зинда бештар ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, дар муддати ду шабонарӯз бе хӯрок ва об нигоҳ доштани чорво вобаста ба ҳарорати беруна, вазни зиндаро то 5-7 % кам мекунад. Одатан дар иморатҳои намнок, ифлос ва ҳарораташ паст чорво худашро бад ҳис мекунад.

Нигоҳ доштани чорво то куштан аз масофаи кашонидани чорво низ вобастагӣ дорад. Ҳангоми дароз будани роҳ, вақти нигоҳдорӣ кам карда мешавад. Ҳаминхел, агар масофаи кашонида овардани чорво аз 100 км зиёд бошад, чорвои калон ва хурди шохдор то 15 соат, хук- 5 соат нигоҳ дошта мешавад. Сифати гӯшт аз ҳолати чорво низ вобастагӣ дорад. Бероҳатӣ, тарс ва дард гардиши хунро дар организм метезонад ва ин имконият намедиҳад, ки бехункунии чорво хуб гузарад. Бад бехуншудани гӯшт, ранги гӯштро тира ва ё кабудчатоб мегардонад ва онро муддати дароз нигоҳ доштан аз имкон берун аст. Ин ҳолат одатан ҳангоми бор кардан ва фаровардани чорво, ки ягон зарба ва ё лат мехӯранд рух медиҳад.

## Машғулияти 19.Технологияи интенсивии парвариш ҳангоми давраи пурраи истеҳсоли гӯшт

**Мақсади дарс:** шинос шудан бо технологияи интенсивии парвариш ҳангоми давраи пурраи истеҳсоли гӯшт. Донишҷӯ бояд бо ҳар давра аз наздиқ шинос бошад ва донад, ки ин давраҳо аз чандрӯзӣ иборатанд ва дар ин давра чорво чӣ қадар бояд вазн гирад ва хӯроки асосии он дар ин давра чист.

Ҳангоми технологияи интенсивӣ давраи пурраи истеҳсолот ба се давраи технологӣ ҷудо карда мешавад: парвариш, парвокунӣ ва бӯрдо-қикунии ҷавонаҳо дар фермаҳои махсусгардонидашуда ва комплексҳои истеҳсолӣ

аз синни 15-20 рӯзагӣ то 14-18 моҳагӣ ва ба фурӯш баровардани чорво бо вазни 420-450 кг. Технологияи истеҳсоли гӯшт аз се давра иборат аст, ки бевосита аз тарзи хӯронидан ва нигоҳдоштани чорво вобастагӣ дорад. Вобаста аз суръати парвароиши ҷавонаҳо, ҳолати базаи хӯрока ва таъминоти хӯрокаҳо вариантҳои гуногунро интихоб кардан мумкин аст, ки давомоти ҳамаи онҳо 14-18 моҳ бошад.

1. **Давраи якум.** Ин давраи парвариш давраи профилакторӣ, ширхӯрӣ ва баъдиширхӯриро дар бар мегирад.

**Давраи профилакторӣ** (15-20 рӯз) . Ба ҷавонаҳо фалла хӯронида мешавад (5-7 рӯз) ва шир ба миқдори 80-100 кг ба як гӯсола. Гӯсолаҳо дар катакчаҳои махсус, ки ҳама тарафашон маҳкам аст ва дар сексияҳои махсус ҷой карда шудааст нигоҳ дошта мешаванд. Ҳаҷми сексияҳо барои 20-25 гӯсола. Ҳарорат дар профилактория бояд 16-20 $^0$С , намнокӣ 70% бошад.

**Давраи ширхӯрӣ** (55-60 рӯз) . Гӯсолаҳо дар сексияҳои махсус бо идора кардани микроиқлим, нобаста дар гурӯҳҳо 15-20 сарӣ нигоҳ дошта мешаванд. Дар ин давра ба гӯсола 28 кг шири хушк, 250-280 кг шири натуралӣ, 45 кг комбикорм, 15-20 кг бедаи хушсифат хӯронида мешавад.Ҳарорат дар профилактория бояд 15-17 $^0$С, намнокӣ 70% бошад.

**Давраи баъди ширхӯрӣ** (80-120 рӯз). Ҷавонаҳоро дар сексияҳо гурӯҳӣ нигоҳ медоранд. Дар асоси калон шудани чорво мумкин аст, ки саршуморро дар гурӯҳҳо камтар кунанд. Хӯроки асосӣ – беда, тарбеда, силоси хушсифат ва комбикорм КР-2. Дар асоси технологияи қабулкардашуда бояд вазнафзункунии шабонарӯзӣ 700-800 г –ро ташкил диҳад. Иморат аз рӯи гуфтаи «ҳама холӣ- ҳама банд» истифода бурда мешавад.

**11. Давраи дуюм** . Давраи парвокунӣ аз 6-7 то 10-12 ё 12-15 моҳагӣ (145-210 рӯз). Хӯронидани ҷавонаҳо дар асосӣ вазнафзункунӣ ба нақша гирифта мешавад. Таркиби вояи хӯрока аз 75-80 % силос ва ё тарбеда ва 20-25 % хӯрокаҳои консентратӣ иборат аст. Хӯрокаҳои ҳаҷмнок бояд хушсифат бошанд. Вобаста аз дараҷаи истеҳсолот вазнафзункунии шабонарӯзӣ 750-1000 г, сарфи хӯрока 6,0-6,5 воҳ. хӯрока ба 1 кг вазнафзункунӣ ба нақша гирифта мешавад.

Тарзи нигоҳдории ҷавонаҳо гурӯҳӣ (20 сарӣ), нобаста дар дохили иморат ва ё майдончаҳои мавсимӣ. Дар ин давра ба ҷавонаҳо имконияти сайру гашт карданро дар чарогоҳҳо муҳайё кардан лозим аст.

**111. Давраи сеюм.**Давраи хотимавии бӯрдоқикунӣ аз 12 то 15 ё ин, ки аз 15 то 18 моҳагӣ (90-150 рӯз). Дар биноҳои шакли пӯшида бо таъминоти микроиқлим гузаронида мешавад. Таркиби хӯрока аз 55-60 % хӯрокаҳои дурушт ва 40-45 % хӯрокаҳои консентратӣ иборат аст. Вазнафзункунии шабонарӯзӣ 900-1000 г, сарфи хӯрока ба 1 кг вазнафзункунӣ 9-10 воҳиди хӯрока. Ҳангоми нобаста нигоҳ доштан ба 1 сар чорво 2,0-2,2 $м^2$ ҷой ҷудо карда мешавад.

Ғизонокии шабонарӯзаи вояи хӯрока вобаста аз синну сол чунинаст: дар синни 1-3 моҳагӣ – 1,96 воҳ. хӯрока, 3-7 -3,01; 7-10- 5,8; 10-13- 8,13; 13-16 – 9,25; 16-18 моҳагӣ– 12,2 воҳ.хӯрока. Ғизонокии умумӣ дар хӯрокаҳо ба 3240 воҳ.хӯрока аз он ҷумла консентрат ба 40% баробар аст. Умуман, дар тамоми давра ба 1 кг вазнафзункунӣ 8 воҳ. хӯрока сарф карда мешавад (410 кг ҷамъи 30 кг ҳангоми таваллуд) ва вазни зиндаи буққачаҳо 440 кг-ро ташкил медиҳад.

Таркиби комбикорм аз инҳо иборат аст: ҷав- 35 %, гандум ва боқимондаҳои вай- 25, ҷуворимакка – 15-20, нахӯд – 10-15 %. Чунин комбикорм, ки аз ғаладонагиҳо иборат аст имконият медиҳад, кибо сарфи ками хӯрока маҳсулоти гӯштии зиёд ба даст оварда шавад. Биноҳое, ки чорворо нигоҳ медоранд бояд аз фаршҳои тахтагӣ ва ё аз тахтасангҳои керамзитию бетонӣ сохта шуда бошанд.

**Тест барои санҷиши аз худ намудани маводҳо**

1. Рекорди аз ҳама баланди вазни зинда ба кадом зот таалуқ дорад?
   1. Кианӣ
   2. Шароле
   3. Голштинӣ
   4. Лимузин
   5. Санта-гертруда
2. Ҳайвонеро, ки шох надорад чӣ меноманд?
   1. Бешохкардашуда
   2. Кал
   3. Ахтакардашуда
   4. Акселерат
   5. Шохбурида
3. Шох ба ғайр аз функсияи муҳофизатӣ боз кадом функсияро иҷро менамояд?
   1. Барои зебоӣ
   2. Муайян кардани ҷинс
   3. Барои хоридани қисмҳои тана
   4. То ҳарорати оптималӣ хунук кардани хун
   5. Ягон функсия надорад

4. Баромади тозаи гӯшт дар зотҳои махсусгардонидашуда ва авлодҳои ёбоии онҳо?
   1. Махсусгардонидашуда -45-50, ёбоӣ-35-38 %
   2. Махсусгардонидашуда-55-58, ёбоӣ-38-40 %
   3. Махсусгардонидашуда-60-65, ёбоӣ -40-48 %
   4. Махсусгардонидашуда-70-75, ёбоӣ-55-60%
   5. Махсусгардонидашуда ва ёбоӣ баробар

5 . Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи чорвои калони шохдор кадом аст?
1. Меъдаи чор ҳуҷрага
2. Доштани шох
3. Ҷуфтсум
4.Рафтори подагӣ
5.Вазни зиндаи калон
6. Дар чорвои ширӣ нисбати вазни сина ба вазни зиндаи модагов чӣ қадар аст?
1. 0,2-0,3 %
2. 0,8-1,5 %
3. 2,0-2,5 %
4. 3,0-5,0 %
5. 3,5-6,5 %
7. Хусусиятҳои фарққунандаи чорвои махсусгардонидашудаи гӯштӣ?
1. миқдори зиёди хӯрокаро истеъмол менамояд
2. тезрас
3. деррас
4. ҷонсахт
5. серғайрат
8. Хусусиятҳои фарққунандаи гӯшти чорвои гӯштӣ?
1.булӯрин
2.нахҳояш калон
3.қабати равғаннокӣ надорад
4.бӯи махсус дорад
5. рангаш сиёҳ
9. Чорвои калони шохдор чӣ қадар умр мебинад?
1.3-5 сол
2.8-10 сол
3.15-20 сол
4.25-30 сол
5.40-50 сол
10. Ахтакунӣ то чӣ андоза суръати инкишофи буққачаҳоро бозмедорад?
1. халал намерасонад
2.5-10%
3.12-15%
4.15-20%
5.20-25%
11.Генотип ва таъсири муҳити беруна то чӣ андоза ба маҳсулнокии буққачаҳо таъсир мерасонад?

1.10-90%
2.20-80%
3.30-70%
4.35-75%
5.40-60%
12.Дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар куҷо якумин маротиба гибридкунонии чорвои калони шохдор гузаронида шудааст?
1. бешаи Беловежӣ
2.Аскания-Нова
3.Мамнуъгоҳи Баргузинӣ
4. Бешаи Палангон
5.Вилояти Олтой
13.Аз олимони ватанӣ ба кӣ гибридкунонӣ тааллуқ дорад?
1.М.В.Иванов
2.П.Н.Кулешов
3.Е.А.Богданов
4.А.Б.Каракулов
5.Е.В.Лискун
14.Дар кадом давлат якумин маротиба гибриди брамански зебу гирифта шудааст?
1.Тоҷикистон
2.Индия
3.Канада
4.ШМА
5.Россия
15.Дар натиҷаи ҷуфтикунонии кадом зотҳо зоти гӯштии санта-гертруда офарида шудааст?
1.Лимузин-шароле
2.Зебуи браманӣ –шортгорн
3.Зебуи браманӣ-шароле
4.Бизони ёбоӣ- шортгорн
5.Абердин-ангус-лимузин
16. Муаллифи типи конститутсия кӣ ба ҳисоб меравад?
1.Е.А.Богданов
2.Н.А.Кравченко
3.П.Н.Кулешов
4.Е.Ф.Лискун
5.С.В.Карамаев
17.П.Н.Кулешов кадом намудҳои конститутсияро пешниҳод намудааст?
1. Олӣ, баланд, миёна
2.Дағал, нозук, мустаҳкам, ковок
3.Тез, оҳиста, миёна
4.Ҷуқур, ҳамвор, суфта
5.Калон , миёна, хурд.
18.Барои кадом намуди чорво шакли танаи росткунҷа хос аст?
1.Ширӣ

2.Гўштӣ
3.Думаҳсулота
4.Корӣ
5.Маҳаллӣ
19.Барои қайд намудани чорво ба китоби давлатии зотпарварӣ чанд андоза бояд гирифт?
1.5
2.10
3.15
4.18
5.20
20.Синну соли тахминии чорво , агар дар шох 5 ҳалқа мавҷуд бошад?
1.5
2.6
3.7
4.8
5.9
21.Дар ҷоғи болоии чорвои калони шохдор чанд дандони бурранда мавҷуд аст?
1.6дона
2.7дона
3.8дона
4.9дона
5.надорад
22.Ҳангоми муайян кардани вазни зинда бо усули Трухановский барои чорвои гўштӣ кадом коэффитсиентро истифода менамоянд?
1.1,5
2.2,0
3.2,5
4.3,0
5.3,5
23.Чанд фоизи балонси гўштии ҷумҳуриро гўшти гов ташкил медиҳад?
1.38-40%
2.43-45%
3.45-50%
4.53-55%
5.56-60%
24.Дар комбинати гўшт барои хўрокаҳои дар меъда буда то чанд фоиз аз вазни зинда кам мекунанд?
1.намекунанд
2.1,0%
3.2,0%
4.3,0%
5.4,0%
25.Нисбати вазни тана бо равғани дарунӣ ба вазни пеш аз кушташуда чиро нишон медиҳад?

1.Бароматди гӯшти тана
2.Вазни кушташуда
3.Баромади тозаи гӯшт
4.Баромади равған
5.Вазни холис
26. Мафҳуми «гӯшт» гуфта чиро мефаҳмед?
1. Қисми танаест, ки дар он мушакҳо, устухон, равған ва бофтаҳои пайвасткунанда дорад
2.Бофтаҳои мушакӣ
3.Бофтаҳои мушакӣ бе устухон ва тағояк
4.Бофтаҳои мушакӣ бе равған
5.Бофтаҳои мушакӣ бе устухон
27. Фоизи равған дар танаи чорвои калони шохдор?
1.3-5%
2.5-10%
3.10-18%
4.12-20%
5.19-26%
28. Каллапоча ба чанд категория ҷудо мешавад?
1.2 категория
2.3 категория
3.4 категория
4.ба ягон категория ҷудо намешавад
5.ба категория ҷудо кардан мумкин нест
29. Ҷигар ба кадом категорияи каллапоча дохил мешавад?
1.Олӣ
2.Якум
3.Дуюм
4.Сеюм
5. Ба ягон категория дохил намешавад
30. Вазни нисбии пӯсти чорвои калони шохдор?
1.3-4% аз вазни зинда
2.4-6% аз вазни зинда
3.6-8% аз вазни зинда
4.8-10% аз вазни зинда
5.10-12% аз вазни зинда
31.Пӯсти кадом гурӯҳи ҳайвонотро вобаста аз синну солашон «опоек» меноманд?
1.Пӯсти давраи ҷанинии гӯсола
2.Пӯсти гӯсола то гузаштанаш ба хӯрокаҳои растанигӣ
3. Пӯсти гӯсола баъди  гузаштанаш ба хӯрокаҳои растанигӣ
4. Пӯсти гӯсолаи мурда
5. Пӯсти гӯсолаи 10 рӯза
32.Кадом зотҳо барои истеҳсоли гӯшт беҳтаранд?
1.Сиёҳало, сурхи даштӣ
2.Костромӣ, бестужевӣ

3.Голштинӣ, айрширӣ
4.Шароле, лимузин
5.Қалмиқӣ, сиёҳало
33.Дар кадом намуди чорво суръати расиш беҳтар аст?
1.Буққа
2.Ахта
3.Гӯсола
4.Модагов
5. Барзагов
34.Кадом ҷавонаҳоро ҳангоми ба гӯшт супоридан ба синфи «беҳтарин» ҷудо мекунанд?
1.Бо вазни зиндаи 380-400 кг
2.Бо вазни зиндаи 400-420 кг
3.Бо вазни зиндаи 420-450 кг
4. Бо вазни зиндаи аз 450 кг боло
5. Бо вазни зиндаи 500 кг
35.Ҳангоми ба комбинати гӯшт супоридан, чорвои калони шохдорро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
1. 2 гурӯҳ
2.3 гурӯх
3. 4 гурӯҳ
4.5 гурӯх
5. ба ягон гурӯх не
36. Кадом зотҳо думаҳсулота ба ҳисоб меравaнд?
1.Кианӣ, кабуди белгиягӣ, голловейӣ
2.Голштинӣ, сиёҳало, лебединӣ
3.Симменталӣ, шведӣ, бестужевӣ
4.Джерсейӣ, ярославӣ, қалмиқӣ
37.Аз рӯи саршумор зоти симменталӣ дар Россия дар ҷойи чандум меистад?
1.1-ум
2.2-юм
3.3-юм
4.4-ум
5.5-ум
38. Ранги зоти бестужевӣ кадом аст?
1.Сиёҳ
2.Сурх
3.Хокистарӣ
4.Ала
5.Сафед
39.Зоти сурхи кӯзапушт дар куҷо офарида шудааст?
1.Вилояти Самара
2.Ҷумҳурии Молдовия
3.Вилояти Пенза
4.Вилояти Нижегород

5. Дар Осиёи миёна
40. Кадом зотҳо ба зотҳои хокистарӣ тааллуқ доранд?
1.Қурғанӣ, абердин-ангус
2.Шведӣ, костромӣ
3.Мен-анжу, герефорд
4.Кианӣ, шароле
5. Казоқии сарсафед, лимузин
41.Кадом зотҳо ба селексияи ватанӣ тааллуқ доранд?
1.Казоқии сарсафед, қалмиқӣ
2.Герефорд, голловейӣ
3.Лимузин, шароле
4.Санта-гертруда, кианӣ
5.Бифмастер, симменталӣ
42.Кадом зотҳои ватанӣ аз ҳама «ҷавон» ба ҳисоб меравад?
1.Герефорд
2.Қазоқии сарсафед
3.Шортгорн
4.Симментал
5.Сиёҳало
43.Ҳангоми офаридани зоти қазоқии сарсафед аз кадом зот истифода бурда шудааст?
1.Лимузин
2.Герефорд
3.Шортгорн
4.Мен-анжу
5.Шаролле
44.Кадом зотҳо дар Великобритания офарида шудаанд?
1.Санкта-гертруда,чарбрей
2.Кианӣ, шароле
3.Герефорд, абердин-ангус
4.Қалмиқӣ, қазоқии сарсафед
5. Лимузин, шортгорн
45. Кадоме аз ин зотҳо ранги сафед доранд?
1.Голловейӣ
2.Тарантез
3.Шароле
4.Симменталӣ
5.Қалмиқӣ
46.Кадом зот равғанро дар кӯҳон захира менамояд?
1.Конвертёр
2.Браманский
3.Гелбфӣ
4.Лонгхорнӣ
5.Шведузебумонанд
47.Кадом зотҳо бо истифода аз зебуи браманӣ офарида шудаанд?
1.Хайландӣ, уэлсӣ

2.Салерс, тарантэз
3.Брангус, чарбрей
4.Романолӣ, маркидҷонӣ
5.Лимузин, герефорд
48.Дар кадом синну сол модагови гӯштиро аз рӯи экстерер баҳо медиҳанд?
1.Ҳар сол
2.Аз 1 солагӣ то 3 солагӣ
3.Аз 3 то 5 солагӣ
4.Дар 5 солагӣ
5. Баҳо намедиҳанд
49.Дар кадом синну сол ҷавонаҳоро якумин маротиба баҳо медиҳанд?
1.Ҳангоми таваллуди гӯсола
2. Ҳангоми аз модар ҷудо кардан, аз 6 моҳа калон набошад
3.Ҳангоми аз модар ҷудо кардан, аз 6 моҳа хурд набошад
4.Дар синни 10 моҳагӣ
5. Баҳо намедиҳанд
50.Дар кадом синну сол гӯсоларо аз модараш ҷудо мекунанд?
1.3-4 моҳагӣ
2.4-6 моҳагӣ
3.6-8 моҳагӣ
4.8-10 моҳагӣ
5. Дар 1 солагӣ
51.Бо кадом мақсад ба чорво нишона мегузоранд?
1.Барои муайян кардани чорво
2.Барои муайян кардани ҷинси чорво
3.Барои муайян кардани синну соли чорво
4.Барои ба гурӯҳҳо ҷудо кардани чорво
5 Ягон мақсад надорад
52.Дар кадом усули нишонагузорӣ аз азоти моеъ истифода менамоянд?
1.Рақамгузорӣ дар шох
2.Холмонӣ дар гӯш
3. Усули истифода аз хунукӣ
4.Пучида гирифтан
5. Биркамонӣ
53.Кадом усули нишонагузорӣ давомноктар аст?
1.Сӯзонидан дар шох
2.Бирка
3.Пучида гирифтан
4.Бо роҳи хунукӣ
5. Гарданбанд
54.Дар кадом муҳлат ба гӯсола рақам гузоштан лозим аст?
1. На дертар аз 2 рӯз пас аз таваллуд
2.На камтар аз 5 рӯзи баъди таваллуд
3.Дар 10-ум рӯзи баъди таваллуд
4.Дар 15-ум рӯзи баъд аз таваллуд

5.Аз 2 то 10 рӯзагӣ
55.Вазни зиндаи гӯсола ҳангоми таваллуд дар зотҳои гӯштӣ?
1.30-35 кг
2. 40-44 кг
3.45-50 кг
4.50-55 кг
5. зиёда аз 50 кг
56.Вазни зиндаи буққачаҳои зотҳои калони гӯштӣ ҳангоми куштан дар синни 18 моҳагӣ?
1. 400-450 кг
2. 450-500 кг
3. 500-550 кг
4. 550-600 кг
5. зиёда аз 600 кг
57.Дар хоҷагиҳои зотпарварӣ то чанд фоизи модаговҳоро ҳамчун модаговҳои буққазой ҷудо мекунанд?
1.5-10%
2.10-20%
3.20-30%
4.30-35%
5.35-40%
58.Дар буққаи 1 сола андозаи мояхалта чӣ қадар бояд бошад?
1.20-25 см
2.25-31 см
3.32-34 см
4.30-35 см
5.35-40 см
59. Барои баҳо додани буққа аз рӯи сифати наслаш ба вай чанд модаговро вобаста мекунанд?
1.20-30 сар
2.30-40 сар
3.40-50 сар
4.80-100 сар
5. 100-150 сар
60.Дар чорводорӣ бордоркунии хеширо чӣ ном мебаранд?
1. Аутбридинг
2. Инбридинг
3. Гетерозис
4. Инсухт
5.Ном надорад
61. Кадом усули ҷуфтикунонӣ имконият медиҳад, ки дурагаҳоро ҷуфтикунонии «худ ба худ» кунанд?
1.Зотрӯёнӣ
2.Фурӯбаранда
3.Хундавонӣ
4.Саноатӣ

5.Аз нав барқароркунӣ
62.Дар кадом синну сол буққачаҳоро ба гӯшт месупоранд, ҳангоми хӯронидани консентрат-тарбеда (консентрат то 70%)?
1.13-14 моҳагӣ
2.15-16 моҳагӣ
3.16-18 моҳагӣ
4.20-21 моҳагӣ
5. то 25 моҳагӣ
63.Ҳангоми дар синни 15-18 моҳагӣ ба гӯшт супоридани буққачаҳо фоизи консентрат чӣ қадар бояд бошад?
1.35-40%
2.45-50%
3.55-60%
4.60-65%
5.65-70%.
64.Ба кадом се  протсеси технологӣ истеҳсоли гӯштро ҷудо менамоянд?
1.Профилакторӣ, давраи ширӣ, давраи баъди ширӣ
2.Парвариш, парвокунӣ , бӯрдоқӣ
3.Парвариш, синни ба камолрасӣ, бордоркунӣ
4.Гурӯҳбандӣ, бӯрдоқикунӣ, куштан
5. Таваллуд, ахтакунӣ, парвариш
65.Дар кадом синну сол гӯсолаҳоро ба комплексҳое, кибо сикли пурраи технологӣ фаъолият мекунанд меоранд?
1.5-10 рӯзагӣ
2.10-20 рӯзагӣ
3.25-30 рӯзагӣ
4.30-35 рӯзагӣ
5 . баъди 50 рӯзагӣ
66. Мӯҳлати муайяни кашонидани гӯсолаҳо дар синни 10-20 рӯзагӣ?
1.на зиёда аз 5 соат
2.на зиёда аз 8 соат
3. на зиёда аз 10 соат
4.на зиёда 12 соат
5 на зиёда аз 15 соат
67.Ҳангоми таъсис додани гурӯҳҳо фарқият байни гӯсолаҳо чӣ қадар бояд бошад?
1.5-8 рӯз
2.10-15 рӯз
3.15-18 рӯз
4.25-30 рӯз
5.зиёда аз 30 рӯз
68. Дар давраи парвариш дар як сексия то чанд сар буққачаро ҷойгир кардан мумкин аст?
1.200 сар
2. 280 сар
3. 360 сар

4. 450 сар
5 . 500 сар
69.Дар як катакча то чанд сар буққачаро ҷой кардан мумкин аст?
1.12 сар
2.18 сар
3.24 сар
4.30 сар.
5. 45 сар
70. Ба чорво вобаста ба вояи хӯрока чӣ қадар жом додан мумкин аст?
1.55-60%
2.65-70%
3.70-75%
4.75-80%
5.то 85%
71.Дар як шабонарӯз ба ҷавонаҳо то чӣ қадар барда хӯронидан мумкин аст?
1.60-70 кг
2.70-80 кг
3.80-90 кг
4. 90-100 кг
5 . аз 40-то 50 кг
72.Дар давраи аввал барои истироҳати чорво баландии такандоз чӣ қадар бояд бошад?
1.10-15 см;
2. 20-25 см;
3. 30-35 см;
4.40-45 см
5.зиёда аз 50 см
73. Бо кадом воҳиди ченак дар борхати нақлиётӣ синну соли буққаҳои то 2 сола, ки вазни зиндаашон аз 300 кг зиёд аст ифода карда мешавад?
1.Рӯз
2.моҳ
3.сол
4.соат
5. ягон чиз қайд карда намешавад
74.Меъёри кашонидани чорвои калон дар як вагон?
1.5-10 сар
2.10-15 сар
3.16-24 сар
4.25-32 сар
5. то 40 сар
75.Ҳангоми кашонидани чорво баландии борт чӣ қадар бояд бошад?
1.на камтар аз 60-81 см;
2.на камтар аз 80-100 см;
3. на камтар аз 100-110 см;
4. на камтар аз 140-150 см

5. на камтар аз 2 м.
76. Сурати ҳаракати нақлиёти чорвокаш дар роҳи асфалт?
1.на зиёда аз 45 км/соат
2.на камтар аз 60 км/соат;
3. на камтар аз 70 км/соат;
4. на камтар аз 85 км/соат
5. 100 км/соат
77. Дар гӯшти ҷавонаҳо чӣ хел нишона мегузоранд?
1. Дар пойи пеш мӯҳр бо ҳарфи «М» мегузоранд
2. Дар пойи пеш ҳарфи «М»-ро месӯзонанд
3. Дар гарданаш ҳарфи «М»-ро овезон мекунанд
4. Дар гарданаш ба намуди ситорача овезон мекунанд
5. Ягон ишора намегузоранд
78.Ҳангоми қабули чорво формаи борхати 9 заг. чанд нусха тартиб дода мешавад?
1.Якто
2.Дуто
3.Сето
4.Чорто
5.Тартиб дода намешавад.
79.Дар шароити хоҷагӣ бояд баъди чанд рӯз пӯсти намаккардашуда супорида шавад?
1.На камтар аз 5 рӯз;
2.На камтар аз 7 рӯз;
3.На камтар аз 10 рӯз;
4. На камтар аз 15 рӯз;
5.На камтар аз 30 рӯз
80. Баъд аз чанд соати аз тана ҷудо кардан пӯст коркард карда мешавад?
1.На камтар аз 2 соат;
2.На камтар аз 3 соат;
3. На камтаро аз 4 соат
4.На камтар аз 5 соат
5. На камтар аз 1 рӯз
81.Давомоти нигоҳ доштани чорво то куштан дар комбинати гӯшт?
1.6 соат
2.12 соат
3.18 соат
4.20 соат
5. 24 соат
82.Пеш аз ба фурӯш баровардан гӯшт ба чанд категория ҷудо карда мешавад?
1.ба 2;
2.ба 3
3.ба 4
4. ба 5
5 .ҷудо карда намешавад

83. Ба гӯшти навъи якум кадом тағма гузошта мешавад?
1.Секунҷа
2.Чоркунҷа
3.Гирд
4.Росткунҷа
5. Тухмшакл
84. Баромади гӯсола ба 100 сар модагов дар соҳаи гӯштӣ?
1.50-70 гӯсола;
2. 70-80 гӯсола;
3.80-85 гӯсола;
4.85-90 гӯсола;
5.100 сар гӯсола
85.Гурӯҳи чорвои калони шохдорродар чарогоҳ чӣ меноманд?
1.Пода
2.Гала
3.Рама
4.Гурӯҳ
5.Села
86.Саршумори чорвои гӯштӣ ҳангоми дар чарогоҳ нигоҳ доштан?
1.60-80 сар;
2.80-100 сар;
3.120-150 сар;
4.150-200 сар;
5. аз 200 сар зиёд
87.Саршумори гурӯҳ ҳангоми дар чарогоҳ ва дар шароити пай дар ҳамии сехӣ нигоҳ доштан?
1.60 сар модагов бо гӯсолааш;
2.80 сар модагов бо гӯсолааш;
3.120 сар модагов бо гӯсолааш;
4.150 сар модагов бо гӯсолааш;
5. 200 сар модагов бо гӯсолааш.
88.Мавсими беҳтарин барои бордор карданиговҳои гӯштӣ?
1.январ-феврал;
2.март-апрел;
3.май-июн;
4.август-сентябр
5.ноябр-декабр
89.Вазни зиндаи минималии чорво дар хоҷагиҳои молӣ ва зотӣ ҳангоми бордор намудан?
1.300-340 кг;
2.340-370 кг;
3.370-380 кг;
4.380-390 кг;
5 390 -400 кг.
90.Дар кадом синну сол буққачаҳои ҷавонро истифода мебаранд?
1. Аз синни 10 моҳагӣ;

2. Аз синни 12 моҳагӣ;
3. Аз синни 14 моҳагӣ;
4. Аз синни 15 моҳагӣ;
5. Аз синни 18 моҳагӣ.
91.Меъёри аз буққа гирифтани нутфа дар хоҷагиҳои зотпарварӣ?
1. 4 эакулят дар як ҳафта;
2.5 эакулят дар як ҳафта;
3.5 эакулят дар як ҳафта;
4. 6 эакулят дар як ҳафта;
5. 8эакулят дар як ҳафта.
92. Дар кадом ҳарорат нутфаи буққаҳоро ях мекунонанд?
1. t = -150$^0$C
2. t = -178$^0$C
3. t = -196$^0$C
4. t = -200$^0$C
5. t = -210$^0$C
93.Сарборӣ ба як сар буққа ҳангоми бордоркунии дастӣ?
1.40-50 сар модагов ва гӯсола;
2. 50-60 сар модагов ва гӯсола;
3. 60-70 сар модагов ва гӯсола;
4.70-80 сар модагов ва гӯсола;
5.80-90 сар модагов ва гӯсола.
94.Баъди чанд рӯз барои муайян кардани буғӯзии чорво ташхис мегузаронанд
1.Баъди 1 моҳи бордоркунии охир;
2. Баъди 2 моҳи бордоркунии охир;
3.Баъди 3 моҳи бордоркунии охир;
4. Баъди 4 моҳи бордоркунии охир;
5. Баъди 6 моҳи бордоркунии охир
95. То чанд рӯз пеш аз зоидан модаговро ба шуъбаи таваллудхона меоранд?
1.то 2-3 рӯз;
2. то 3-5 рӯз;
3. то 5-7 рӯз;
4. то 8-10 рӯз
5. то 10-16 рӯз
96.Сексияи махсусе, ки барои таваллуд кардани модагов ҷудо карда шудааст чӣ ном дорад?
1.Таваллудхона;
2. Хонаи маҳсус;
3.Гинекология;
4. Шуъба;
5.Зоишхона.
97. Қиммати ғизоии гӯштро аз рӯи кадом аминокислотаҳо муайян мекунанд?
1. Аминокислотаҳои Трипторан ва Оксипромин .

2. Аминокислотаҳои Аланин ва Цистеин.
3. Аминокислотаҳои Агранин ва Фениланин.
4. Аминокислотаҳои Валин ва Трипторан.
5. Аминокислотаҳои Гистидин ва Серин

98. Дар 1кг гушти равғандори чорвои калони шохдор чанд килокалория ғизо мавҷӯд мебошад?

1. Дар 1кг гӯшт аз 3000 то 4000 килокалория
2. Дар 1кг гӯшт аз 1100 то 1700 килокалория
3. Дар 1кг гӯшт аз 2138 то 2140 килокалория
4. Дар 1кг гӯшт аз 5000 то 7000 килокалория
5. Дар 1кг гӯшт аз 7000 то 9000 килокалория

99. Дар 1кг гӯшти равғандори буқачаи 1-сола чанд килокалория ғизо мавҷуд мебошад?

1. Дар 1кг гӯшт 1400 килокалория.
2. Дар 1кг гӯшт 1140 килокалория.
3. Дар 1кг гӯшт 2130 килокалория.
4. Дар 1кг гӯшт 1700 килокалория.
5. Дар 1кг гӯшт 1950 килокалория

100. Таркиби химиявии гӯштӣ гов чӣ гуна мебошад?

1. Об -20,5 %, сафеда 60-65%, липидҳо 5 %, моддаҳои минерали 15 % 600 кдж.
2.Об -50,5 %, сафеда 30-35 %, липидҳо 10 %, модаҳои минерали 15 % 600 кдж.
3. Об 67,7 %, сафеда 18,9%, липидҳо 12,4%, моддаҳои минерали 1% 782 кжд.
4. Об 90,5 %, сафеда 5,5 %, липидҳо 3,3 %, моддаҳои минерали 2% 1530 кжд.
5. Об 60%, сафеда 10%, липидҳо 20% моддаҳои минерали 10% 1378 кжд.

101.Массаи асосии сафедаҳои гӯштро кадом аминокислотаҳо ташкил мекунад?

1. Сафедаҳои глобулини, ва албумини, ки функсияи муҳофизатро иҷро мекунад дохил мебошанд.
2. Сафедаҳои коллогини ва нуклепротсиди, ки хусусияти аморафи дорад дохил мебошанд.
3. Сафедаҳои нуклепротсиди ва глипопротсиди, ки хусусияти оксиролептики дорад дохил мебошанд.
4. Сафедаҳои железопротсиди ва оксопротики, ки хусусияти қабул кардани оҳанро дорад.
5. Сафедаҳои миозин, актин, миоген, ки ба таркиби он 8 аминокислотаи ивазнашаванда дохил мешавад.

102. Муҳлати лахташавии хуни ҳайвоноти х/қ чӣ қадар мебошад?

1.Ҳайвони калони шохдор = 15-25 дақиқа, хук 3,-50 дақиқа, гӯсфанд 4,-50 дақиқа, асп 19-25 дақиқа, парранда 10 дақиқа.
2.Ҳайвони калони шохдор 1-2 дақиқа, хук 3,5 дақиқа, гӯсфанд 4,5 дақиқа, асп 2,3 дақиқа, паранда 3,4 дақиқа.

3. Ҳайвони калони шохдор 6,5-10 дақиқа, хук 3,5-5 дақиқа, гӯсфпанд 4,8 дақиқа, асп 11,5-15 дақиқа, паранда аз 1 –дақиқа кам .
4.Ҳайвони калон шохдор 30-35 дақиқа, хук 35-40 дақиқа, гӯсфпанд 25-30 дақиқа, асп 20-25 дақиқа, паранда 8 – 10 дақиқа.
5. Ҳайвони калони шохдор 1 -2 дақиқа, хук 2,3 дақиқа, гӯсфанд 4,5 дақиқа, асп 3,4 дақиқа, паранда 5,6 дақиқа.
103. Барои аз нигоҳи биологи ҳолати сеюмини пухта расидани гӯшт чӣ қадар вақт зарур аст?
1. Дар ҳолати 0-10 $^0$C, -12 шабонарӯз, 8-10 $^0$C, 5-6 шабонарӯз 16-18$^0$C 3-шабонарӯз.
2. Дар ҳолати 0-10 $^0$C, -2 шабонарӯз, 8-10 $^0$C, 10-15 шабонарӯз 16-18$^0$C 1 шабонарӯз.
3. Дар ҳолати 0-10 $^0$C, -7 шабонарӯз, 8-10 $^0$C, 30- шабонарӯз 16-18$^0$C 13 шабонарӯз.
4. Дар ҳолати 0-10 $^0$C, -1 шабонарӯз, 8-10 $^0$C, 2- шабонарӯз 16-18$^0$C 3 шабонарӯз.
5. Дар ҳолати 0-10 $^0$C, -0,5 шабонарӯз, 8-10 $^0$C, 4- шабонарӯз 16-18$^0$C 3-шабонарӯз.
104. Мақсади дудпазкунии маҳсулоти гӯштӣ дар чист?
1. Ба маҳсулоти гӯштӣ ранги равшан медиҳад сифаташ баланд мешавад.
2. Маза ва ранги гӯшт ба пуррагӣ тағйир меёбад сифаташ баланд мешавад.
3.Барои ба маҳсулот додани бӯй ва таъми хуш истифода бурда мешавад.
4. Маҳсулоти гӯштиро шӯр ва мазаашро хуб нигоҳ медорад .
5. Маҳсулоти гӯшти нимпухта боқӣ мемонад муҳлати нигохдориаш дароз мешавад.
105. Баъд аз дудпазкунӣ маҳсулоти гӯшт барои чӣ муҳлати нигоҳдориаш зиёд мешавад?
1. pH аз меъёр се чор маротиба зиёд мешавад, бактерияҳои вайронкунанда аз қабати болои он гузашта наметавонад.
2. pH якбора паст шуда ба дохили маҳсулот кислотаи органолептики ворид мешавад миқдори об кам шуда консентратсияи намак зиёд мешавад.
3. Бактерияҳои вайронкунанда аз қабати болои он гузашта наметавонад, pH аз норма се чор маротиба зиёд мешавад.
4. Миқдори кислотаҳои дохили гӯшт ду маротиба зиёд мешавад, pH аз норма се чор маротиба зиёд мешавад.
5. Оби таркиби гӯшт хусусияти физикӣ ва химиявии худро тағйир медиҳад микдори об кам мешавад.
106. Таркиби химиявии гӯшти ҳайвони калони шохдор аз кадом модаҳо иборат мебошад?
1. Аз сафеда 40-45%, об 80-85%, моддаҳои минералӣ 4-5%, пайвастиги-ҳои ғайрисафедагӣ 4-8%.
2. Аз сафеда 16,4-18,5%, об 79-82%, пайвастагиҳои органикӣ ғайрисафедагӣ 0,6-07%, моддаҳои минералӣ 0,8 – 1,0%.

3. Об 77,1 %, сафеда 26,3%, липидҳо 25,3%, моддаҳои минералӣ 1,8%, қиммати энергетикӣ дар 100 гр гӯшт 1849 кжд.
4.Аз сафеда 10-15%, об 80-85%, моддаҳои минералӣ 0,1-0,2% , об 77,1 %, сафеда 26,3%, липидҳо 25,3%.
5. Аз сафеда 30-35% об 45-50%, моддаҳои минералӣ 0,1 0,2% об 77,1 %, сафеда 26,3%, липидҳо 25,3%.
107. Ба элементҳои ҳуҷайравии хун чиҳо дохил мешаванд?
1. Оби таркиби хун ва тромбосит ҳои он.
2. Намаки таркиби хун ва ҳуҷайраҳои он.
3. Плазма, эритроситҳо, лейкоситҳо ва тромбоситхо.
4. Зардоби хун ва моноситҳо.
5. Базофилҳо ва оби таркиби хун.
108. Липидҳо дар гӯшт дар кадом шакл вомехӯранд?
1. Дар шакли триглициридҳо ва липидҳои бо оҳан пайвастшуда вомехӯранд.
2. Дар шакли холестеринҳо ва липидҳои аморфи вомехӯранд.
3. Дар шакли фосфолипидҳо, гексалипидҳо ва тонолипидҳо.
4. Дар шакли триглициридҳо, фосфолипидҳо ва холестиринҳо вомехӯранд.
5. Дар шакли аминолипидҳо ва тетрооксилипидҳо вомехӯранд.
109. Липидҳо дар организми чорво асосан дар куҷо ҷой гирифтаанд?
1. Дар мағзи сар, хун ва рагҳои хунгард .
2. Дар бофтаҳои мушакӣ ва бофтаҳои чарбии зери пӯст.
3. Дар шуш ва ҷигари чорво ва хун .
4. Дар устуғон ва рагҳои хунгард, бофтаҳои мушакӣ.
5. Дар қафаси синаи чорво ва пойҳои қафои чорво
110. Калориянокии 1кг гӯшти гови навъи 1 ва 2 чанд калория мебошад?
1. Дар 1кг гӯшт 150 килокалория
2. Дар 1кг гӯшт 250 килокалори
3. Дар 1кг гӯшт 500 килокалория
4. Дар 1кг гӯшт 900 килокалория
5. Дар 1 кг гӯшт 1080 килокалория.
111. Таркиби гӯшти чорво аз чиҳо иборат мебошад?
1. Аз лаҳм, устуғон ва равғани гӯшт пӯст рудахо, шикамба, дум аз бофтаҳои мушаки бофтахои пайвасткунанда.
2. Аз маҷмӯи бофтаҳои мушакӣ, бофтаҳои пайвастакунанда, бофтаҳои равғанин ва қисме аз бофтаҳои устухону хун.
3. Аз бофтаҳои пайвасткунанда, устуғон, лаҳм гӯшт пӯст рудахо, шикамба, дум, бофтахои пайвасткунанда
4. Аз бофтаҳои равғанин, устуғон, тағояк, гӯшт, пӯст, рӯдаҳо, шикамба, дум,аз бофтаҳои мушакӣ, бофтаҳои пайвасткунанда.
5. Аз бофтаҳои асаб, лаҳм, устуғон ва тағояк, гӯшт пӯст, рӯдаҳо, шикамба, дум, аз бофтаҳои мушакӣ, бофтахои пайвасткунанда..
112. Субпродуктаҳо кадом органҳо мебошанд?
1. Ҷигар, шуш, пойҳои қафо ва қафаси сина.
2. Рӯда, меъда, қабурғаҳо, шуш, ҷигар.

3. Калапоча, дил, ҷигар, шуш, мағзи сар ва рӯдаҳо
4.Ҷигар, дил, пӯст, қабурғаҳо ва сар.
5.Мағзи сар , шуш, рӯда, дил, қабурға.
113. Ба бофтаҳои пайвасткунанда кадом бофтаҳо дохил мешаванд.
1. Бофтаҳои нозук, сахт, тағоякӣ ва устуғонӣ.
2. Бофтаҳои равғанин, сахт, қабурғагӣ ва пойдор.
3. Бофтаҳои хунӣ, асабӣ, рагу –пайванд ва рӯдаҳо.
4. Бофтаҳои дил, устуғон, рагҳои пой ва чашм.
5. Бофтаҳои устуғон, тағоякӣ ва бофтаҳои хун.
114. Дар 1кг гӯшти равғандори буқачаи 1-сола чанд килокалория мавҷуд мебошад?
1. Дар 1кг гӯшт 400 килокалория.
2. Бофтаҳои нозук, сахт, тағоякӣ ва устуғонӣ. 3. Дар 1кг гӯшт 2130 килокалория.
4. Дар 1кг гӯшт 700 килокалория.
5. Дар 1кг гӯшт 950 килокалория
115. Ғизое, ки бо гӯшт ба организм дохил мешавад асосан барои чӣ истифода бурда мешавад?
1. Ҳамчун воситаи сершавӣ ва фарбеҳшавӣ инчунин барои конеъ намудани талаботи организми худ.
2. Ҳамчун материал барои сохтани бофтаҳо, иштирок кардан дар синтез ва мубодилаи моддаҳо ва ҳамчун манбаи энергия.
3. Сарчашмаи энергияи АТФ ва ғизои ҳуҷайраҳо ва ҳамчун воситаи сершавӣ ва фарбеҳшавӣ.
4. Барои сохтани устуғон ва рагҳои пайвастиву хунгард пурқувватии организм конеъ намудани талаботи организм.
5. Воситаи сершавӣ сарчашмаи энергияи АТФ ғизои ҳуҷайраҳо ва пурқувват шудани организм.
116. Чанд намуди вайроншавии равғани гӯшт мавҷуд мебошад.
1. Ду намуд- гидролиптикӣ ва вайроншави дар натиҷаи оксидшавӣ.
2. Се намуд - оксидшавӣ, аморфӣ ва гидролитикӣ.
3. Чор намуд- гидролитикӣ, барқароршавӣ, трушшавӣ ва сахтшавӣ.
4. Як - намуд трушшавӣ.
5.Панҷ намуд- оксидашвӣ, барқароршавӣ, трушшавӣ, сахтшавӣ ва мулоимшавӣ.
117. Омилҳои вайронкунандаи гӯшт кадомҳо мебошанд?
1. Ҳангоми дар гармии +30$^0$С нигоҳ доштан муҳлати дуру дароз нигох доштани он мебошад.
2. Дар вақти қассобикунӣ пурра бехункарда натавонистани гӯшт.
3. Дар зери таъсири микроорганизмҳои пайдокунандаи касалиҳои сироятӣ, ки бо роҳи эндогенӣ ва экрогенӣ ба организми чорво ворид мешавад.
4. Агар гӯштро муддати тӯлони намак накунем.
5. Агар гӯшти чорвои пир бошад.
118. Кадом омилҳо сурати инкишофи микроорганизмҳои вайронкунандаи гӯштро метезонанд?

1. Ҳарорат, намнокӣ, фишори  осматики pH –таркиби гӯшт, суръати гузашти  реаксияи оксиду-барқароршавии таркиби гӯшт.
2. Ҳарорати баланд  ва намнокии баланди таркиби гӯшт, ҳарорати баланди гармӣ.
3. Сурати баланди реаксияи оксиду барқароршавӣ
4. Агар pH таркиби гӯшт аз 5 кам бошад.
5. Агар фишори осматикии таркиби гӯшт паст бошад.
119. Бофтаҳои мушакӣ аз рӯи сохтаашон чанд намуд мешаванд?
1. Суфта ва нимсуфта.
2. Дағал ва нимдағал.
3. Суфта ва дағал.
4. Суфта ва тағояки.
5. Суфта ва мулоим.
120. Бофтаҳои мушакӣ аз чиҳо иборат мебошад?
1. Аз ядро, цитоплазма, чарб, сафеда, устухон, рагхои хунгард, ва аз ангиштобҳо иборат мебошад.
2.  Аз наҳҳои байни ҳуҷайравӣ,  ядро,  протоплазма, сафеда, элементҳои системаи даври ва чарб.
3. Аз ҳуҷайра, наххои мушакӣ, ядро, моддаҳои моеъи байни ҳуҷайравӣ ва наҳҳои байни ҳуҷайравӣ.
4.  Аз ҳуҷайра, ядро, сафеда, липид, ситоплазма, чарб, ангиштобҳо , устухон ва об иборат мебошад.
5.  Аз ҳуҷайра, ядро ва органелаҳои ситоплазма ва рагҳои хунгард, ва аз ангиштобҳо иборат мебошад.
121.Дар саноат  танаи яклухти гӯштро  бо кадом арраҳо ба қисмҳо ҷудо мекунанд.
1. Бо  арраи тамғаи ПЛМ-2м.
2. Бо  арраи тамғаи РЗ-ААВ-гу.
3. Бо  арраи тамғаи ПЛМ-2м.
4. Бо  арраи тамғаи В2-ФРП.
5. Аз ҳама тамгаи арраҳои соҳаи коркарди гӯштӣ.
122. Фарбеҳии чорвои калони шохдорро  бо кадом ГОСТ муайян мекунанд ?
1.  ГОСТ 5101-80
2. ГОСТ 5001-79
3.   ГОСТ 5109-81
4.  ГОСТ 5011-83
5.  ГОСТ 5110-87
123. Дар таркиби гӯшт миқдори об асосан ба кадом омил вобаста аст.
1.Аз намуди чорвои қассобишуда
2. Аз зоти чорвои қассобишуда
3. Аз дараҷаи  фарбеҳии чорвои қассобишуда
4. Аз синни чорвои қассобишуда
5. Аз тарзи қассобии чорво
124. Серравғании таркиби гӯшт асосан аз кадом омил вобаста аст.
1. Аз зоти чорво

2.  Аз намуди чорво
3. Аз дарачаи  фарбеҳии чорво
4. Аз тарзи  нигоҳубини чорво
5. Аз синну соли чорво
125. Манбаи истеҳсоли гӯшти ғизоӣ, кадом намудҳои  чорво  ба шумор мераванд.
1. Чорвои хурди  шохдор
2. Паранда
3. Харгуш
4.  Ҳамаи намудҳо
5.  Моҳӣ
126. Афзалияти истеҳсоли гӯшти ғизоиро кадом намуди чорво  ташкил менамояд.
1. Парандаҳо
2. Ҳайвони калони шохдор
3. Ҳайвонҳои ёбоӣ
4. Гӯсфандон
5. Бузҳо
127. Фарбеҳии чорворо бо чанд усул муайян мекунанд.
1. Панч усул
2. Чор  усул
3. Як усул
4. Се усул
5. Ду усул
128. Гӯшт аз чанд бофта  иборат мебошад.
1. Аз 4 бофта
2. Аз 3 бофта
3. Аз 5 бофта
4. Аз 2 бофта
5. Аз 6 бофта
129. Таркиби бофтаи мушакиро баҳисоби миёна чанд фоиз об ташкил медиҳад.
1. Аз 60 то 70%
2. Аз 65 то 75%
3. Аз 60 то 80%
4. Аз 55то 69%
5. Аз 72 то 80%
130. Дар таркиби гӯшт чанд фоиз моддаи хушк мавчуд аст.
1. 27 - 40%
2. 30-33%
3. 29-30%
4. 28-38%
5. 30-37%
131. Микдори устухону тағояк дар таркиби гӯшти гов чанд фоиз аст
1. 11-20%
2. 9-18%

3. 8-17%
4.11-22%
5.10-25%
132. Қиммати ғизои гӯштро бо кадом воҳиди ченаки ифода менамоянд.
1. Бо калограмм
2. Бо грамм
3. Бо градус
4. Бо ккал ё КДЖ
5. Бо г\%
133. Вобаста ба ташхиси органолептикӣ-чашмнигорӣ сатҳи тозагии гӯшт ба чанд навъ ҷудо мешавад.
1. Ба 4
2. Ба 3
3 Ба 2
4. Ба 5
5. Ба 1
134.Чанд фоизи вазни зиндаи чорвои калони шохдорро хун ташкил мекунад.
1. 6 %
2. 10%
3. 7 %
4. 8%
5. 9%
135. Кодом зотҳои гӯштӣ дар Тоҷикистон парвариш меёбанд?
1. Абердин – ангус, қазоқии сарсафед, шароле, қалмиқӣ.
2. Абердин – ангус, санта-гертруда, қалмиқӣ.
3. Абердин – ангус, қазоқии сарсафед, қалмиқӣ.
4. Шортгорн, абердин – ангус, қазоқии сарсафед, қалмиқӣ.
5. Абердин – қазоқии сарсафед, қалмиқӣ.